Вақф барои Аллоҳ таъоло фуруш ҷоиз нест

مترجمة باللغة الطاجيكية
وقف لله لا يجوز بيعه

# Шарҳи дарсҳои муҳим барои умуми уммат

Шарҳдиҳанда Шайх

Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон

собиқ мударрисӣ донишгоҳи ҳарами масҷиди набавӣ

# Шарҳи дарсҳои муҳим барои умуми уммат

**_Муаллиф шайх имом:_**

**_Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз раҳимаҳуллоҳ_**

**_Шарҳдиҳанда шайх:_**

**_Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон_**

**_Тарҷумон:_**

**_Шаҳобиддин Солиҳ_**

# شرح متن

# الدُّرُوس المهمَّة لعامَّة الأُمَّة

للشَّيخ الإمام: **عبد العزيز بن عبد الله بن باز**

رحمه الله وأسكنه فسيح جنَّاته

اعتنى به فضيلة الشَّيخ

هيثم بن محمَّد جميل سرحان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويِّ -سابقًا- والمشرف على موقع التَّأصيل العلميِّ

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب

المترجم

شهاب الدين صالح

هذه الطَّبعة وقفٌ لله تعالى

الطَّبعة الأولى

جميع الحقوق محفوظةٌ

إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:

islamtorrent@gmail.com

# Шарҳи пешгуфтори муаллиф

Шайх имом Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Сипосу ситоиш барои Аллоҳи парвардигори оламиён аст ва оқибат барои парҳезгорон аст. Ва Аллоҳ бар бандааш ва расулаш, паёмбари мо Муҳаммад ва бар хонаводаи Ӯ ва ҳамаи ёронаш салоту салом фиристад. Аммо баъд: Пас ин суханҳои мухтасар дар баёни баъзе чизҳое аз дини Ислом аст, ки бар оммаи мардум донистани он воҷиб мебошад ва онро "Дарсҳои муҳим барои умуми уммат" номидам.

Ва ман аз Аллоҳ талаб мекунам, ки ба он мусалмононро фоида диҳад ва аз ман онро қабул кунад, албатта Ӯ бахшандаи меҳрубон аст.

Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

## Барои чӣ "Дарсҳои муҳим"-ро меомӯзем?

Зеро он муҳимму асосӣ аст, ҳамчуноне ки онро муаллиф раҳимаҳуллоҳ номида аст ва ба хондани он олимон насиҳат кардаанд. Ва агар гӯяндае гӯяд:Оре, ин муҳим аст, локин барои оммаи уммат ва ман толибилм ҳастам, мартабаи ман аз мартабаи авоми уммат болотар аст.

Ҷавоб:Ӯро аз он чизе ки дар ин китоб аст, мепурсем, пас агар онро надонад, пас оммаи уммат аз ӯ дида беҳтар аст. Ва шоистаи толибилм ин аст, ки тавозӯъ намояд ва ин ки бар илм ва олимон такаббурӣ накунад ва бар қадамҳои олимони раббонӣ биравад. Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст, ки Муҷоҳид гуфт:"Илмро боҳаё таълим намегирад ва на мутакаббир".

**Муҳтавоҳои "Дарсҳои муҳим" чист?**

1-Тариқаи салафи солеҳ дар Қуръон хондан, ҳифз кардан, тадаббур (андешидан) ва ба он амал кардан.

2-Баёни Ислом, имон, эҳсон, тавҳид ва қисмҳои ширк.

3-Баёни намоз.

4-Баёни обдаст (таҳорат).

5-Ба ахлоқи шаръӣ зиннат додан ва ба одоби исломӣ одоб гирифтан.

6-Аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо ҳазар кунонидан.

7-Омода сохтани майит ва бар ӯ намоз хондан ва ӯро дафн кардан.

Барои чӣ олимон китобҳояшонро ба бисмиллоҳ шурӯъ мекунанд?

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз рӯи пайравӣ ба Қуръони азиз ва анбиё ва расулон алайҳимус салом. | Аз рӯи унс гирифтан ба ҳадиси:"Ҳар кори бо аҳамияте..." ва агарчи заиф аст. | Аз рӯи пайравӣ ба олимони гузашта раҳимаҳумул-лоҳ. | Аз рӯи табаррук ибтидо ба номи Аллоҳ таъоло кардан. |

# Дарси аввал

**Сураи Фотиҳа ва сураҳои хурд.**

Омӯхтани сураи Фотиҳа ва он сураҳои кӯтоҳе, ки имкон дорад, аз сураи Залзала то сураи Нос аз рӯи талқин ва дуруст кардани қироат ва аз рӯи ҳифз кунондан ва шарҳу баёни он чизе ки фаҳмидани он воҷиб мебошад.

**Баён:**

Шоиста аст, ки ҳифз карда шавад, ҳамчуноне ки ҳоли салаф буд, ҳар рӯз даҳ оят бо хондани шарҳи он аз тафсири мухтасар, монанди тафсири Ибни Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ ва аз Аллоҳ барои бар он амал кардан ёрӣ талаб намудан.

**Толибилм аз кадом тафсир шурӯъ мекунад?**

Толибилмро насиҳат карда мешавад, ки аз "Тайсири карими Раҳмон фи тафсири каломил Маннон"-и шайх Абдурраҳмон ибни Носири Сиъдӣ, Аллоҳ ӯро раҳмату мағфират кунад, шурӯъ намояд. Барои чӣ?

- Барои насиҳати олимон ва ба он эҳтимом доданашон.
- Зеро он мухтасар аст, пас муносиб аст, ки онро ибтидо-кунанда бихонад.
- Зеро ҷумлаҳои он осон ва возеҳ аст, ки дар он пӯшидагие нест.
- Зеро он ба иҷозати Аллоҳ бар амал кардани ба Қуръон ёрӣ мерасонад.
- Зеро муаллиф раҳимаҳул-лоҳ дар тавҳид аҳамият дода аст.

## Ақсоми мардум бо ҳамроҳи Қуръон чист?
## Мардум дар баробари Қуръон ба ду тараф ва миёна тақсим шудаанд:

**Кутоҳикунанда:**

Қисме ки Қуръонро тарк мекунад ва тарки он ба:-

- Тарки қироат
- Ҳифз накардан
- Беандеша хондан
- Амал накардан
- Ба он муолиҷа накардан

**Зиёдаравӣ:**

Қисме ки Қуръонро мехонад ва ҳифз мекунад беандешидан ва беамал кардан.

**Миёнаравӣ:**

Қисме ки бар қироат ва ҳифзи он мудовимат ва андеша мекунад ва аз Аллоҳ барои ба он амал кардан ёрӣ мепурсад ва ин ҳоли салафи солиҳ ва пайравони онҳо мебошад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:(وَقَالَ ٱلرَّسُولُ يَٰرَبِّ إِنَّ قَوۡمِي ٱتَّخَذُواْ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ مَهۡجُورٗا) "Ва расул гуфт:Эй Парвардигор! Албатта қавми ман ин Қуръонро тарк кардаанд". (Сураи Фурқон:30) Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ҳароина аз насли ин қавме мебарояд, ки Қуръонро мехонанд, аз ҳалқашон намегузарад, мусалмононро мекушанд, аз дини Ислом хориҷ мешаванд, ҳамонгуна ки тир аз задашуда хориҷ мешавад, ҳароина агар ман онҳоро дарёбам, онҳоро монанди куштани қавми Од мекушам".

Интихобшудаҳо аз "Тайсир-ул-Карим-ир-Раҳмон фи тафсири калом-ил-Маннон"-и аллома Абдурраҳмони Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ ва саволҳо бар асоси он.

(Тафсири сураи Фотиҳа ва он сураи Маккӣ аст)

(بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣ مَٰلِكِ
يَوۡمِ ٱلدِّينِ ٤ إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ
أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧)

(Ба номи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон. Ситоиш махсуси Аллоҳ аст, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Бахшандаи меҳрубон аст. Молики рӯзи ҷазо аст. Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем. Моро ба роҳи рост ҳидоят кун. Роҳи касоне ки бар онон неъмат додӣ, на роҳи ғазабшудагон ва на роҳи гумроҳон).

---

"Бисмиллоҳ" яъне ба ҳамаи номҳои Аллоҳ таъоло оғоз мекунам, зеро лафзи "исм" танҳо ва музоф аст, пас тамоми номҳои накӯро фаро мегирад. "Аллоҳ" ҳамон парастидашудаву маъбуд аст, Ӯ ба танҳоияш шоистаи ибодат аст, зеро Ӯ ба сифатҳои улуҳият, ки сифатҳои камол аст, муттасиф мебошад. "ар-Раҳмон-ир-Раҳим" ду исм аст, ки бар ин далолат мекунанд, ки Ӯ таъоло

дорои раҳмати васеи бузурге аст, ки ҳамаи чиз ва ҳамаи зиндаро фаро гирифтааст. Ва онро барои парҳезгорон, пайравони анбиёҳо ва расулонаш қарор додааст. Пас барои инҳо раҳмати бекарон аст ва барои дигарон насибе аз он аст.

Бидон, ки яке аз қоидаҳое, ки салаф ва имомҳои ин уммат бар он иттифоқ доранд, имон ба номҳо ва сифатҳои илоҳӣ ва аҳкоми мутааллиқ ба сифатҳо аст.

Ба таври мисол онҳо эътиқод доштанд, ки Аллоҳ "Раҳмон" ва "Раҳим" бахшанда ва меҳрубон аст, дорои раҳмате аст, ки ба он васфшуда аст, тааллуқ ба раҳматшуда дорад. Пас ҳамаи неъматҳо асаре аз осори раҳмати Ӯ мебошанд. Ва дар дигар номҳои илоҳӣ инчунин эътиқод доштанд. Дар "ал-Алим" гуфта мешавад:Ҳамоно Ӯ донову дорои илм аст, ба он ҳамаи чизро медонад. Ва "Қадир" дорои қудратест, ки бар ҳамаи чиз тавонои дорад.

"Алҳамду лиллоҳ" ҳамон ситоиши Аллоҳ ба сифатҳои камол ва феълҳояш, ки дар миёни фазл ва адл давр мезанад, мебошад. Пас ситоиши комил ба ҳамаи

ваҷҳҳояш аз они Ӯст.

"Раббил оламин" Раб ҳамон парвардигори ҳамаи оламиён аст ва онҳо ҷуз Аллоҳ ҳастанд, чаро ки Аллоҳ онҳоро офарид ва барои онон олатҳоро муҳаё намуд ва бар онҳо ба неъматҳои бузурге неъмат дод, ки агар онро аз даст бидиҳанд, барои онҳо боқӣ мондан имкон надорад. Пас онҳо ҳар неъматеро, ки доранд, аз ҷониби Ӯ таъолост. Ва тарбияи Ӯ таъоло барои халқаш ду навъ аст:Омму хос.

Тарбияи омма ин аст, ки Ӯ махлуқҳоро офарида ва ба онҳо рӯзӣ дода ва онҳоро ба масолеҳашон, ки боқӣ монданашон дар дунё ба он вобастагӣ дорад, ҳидоят кардааст.

Ва тарбияи хос, тарбияти Ӯ барои авлиёаш мебошад. Пас онҳоро ба имон тарбия мекунад ва онҳоро барои он тавфиқ медиҳад ва имонро барои онҳо комил мегардонад ва монеаҳоеро ки миёни онҳо ва Ӯ парда аст, аз онҳо дӯр мекунад.

Ва ҳақиқати ин навъ тарбият иборат аст, аз: Муваффақ шудан ба анҷом додани ҳар хайру некӣ ва аз муртакиб

шудани ҳар зиштӣ  ва бадӣ парҳез намудан аст. Ва шояд ҳамин маъно ҳамон сирре дар бештар будани дуоҳои анбиё ба калимаи "Раб" бошад, пас ҳамоно ҳамаи хостаҳои онон дар зери парвардигории хосси Ӯ дохил мебошад. Пас фармудаи Ӯ:"Раббил оламин" далолатгари ягона будани Ӯ дар офаридан ва тадбири умур ва атои неъматҳо ва бениёзии Ӯ ва ниёзмандии оламиён ба ҳамаи ваҷҳу эътибор ба сӯи Ӯ мебошад.

"Малики явмиддин", Молик касе аст, ки ба сифати малик ва подшоҳӣ муттасиф бошад, ба ҳамин хотир амр ва наҳй намуда ва подош ва ҷазо медиҳад ва бо зердастонаш ҳартавр ки бихоҳад рафтор мекунад. Дар ин оят "Молик" ба "явмиддин" изофа шудааст ва "явмиддин" ва он рӯзи қиёмат аст, рӯзе ки мардум подоши амалҳои хуб ва бади худро дарёфт мекунанд, зеро дар он рӯз ҳақиқати подшоҳӣ ва адл ва ҳикмати илоҳӣ ва қатъ шудани подшоҳии офаридагон барои халоиқ ошкор мегардад, то ҷое ки дар он рӯз подшоҳон ва зердастон ва ғуломону озодон баробар мебошанд ва ҳама дар баробари азамат ва иззати Ӯ

сари таслим фурӯ оварда ва дар интизори муҷозоти Ӯ буда, умеди савоб аз Ӯ доранд ва аз азоби Ӯ дар ҳаросанд. Ба ҳамин хотир Аллоҳ баён дошта ки молики рӯзи ҷазо аст, вагарна Аллоҳ молики рӯзи қиёмат ва дигар рӯзҳо аст.

"Иёка наъбуду ва иёка настаъин", яъне танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷуем, зеро тақдими маъмул ифодаи ҳаср мекунад ва он исботи ҳукм барои мазкур ва нафй он аз ғайраш мебошад. Пас гӯё, ки ӯ мегӯяд:Танҳо Туро мепарастем ва ғайри Туро намепарастем ва аз Ту ёрӣ металабем ва аз ғайри Ту ёрӣ наметалабем. Ва тақдим кардани "ибодат" бар "ёрӣ талабидан" аз боби тақдими ом бар хос аст ва ба хотири эҳтимом додан ба ҳаққи Аллоҳ таъоло ва тақдим намудани он бар ҳаққи банда мебошад. Ва ибодат исми ҷомеъ ва фарогир аст, ҳамаи амалҳо ва гуфторҳои зоҳирӣ ва ботиниро, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, дар бар мегирад. Ва истионат ҳамон такя кардан бар Аллоҳ таъоло дар ҷалби манфиатҳо ва дур кардани зарарҳо, бо боварӣ

кардан ба Ӯ дар ҳосил кардани ин муҳим мебошад. Анҷом додани ибодат барои Аллоҳ ва аз Ӯ ёрӣ ҷустан, василае барои касби саодати абадӣ ва наҷот аз ҳамаи бадиҳост. Пас ба ҷуз ин ду роҳ, роҳе барои наҷот вуҷуд надорад. Ва ибодат замоне ибодат ҳисоб мешавад, ки аз суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гирифта шуда ва мақсад аз анҷоми он ризои Аллоҳ бошад. Пас ба ин ду амр ибодат ҳисобида мешавад. Ва ёрӣ ҷустанро, пас аз ибодат зикр кард, бо ин ки ёрӣ ҷустан низ баъзе аз ибодат аст, ба хотири ин ки банда дар анҷоми ибодат ба ёрии Аллоҳ ниёзманд аст, зеро агар Аллоҳ ӯро ёрӣ накунад, наметавонад амрҳоро анҷом диҳад ва аз наҳй-шудаҳо парҳез кунад. Сипас Аллоҳ таъоло фармуд: "Иҳдинас сиротал мустақим", яъне моро роҳнамоӣ ва ҳидоят кун ва барои роҳи рост тавфиқ бидеҳ ва он роҳи равшанест, ки инсонро ба сӯи Аллоҳ ва Ҷаннат мерасонад. Ва он донистани ҳақ ва ба он амал кардан аст.

Пас моро ба сӯи роҳи рост ҳидоят намо ва моро дар роҳи рост ҳидоят намо. Пас ба сӯи роҳи рост, яъне ба дини Ислом чанг задан ва аз дигар динҳо рӯй гардондан аст. Ва ҳидоят дар роҳи рост, шомили ҳамаи тафсилҳои илмӣ ва амалии дин мебошад. Пас ин дуо ҷомеътарини дуоҳо ва фоидаовартарини он барои банда аст. Бинобар ин воҷиб аст, ки дар ҳар ракаате аз намозаш бо ин дуо Аллоҳро дуо намояд, чун инсон ба ин ниёз дорад. Ва ин роҳи рост иборат аст аз:"Сиротал лазина анъамта алайҳим" роҳи касоне ки ба онҳо неъмат додаӣ, аз паёмбарон, ростгӯён, шаҳидон ва накӯкорон. "Ғайрил мағзуби алайҳим" ғайри роҳи касоне ки бар онҳо ғазаб намудаӣ, онҳое ки ҳақро шинохтанд ва ба он амал накарданд, яҳудиён ва ҳамонанди онҳо. "Валаззоллин" ва на роҳи гумроҳон, ҳамонҳое ки ба сабаби нодонӣ ва гумроҳӣ аз ҳақ рӯйгардон шуданд, монанди насоро ва амсоли онҳо. Пас ин сура бо мухтасар буданаш, дарбаргирандаи мафҳумҳоест, ки ҳеҷ сурае аз сураҳои Қуръон онро дарбар надорад.

Ин сура тавҳиди сегонаро дарбар гирифта аст, тавҳиди рубубият, ки аз "Раббил оламин" гирифта мешавад ва тавҳиди улуҳият, ки ба маънои парастиши Аллоҳи яктост аз калимаи "Аллоҳ" ва "иёка наъбуду ва иёка настаъин" гирифта мешавад ва тавҳиди номҳо ва сифатҳо, ки ба маънои бовар доштан ба сифатҳои камол аст, ки Аллоҳ барои худаш собит намуда ва низ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бетаътил кардан ва монанд кардан, онҳоро барои Аллоҳ таъоло исбот карда аст. Ва ба рости бар ин калимаи "ал-Ҳамд" далолат мекунад, ҳамонгуна ки гузашт. Ва исботи нубувват аз фармудаи Ӯ "иҳдинас сиротал мустақим" гирифта мешавад, зеро ёфтани роҳи рост берисолат имкон надорад. Ва  исботи ҷазо бар амалҳо аз фармудаи Ӯ:"Молики явмиддин" гирифта мешавад ва ҳамоно ҷазо ба адл мебошад, зеро маънои дин ба адл ҷазо додан аст. Ва ин сура тақдири илоҳиро исбот мекунад ва ин ки банда фоили ҳақиқӣ аст, ба хилофи қадария ва ҷабрия, ки чунин эътиқоде

надоранд, балки дарбаргирандаи радди ҳамаи аҳли бидъат ва гумроҳӣ аст ва ин аз фармудаи Ӯ:"иҳдинас сиротал мустақим" гирифта мешавад, зеро он шинохтани ҳақ ва ба он амал кардан аст. Ва ҳар бидъаткору гумроҳе бо он мухолиф аст. Ва дарбаргирандаи дин барои Аллоҳ аз рӯи ибодат ва ёрӣ ҷустан аст, ин мафҳум дар фармудаи Ӯ таъолост:"Иёка наъбуду ва иёка настаъин". Пас ҳамду сипос Аллоҳерост, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

**(Тафсири Оятalкурсӣ)**

"Аллоҳ, ҳеҷ маъбуди ба ҳақ ҷуз Ӯ нест, зинда (ва ҷаҳони ҳастиро) нигаҳдор ва мудаббир аст, на ғанаб Ӯро фаро мегирад ва на хоб. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст аз они Ӯст, кист ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармони Ӯ шафоат кунад? Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст, медонад ва ба чизе аз илми Ӯ ҷуз ба он чи бихоҳад, иҳота намеёбанд. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дарбар гирифта ва нигаҳдорӣ он ду (замин ва осмон) бар Ӯ гарон ва душвор наояд ва Ӯ баландмартаба ва бузург аст".

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар доданд, ки ин оят бузургтарини оятҳои Қуръон мебошад, зеро он маъноҳои тавҳид, азамат ва васеъии сифатҳои Борӣ таъолоро дарбар мегирад, пас хабар дод, ки Ӯ (Аллоҳ) Зотест, ки ҳамаи маъноҳои улуҳият аз они Ӯст ва ин ки мустаҳиққи улуҳият ва бандагӣ ба ҷуз Ӯ касе нест, пас улуҳияти ғайри Ӯ ва ибодати ғайри Ӯ ботил аст. Ва ин ки Ӯ "Зинда"-ест, ки ҳамаи маъноҳои ҳаёти комил аз шунавоӣ, биноӣ, қудрат, ирода ва ғайри он аз сифатҳои зотӣ аз они Ӯст, ҳамонгуна ки дар зимни (Қайюм) ҳамаи сифатҳои феълҳо дохил мешавад, зеро Ӯ қайюмест, ки ба Зоти худ қоим аст ва аз ҳамаи махлуқоташ бениёз аст ва ҳамаи офаридаҳоро ба вуҷуд оварда аст, пас Ӯ ҳамаи офаридаҳоро ба вуҷуд оварда ва ҳамаро зинда боқӣ гузорида ва ҳамаи онҷиро, ки мавҷудот барои вуҷуди бақои худ ба он ниёз доранд ба онҳо арзонӣ дошта аст. Ва аз камоли ҳаёт ва побарҷоии Ӯ ин аст, ки "Ло таъхузуҳу синатув ва ло навм", Ӯро ғанаб фаро намегирад ва на хоб, зеро ғанаб ва хоб барои махлуқе пеш меояд, ки дучори

заъф ва нотавонӣ ва фурӯпошӣ мешавад. Ва ғанабу хоб барои Аллоҳи боазамат ва бошукуҳ нест. Ва Аллоҳ хабар дод, ки подшоҳ ва фармонравои осмонҳо ва замин аст. Пас ҳамаи махлуқот, бандагон ва мамлуки Ӯ ҳастанд ва ҳеҷ яки аз онҳо аз ин меҳвар берун намеравананд. **(Ҳамаи он чи дар осмонҳо ва замин ҳастанд бандавор пеши Аллоҳи Раҳмон меоянд).** Пас Ӯ соҳиби ҳамаи мамолик аст ва Ӯ Аллоҳест, ки дорои сифатҳои фармонравоӣ ва тасарруф ва подшоҳӣ ва бузургӣ аст. Ва аз камоли мулкаш ин аст, ки касе дар назди Ӯ шафоат намекунад, магар ба фармони Ӯ, пас ҳамаи бошарафон ва шафоаткунандагон бандаву мамлукҳои Ӯ ҳастанд, бар шафоат иқдом намеоранд, то барои онҳо иҷозат диҳад. **"Бигӯ:Шафоат ҳама аз они Аллоҳ аст, барои Ӯст подшоҳии осмонҳо ва замин".** Ва Аллоҳ ба ҳеҷ кас иҷозат намедиҳад, ки шафоат кунад, магар барои касе ки аз ӯ розӣ бошад ва ҷуз тавҳид ва ягонагии хеш ва пайравӣ аз паёмбаронашро розӣ намешавад, пас ҳар кас ингуна набошад барои ӯ насибе аз шафоат нахоҳад буд.

Сипас Аллоҳ аз илми фарогири хеш хабар дод ва фармуд, ки:Он чиро дар пеши халқҳо аст аз амрҳои оянда, ки охир надорад, медонад ва он чи аз амрҳои гузаштае, ки ҳад надорад огоҳ аст ва ҳеҷ чизи пинҳоне бар Ӯ пинҳон намемонад. (Ӯ хиёнати чашмҳо ва он чиро синаҳо пинҳон мекунанд, медонад). Ва ҳеҷ як аз офаридаҳои Аллоҳ ба чизе аз илм ва маълумоти илоҳӣ иҳота намеёбад, магар он чиро, ки Худаш бихоҳад, ки аз он ҷумла умури шаръӣ ва қадарӣ аст, ки Аллоҳ онҳоро ба он огоҳ сохта аст ва он қатраи бисёр андаке аст, ки дар илмҳо ва маълумоти Аллоҳ нопадидшуда аст, ҳамонтавр ки донотарини махлуқоти Аллоҳ, ки паёмбарон ва фариштагон ҳастанд, гуфтанд:"Ту пок ва муназаҳӣ, донише надорем, ҷуз он чи ба мо омӯхтаӣ".

Сипас Аллоҳ аз бузургӣ ва шукуҳи Хеш хабар дод ва хабар дод, ки курсии Ӯ осмонҳо ва заминро фаро гирифта аст ва осмонҳо ва замин ва он чизе ки дар миёни он ду аст, ба василаи асбоб ва низоме ки Аллоҳ дар ҷаҳони ҳастӣ ба вадиъат ниҳода аст, ҳифз мекунад. Бо вуҷуди ин ҳифозати осмонҳо ва замин барои Ӯ

вазнин ва душвор нест, чаро ки Ӯ аз камоли азамат ва иқтидор ва ҳикмати густурда бархӯрдор аст.

Ва Зоти Аллоҳ бар тамоми махлуқот волоӣ дорад, ҳамчунон ки сифатҳояш низ бар сифатҳои соири махлуқот воло аст. Ӯ воло аст ва бар ҳамаи махлуқот ғолиб аст ва мавҷудот дар баробари Ӯ залил ва таслим ҳастанд ва мушкилот ва сахтиҳо дар баробари Ӯ фурӯтананд ва гарданҳо дар баробари Ӯ хору залил.

"ал-Азим" саросар азамат ва бузургӣ ва маҷд ва ифтихор аст, дилҳо шефтаи Ӯ ҳастанд ва рӯҳҳо Ӯро таъзим менамоянд ва орифон медонанд, ки ҳар мавҷуди боазамат ва бузурге дар муқобили азамати Аллоҳи бузург ночиз аст. Пас чун ин оят мафҳумҳои бисёр волоеро дарбар дорад, шоиста аст, ки бузургтарин ояти Қуръон бошад. Ва ҳар кас ки онро мехонад, бояд дар он андеша кунад, то қалбаш аз яқин, ирфон ва имон саршор гардад ва аз бадиҳои шайтон маҳфуз бимонад.

**(Тафсири сураи "Изо зулзилат"**

**ва он сураи Маданӣ аст)**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِذَا زُلۡزِلَتِ ٱلۡأَرۡضُ زِلۡزَالَهَا ١ وَأَخۡرَجَتِ ٱلۡأَرۡضُ أَثۡقَالَهَا ٢ وَقَالَ ٱلۡإِنسَٰنُ مَا
لَهَا ٣ يَوۡمَئِذٖ تُحَدِّثُ أَخۡبَارَهَا ٤ بِأَنَّ رَبَّكَ أَوۡحَىٰ لَهَا ٥ يَوۡمَئِذٖ يَصۡدُرُ
ٱلنَّاسُ أَشۡتَاتٗا لِّيُرَوۡاْ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٦ فَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٍ خَيۡرٗا يَرَهُۥ
٧ وَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ شَرّٗا يَرَهُۥ ٨).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

(Ҳангоме ки замин бо шадидтарин ларзаҳояш ба ларза дарояд. Ва замин борҳои вазнинро берун резад. Ва инсон гӯяд:Он (замин)-ро чӣ шуда аст?! Дар он рӯз (замин) тамоми хабарҳояшро бозгӯ мекунад, зеро ки Парвардигорат ба ӯ (чунин) ваҳй (ва ҳукм) карда аст. Дар он рӯз мардум пароканда (аз мавқифи ҳисоб) боз мегарданд, то аъмолашон ба онҳо нишон дода шавад. Пас ҳар кас ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад (подоши) онро мебинад. Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад (ҷазои) онро мебинад).

(1-2). Аллоҳ таъоло аз он чизе ки дар рӯзи қиёмат воқеъ мешавад, хабар медиҳад, ки замин сахт

такон мехӯрад ва ба ларза медарояд, то ки бино ва нишонаҳое ки бар болои он аст, меафтанд ва кӯҳҳои он аз ҳам мепошад ва теппаҳо баробар мешаванд ва замин ба майдони софу ҳамвор ва бефарозу нишеб табдил мешавад. (Ва ахраҷатил арзу асқолаҳо). Ва замин мурдаҳо ва хазонаҳо ва ганҷҳоеро, ки дар даруни ӯст, берун меандозад.

(3). (Ва қолал инсону молаҳо).Ва вақте ки инсон ҳолати бузургеро, ки ба замин рӯх дода аст, мушоҳида мекунад, мегӯяд:"Онро чӣ шудааст?".

(4-5). (Явмаизин туҳаддису ахбораҳо). Дар он рӯз замин ба хубиҳо ва бадиҳое, ки мардум рӯи замин кардаанд, гувоҳӣ медиҳад. Пас замин аз ҷумлаи гувоҳоне аст, ки бар амалҳои бандагон гувоҳӣ медиҳад. (Бианна раббака авҳо лаҳо). Чун Парвардигорат ба замин дастур дода ки ба он чи рӯи он анҷом шуда аст, гувоҳӣ диҳад ва замин ҳам аз дастури Аллоҳ сарпечӣ намекунад.

(6). (Явмаизин ясдурунносу аштотал лиюрав аъмолаҳум). Дар он рӯз мардум ба сурати дастаҳои гуногун

пароканда мешаванд, то Аллоҳ корҳои бад ва некеро ки кардаанд ба онҳо нишон диҳад ва онҳо ҷазои корҳояшонро ба таври комил бубинанд.

(7-8). (Фамай яъмал мисқола зарратин хайрай яраҳ ва май яъмал мисқола зарратин шаррай яраҳ). Ин ҳамаи хайр ва шарро фаро мегирад, чун вақте инсон подош ва кайфари ҳар он чиро кардааст, мебинад, гарчи ба андозаи заррае бошад, болотар ва бештар аз онро ба тариқи авло хоҳад дид. Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд:"Рӯзе ки ҳар кас кори хуб ва бадеро, ки анҷом додааст ҳозир меёбад ва дӯст дорад, ки миёни ӯ ва он фосилаи дӯре бувад". "Ва он чиро ки анҷом дода буданд, ҳозир ва омода меёбанд". Дар инҷо одамӣ бар анҷоми кори хайр ҳарчанд андак бошад, ташвиқ шудааст ва аз анҷоми кори бад, ҳарчанд ночиз бошад, ҳазар дода шудааст.

(Тафсири сураи Одиёт ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(وَٱلۡعَٰدِيَٰتِ ضَبۡحٗا ﴿١﴾ فَٱلۡمُورِيَٰتِ قَدۡحٗا ﴿٢﴾ فَٱلۡمُغِيرَٰتِ صُبۡحٗا ﴿٣﴾ فَأَثَرۡنَ بِهِۦ نَقۡعٗا
﴿٤﴾ فَوَسَطۡنَ بِهِۦ جَمۡعًا ﴿٥﴾ إِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ لِرَبِّهِۦ لَكَنُودٞ ﴿٦﴾ وَإِنَّهُۥ عَلَىٰ ذَٰلِكَ لَشَهِيدٞ
﴿٧﴾ وَإِنَّهُۥ لِحُبِّ ٱلۡخَيۡرِ لَشَدِيدٌ ﴿٨﴾ ۞ أَفَلَا يَعۡلَمُ إِذَا بُعۡثِرَ مَا فِي ٱلۡقُبُورِ ﴿٩﴾
وَحُصِّلَ مَا فِي ٱلصُّدُورِ ﴿١٠﴾ إِنَّ رَبَّهُم بِهِمۡ يَوۡمَئِذٖ لَّخَبِيرُۢ ﴿١١﴾).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Савганд ба асбҳои даванда, ки нафасзанон (ба сӯи майдон) пеш мерафтанд. Ва савганд ба асбҳое, ки (дар асари задани сумашон ба сангҳо) оташ меҷаҳонанд, пас савганд ба асбоне, ки бомдодон ҳуҷум оваранд, пас дар он ҳангом гарду ғубор барангезанд. Ва дар онҷо ҳамаро дар миён гиранд, ҳамоно инсон дар баробари (неъматҳои) Парвардигораш бисёр носипос аст. Ва бегумон ӯ бар ин (носипосӣ) гувоҳ аст. Ва ҳамоно ӯ алоқаи фаровон ва шадиде ба мол дорад. Оё ӯ намедонад, ки чун он чи дар гурҳост, (ҳама зинда ва) барангехта шаванд? Ва он чи дар дилҳо ҳаст (ҳама) ошкор гардад. Яқинан дар он рӯз Парвардигорашон ба (вазъу ҳоли) онҳо комилан огоҳ аст".

Аллоҳ таборак ва таъоло ба асб савганд мехӯрад, чун дар он нишонаҳои ошкор ва неъматҳои зоҳире аст, ки барои мардум маълум аст. Ва Аллоҳ таъоло ба ҳолате аз асб савганд хӯрда ки дигар ҳайвонот ин ҳолатро надоранд, пас фармуд:"Валъодиёти заб-ҳа"-Савганд ба асбони тозандае, ки ба суръат ва нафасзанон метозанд ва пеш мераванд.

"Фалмуриёти қадҳа"-Ва савганд ба асбоне ки бар асари бархӯрди наъли онҳо ба санг оташ меаф-рӯзанд. Яъне аз сахтии сумашон ва қувваташон ба ҳангоми давидан ва аз бархӯрди наълашон бо санг оташ меафрӯзанд. "Фалмуғироти субҳа"-Савганд ба асбоне ки ба ҳангоми субҳ бар душманон ҳуҷум мебаранд. Ва ин бар асоси ғолибият мебошад, яъне ғолибан ҳуҷум дар субҳгоҳон сурат мегирад.

"Фаасарна биҳ"-Ва ба сабаби тохтан ва юриш бурданашон (Нақъан) ғуборе бармеангезанд.

"Фавасатна биҳи ҷамъан"- Ва ҳамроҳ бо асбсавор вориди ҷамъи душманоне мешаванд, ки бар онҳо ҳуҷум бурдаанд. Ва он чи ки бар он қасам ёд шуда

аст аз фармудаи Аллоҳ:"Иннал инсона лираббиҳи лакануд", яъне бегумон инсон аз адои ҳуқуқи илоҳӣ ба шиддат мумониъат меварзад. Пас табиати инсон танбалӣ ва ҳуқуқи молӣ ва баданиро, ки бар ӯст адо намекунад, магар касе ки Аллоҳ ӯро ҳидоят кунад ва ӯро аз ин васф ба сӯи васфи ба ҷо овардани ҳуқуқ берун оварад. "Ва иннаҳу ало золика лашаҳид"-Инсон бахилӣ ва носипосии худро медонад ва бар он гувоҳ аст ва онро инкор намекунад, чун ин чиз равшан ва возеҳ аст. Ва эҳтимол дорад, ки замир бар Аллоҳ баргардад, яъне инсон дар ҳаққи Парвардигораш носипос аст. Ва Аллоҳ бар ин носипосии ӯ гувоҳ аст. Пас дар инҷо инсон бо шиддат мавриди таҳдид қарор гирифта аст ва ба вай ҳушдор дода шуда, ки Аллоҳ бар ӯ огоҳ аст. "Ва иннаҳу лиҳуббил хайри лашадид"-Инсон мол ва дороиро сахт дӯст медорад ва муҳаббат боис мешавад, то ҳуқуқеро, ки бар ӯ воҷиб аст, тарк намояд. Ва шаҳвати худро бар ризоияти Парвардигораш муқаддам бидорад. Ва ин ба хотири он аст, ки ӯ нигоҳашро фақат ба ҳамин ҷаҳон мунҳасир карда ва аз

охират ғофил мондааст. Ба ҳамин ҷиҳат ӯро ба тарсидан аз рӯзи ҳароси бузург (қиёмат) ташвиқ намуд ва фармуд:"Афало яъламу изо бӯъсира мо фил қубур"- Оё инсоне, ки мағрур аст, намедонад, ки Аллоҳ мурдагонро аз гурҳояшон барои ҳашр ва нашр берун меоварад. "Ва ҳуссила мо фис судур"- Ва розҳое, ки дар дилҳост ва хайр ва шарре ки дар он пинҳон шуда дар он рӯз ошкор мегардад. Пас дар он рӯз ниҳон ошкор мегардад ва натиҷаи корҳо барои мардум маълум мешавад. "Инна раббаҳум биҳим явмаизил лахабир"- Ҳамоно Аллоҳ ба амалҳои зоҳир ва ботин ва пинҳон ва ошкори онҳо огоҳ аст ва дар баробари он ба онҳо ҷазо ва сазо медиҳад. Бо ин ки Аллоҳ дар ҳамаи вақтҳо аз амалҳои бандагон огоҳ аст, аммо ба таври хос фармуд:Дар он рӯз аз онҳо огоҳ аст, чун мақсад ҷазо додан бар амалҳо аст, амалҳое, ки аз доираи илм ва огоҳии Аллоҳ хориҷ набудааст.

(Тафсири сураи Қориа ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(ٱلۡقَارِعَةُ ﴿١﴾ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ﴿٢﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ﴿٣﴾ يَوۡمَ يَكُونُ
ٱلنَّاسُ كَٱلۡفَرَاشِ ٱلۡمَبۡثُوثِ ﴿٤﴾ وَتَكُونُ ٱلۡجِبَالُ كَٱلۡعِهۡنِ
ٱلۡمَنفُوشِ ﴿٥﴾ فَأَمَّا مَن ثَقُلَتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٦﴾ فَهُوَ فِي عِيشَةٖ رَّاضِيَةٖ
﴿٧﴾ وَأَمَّا مَنۡ خَفَّتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٨﴾ فَأُمُّهُۥ هَاوِيَةٞ ﴿٩﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا هِيَهۡ
﴿١٠﴾ نَارٌ حَامِيَةُۢ ﴿١١﴾).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Фурукубанда, чист (он) фурукубанда? Ва ту чӣ донӣ, ки (он) фурукубанда чист? Рӯзе ки мардум монанди парвонаҳо пароканда хоҳанд буд. Ва кӯҳҳо монанди пашми задашуда хоҳад буд. Пас аммо ҳар кас ки (дар он рӯз) палаи тарозуаш вазнин бошад, пас ӯ дар як зиндагии хушнуд (ва писандидае) хоҳад буд. Ва аммо ҳар кас ки палаи тарозуяш сабук бошад. Пас (маскан ва) панохҳгоҳаш ҳовия аст ва ту чӣ донӣ, ки (Ҳовия) чист? Оташи сӯзон (ва шӯълавар) аст".

"Алқориа" аз номҳои рӯзи қиёмат аст ва ба (Қориа) номгузорӣ шудааст, чун мардумро фурӯ мекубад ва ваҳшатҳояш ононро парешон мегардонад. Бинобар ин

онро муҳим ва бузург баршумурд ва фармуд:" Фурукубанда, чист (он) фурукубанда? Ва ту чӣ донӣ, ки (он) фурукубанда чист? Рӯзе ки мардум монанди парвонаҳо пароканда хоҳанд буд". Дар он рӯз мардум аз шиддати ваҳшат ва ҳарос чун парвонаҳои парокандашуда мегарданд, парвонаҳое, ки бархе ба миёни бархе мераванд ва мавҷ мезананд ва намедонанд куҷо мераванд ва ҳаргоҳ оташе равшан шавад ҳама ба сӯи он мераванд, чун дарки онҳо заиф аст ва мардум ки дорои ақл ҳастанд, дар рӯзи қиёмат чунин хоҳанд буд. " Ва кӯҳҳо монанди пашми задашуда хоҳад буд". Аммо кӯҳҳои сахт ва пурсалобат монанди пашми ҳалоҷишуда хоҳанд шуд, пашме ки бисёр заиф аст ва кучактарин боде онро ба ҳаво мебарад. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва кӯҳҳоро ҷомид мепиндорӣ аммо онҳо чун абрҳо ҳаракат мекунанд". Сипас кӯҳҳо ба гард ва ғубори пароканда табдил мешаванд ва аз байн мераванд ва чизе аз онҳо боқӣ намемонад. Пас дар ин вақт тарозуҳо гузошта мешавад ва мардум ба ду гурӯҳ некбахт ва бадбахт тақсим мешаванд.

"Фааммо ман сақулат мавозинуҳу фаҳува фи ишатир розияҳ". Ҳар кас некиҳояш аз бадиҳояш бештар бошад дар зиндагӣ ризоятбахше дар Биҳишти пурнозу неъмат ба сар хоҳад бурд. "Ва аммо ман хаффат мавозинуҳ". Ва аммо касе ки каффаҳои тарозуи амалҳояш сабук бошад, ба ин сурат, ки некиҳое надошта бошад, ки дар баробари бадиҳояш биистад. "Фауммуҳу ҳовияҳ" пас ҷойгоҳ ва маскани ӯ оташи Дӯзах аст. Яке аз номҳои Дӯзах (Ҳовия) мебошад ва Дӯзах ба манзалаи модараш мебошад ва ҳамвора ӯро дар оғуш мегирад. Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "Инна азобаҳо кона ғаромо"-Бегумон азоби он сахт хоҳад буд ва баъзе гуфтаанд, ки маънои оят чунин аст: Ӯ бар сараш дар Дӯзах андохта мешавад. "Ва мо адрока моҳияҳ" ин таъзими амри Дӯзах аст, сипас онро ба фармудааш тафсир кард:"Норун ҳомияҳ"-оташи бисёр гарм ва сӯзон аст ва аз оташи дунё ҳафтод баробар гармтар ва сӯзандатар мебошад. Ба Аллоҳ аз он паноҳ мебарем.

## (Тафсири сураи "Алҳокумут такосур" ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(أَلۡهَىٰكُمُ ٱلتَّكَاثُرُ ﴿١﴾ حَتَّىٰ زُرۡتُمُ ٱلۡمَقَابِرَ ﴿٢﴾ كَلَّا سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ﴿٣﴾ ثُمَّ كَلَّا
سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ﴿٤﴾ كَلَّا لَوۡ تَعۡلَمُونَ عِلۡمَ ٱلۡيَقِينِ ﴿٥﴾ لَتَرَوُنَّ ٱلۡجَحِيمَ ﴿٦﴾
ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيۡنَ ٱلۡيَقِينِ ﴿٧﴾ ثُمَّ لَتُسۡـَٔلُنَّ يَوۡمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٨﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Афзунталабӣ шуморо ба худ машғул (ва ғофил) сохта аст, то ин ки (мурдед ва) ба гуристонҳо расидед. Ҳаргиз чунин нест (ки шумо мепиндоред) ба зудӣ хоҳед донист. Боз (ҳам) чунин нест, ба зудӣ хоҳед донист. Чунин нест (ки шумо гумон мекунед) агар ба илми яқин (ҳақиқатро) медонистед, (аз фузунталабӣ ва ғафлат даст бармедоштед). Қатъан Ҷаҳаннамро хоҳед дид. Сипас муҳаққақан онро бо чашми яқин хоҳед дид. Онгоҳ ҳатман дар он рӯз аз (ҳамаи) неъматҳо пурсида хоҳед шуд".

Аллоҳ таъоло бандагонашро сарзаниш мекунад, зеро ҳадаф ва кореро, ки барои он офарида шудаанд раҳо кардаанд.

Ва он ҳамон ибодати Аллоҳи ягона ва шинохтани Ӯ ва рӯй овардан ба Ӯ ва муқаддам доштани муҳаббати Ӯ бар ҳамаи чиз аст.

"Алҳокумуттакосур"-Афзунталабӣ шумо инсонҳоро аз ин умури мазкур ғофил гардондааст. Аллоҳ зикр накард, ки мардум дар чи чизе афзунталабӣ мекунанд, то ҳамаи чизҳоеро ки мардум дар он афзунхоҳӣ менамоянд ва фахркунандагон ба он фахр менамоянд аз бисёрии молҳо, фарзандон, ёридиҳандагон, лашкарҳо, хизматгузорон, мақом ва ғайраро шомил шавад. Ва то чизҳои дигареро низ дарбар бигирад, ки ҳар кас мехоҳад аз дигаре бештар дошта бошад ва ҳадаф аз он ризоияти Аллоҳ нест. Пас ғафлат ва саргармии шумо идома ёфт, то ин ки "Гурҳоро зиёрат мекунед", онгоҳ парда аз рӯи шумо бардошта мешавад, вале акнун ҷуброни он мушкил аст. "То гурҳоро зиёрат кунед", ин далолат мекунад, ки Барзах, ҷаҳон ва сарое аст, ки ҳадаф аз он расидан ба охират аст. Ва Аллоҳ инсонҳоро зиёраткун номид ва муқим нагуфт. Ин бар растохез ва зинда шудан пас аз марг ва ҷазо

ёфтан дар баробари амалҳо дар ҷаҳони фанонопазир далолат мекунад. Бинобар ин Аллоҳ онҳоро ҳушдор дод ва фармуд:"Ҳаргиз чунин нест (ки шумо мепиндоред) ба зудӣ хоҳед донист. Боз (ҳам) чунин нест, ба зудӣ хоҳед донист. Чунин нест (ки шумо гумон мекунед) агар ба илми яқин (ҳақиқатро) медонистед, (аз фузунталабӣ ва ғафлат даст бармедоштед)". Агар афзунталабӣ шуморо ғофил намегардонд ва ба анҷоми корҳои шоиста мубодарат меварзидед. Аммо бархурдор набудан аз илми ҳақиқӣ шуморо ба ҷое бирасонад, ки мушоҳида мекунед. "Латаравуннал Ҷаҳим" яъне ҳатман қиёмат хоҳад омад, пас ҳатман Ҷаҳаннамеро ки Аллоҳ барои кофирон омода карда аст мушоҳида хоҳед намуд. "Сипас Дӯзахро бо чашми худ ошкоро хоҳед дид". Ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло мефармояд:**"Ва гунаҳгорон оташи Дӯзахро мебинанд ва медонанд, ки вориди он хоҳанд шуд ва аз он гурезе нахоҳанд дошт"**.

"Сипас дар рӯзи қиёмат аз неъматҳое, ки дар дунё аз он лаззат мебурдед пурсида мешавед", ки оё шукри онро ба ҷой овардед ва ҳаққи Аллоҳро аз он адо намудаед ва аз онҳо барои анҷоми гуноҳон кумак нагирифтаед? Онгоҳ ба шумо неъмате бартар ва беҳтар хоҳад дод. Ё ин ки фиреби неъматҳоро хӯрда

ва шукри онро ба ҷо наовардаед? Балки аз неъматҳо барои анҷоми гуноҳон истифода кардаед? Пас шуморо бар он муҷозот хоҳад кард. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва рӯзе ки кофирон бар оташи Дӯзах даровардa мешаванд ва ба онон гуфта мешавад:Шумо лаззатҳои худро дар дунё бурдаед ва аз он баҳраманд шудаед ва имрӯз азоби хоркунандае ба унвони кайфар ба шумо дода мешавад".

❁❁❁

**(Тафсири сураи Аср ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(وَٱلْعَصْرِ ﴿١﴾ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَفِى خُسْرٍ ﴿٢﴾ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ
وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلْحَقِّ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلصَّبْرِ ﴿٣﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Савганд ба аср, ки инсон дар (хусрон ва) зиён аст, магар касоне ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд ва якдигарро ба ҳақ васият намуда ва якдигарро ба сабр васият кардаанд".

Аллоҳ ба замон ки шабу рӯз аст ва бистаре барои корҳои бандагон ва амалҳояшон аст савганд мехӯрад, ки ҳамаи инсонҳо зиёнманд мебошанд. Ва зиёнкор зидди судманд аст. Зиён мартабаҳои гуногуне дорад. Гоҳо зиён мутлақ хоҳад буд, монанди касе ки дунё ва

охиратро  аз даст дода ва неъматҳоеро аз даст дода ва сазовори Дӯзах гардидааст. Ва гоҳе инсон аз баъзе ҷиҳатҳо зиёнманд мешавад ва аз баъзе ҷиҳатҳо зиёнманд нахоҳад буд. Бинобар ин фармуд:Ҳар инсоне зиёнкор аст, магар касе ки дорои чаҳор сифат бошад: Аввал:Имон доштан ба он чи Аллоҳ ба он амр намуда аст. Ва имон беилм ва огоҳӣ ҳосил намешавад. Пас илм шохае аз имон аст ва беилм имон ҳосил намешавад. Дуввум:Кори шоиста аст ва ин ҳамаи корҳои хубро шомил мешавад. Корҳои зоҳирӣ ва ботинӣ омтар аз воҷиб ва мустаҳаб, ки мутааллиқ ба ҳуқуқи Аллоҳ ва ҳуқуқи бандагонаш мебошад. Сеюм:Тавсия ба ҳақ, ки имон ва амали солиҳ аст. Яъне якдигарро ба ин тавсия кунанд ва ташвиқ намоянд.

Чаҳорум:Васият ба сабр намудан бар ибодати Аллоҳ ва сабр намудан бар муртакиби гуноҳҳо нашудан ва бар балоҳои дардноке ки аз сӯи Аллоҳ меояд, сабр намудан. Пас бо ду амри аввал банда худашро комил мегардонад ва бо ду амри охир дигаронро ба камол мерасонад. Ва бо комил шудани ин чаҳор чиз, банда аз зарар саломат монда ва фоидаи бузургеро ба даст меорад.

## (Тафсири сураи Ҳумаза ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(وَيْلٌ لِّكُلِّ هُمَزَةٍ لُّمَزَةٍ ﴿١﴾ ٱلَّذِى جَمَعَ مَالًا وَعَدَّدَهُۥ ﴿٢﴾ يَحْسَبُ أَنَّ مَالَهُۥٓ أَخْلَدَهُۥ
﴿٣﴾ كَلَّا ۖ لَيُنۢبَذَنَّ فِى ٱلْحُطَمَةِ ﴿٤﴾ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْحُطَمَةُ ﴿٥﴾ نَارُ ٱللَّهِ ٱلْمُوقَدَةُ ﴿٦﴾
ٱلَّتِى تَطَّلِعُ عَلَى ٱلْأَفْـِٔدَةِ ﴿٧﴾ إِنَّهَا عَلَيْهِم مُّؤْصَدَةٌ ﴿٨﴾ فِى عَمَدٍ مُّمَدَّدَةٍۭ ﴿٩﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Вой бар ҳар айбҷӯи ғайбаткунанда, (ҳамон) касе ки моли фаровоне гирд овард ва шумораш кард. Гумон мекунад, ки молаш ӯро ҷовидона месозад. Ҳаргиз чунин нест (ки ӯ гумон мекунад) яқинан дар Ҳутама андохта хоҳад шуд. Ва ту чӣ донӣ, ки Ҳутама чист?! Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ аст. (Оташе), ки бар дилҳо чира гардад (ва бисӯзонад). Бегумон он (оташ) бар онҳо фурӯбаста (ва аз ҳар сӯ онҳоро муҳосират кардааст). Дар сутунҳои баланд (ва кашидашуда) аст".

"Вайлул ликулли ҳумазатил лумазаҳ". Касе ки бо амал ва суханаш мардумро айбҷӯи мекунад ва ба онҳо таъна мезанад азоби сахт ва ҳалоккунандае дар пеш дорад. "Ҳаммоз" касе аст, ки бо ишора ва амал мардумро мавриди айбҷӯи қарор медиҳад ва ба он таъна мезанад. "Ламмоз" касе аст, ки бо гуфтори худ аз мардум айб мегирад.

"Аллазӣ ҷамаъа молав ва аддадаҳ". Чунин таъназане ҳадаф ва иродае ҷуз ҷамъоварии мол ва шумурдани

он ва рашк бурдан ба онро надорад ва алоқае ба инфоқи мол дар роҳҳои хайр ва барқарор доштани пайванди хешовандӣ ва амсоли он надорад. "Яҳсабу анна молаҳу ахладаҳ". Чунин касе ба сабаби нодониаш гумон мебарад, ки молаш ӯро дар дунё барои ҳамеша мондагор мекунад, бинобар ин талош ва ранҷи ӯ дар бештар кардан ва рушд додани молаш мебошад ва гумон мебарад ин кор умрашро бештар хоҳад кард. "Калло лаюнбазанна фил ҳутамаҳ ва мо адрока малҳутамаҳ". На, ба яқин дар Дӯзахи хурдкунанда ва дарҳам шикананда андохта хоҳад шуд. Ва ту чӣ медонӣ, ки хурдкунанда чист? "Норуллоҳил мӯқадаҳ аллати татталиъу алал афидаҳ". Оташе ки афрӯзанда ва ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд ва азбаски шадид аст аз ҷисмҳо мегузарад ва ба дилҳо мерасад. Ва бо вуҷуди гармои шадидаш дар он зиндонӣ ва гирифтор ҳастанд ва аз берун омадан аз он ноумед мебошанд. Бинобар ин фармуд:"Иннаҳо алайҳим мӯъсадаҳ фи амадим мумаддадаҳ". Дарҳои Дӯзах ба рӯи онҳо баста шуда ва он сӯи дарҳо сутунҳои дарозе аст, то аз он берун наоянд. "Ҳаргоҳ бихоҳанд аз ғам ва андуҳаш берун биёянд ба он баргардонда мешаванд". Аз Аллоҳ металабем, ки моро паноҳ диҳад ва аз Ӯ авф ва офиятро металабем.

❀❀❀

(Тафсири сураи Фил ва он сураи Маккӣ аст)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصْحَٰبِ ٱلْفِيلِ ﴿١﴾ أَلَمْ يَجْعَلْ كَيْدَهُمْ فِى تَضْلِيلٍ ﴿٢﴾ وَأَرْسَلَ عَلَيْهِمْ طَيْرًا أَبَابِيلَ ﴿٣﴾ تَرْمِيهِم بِحِجَارَةٍ مِّن سِجِّيلٍ ﴿٤﴾ فَجَعَلَهُمْ كَعَصْفٍ مَّأْكُولٍۭ ﴿٥﴾).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар!) Оё надидӣ Парвардигорат бо асҳоби Фил чӣ кард? Оё (ҳила ва) нақшаи онҳоро дар табоҳӣ қарор надод? Ва парандагоне гурӯҳ-гурӯҳ бар (сари) онҳо фиристод, (ки) бо сангҳои (бисёр кучаке) аз санггил (ки дар минқор ва чангол доштанд) ба сӯи он меандохтанд (ва онҳоро сангборон мекарданд). Пас онҳоро ҳамчун коҳи ҷуйидашуда қарор дод".

Оё нишонаҳои қудрати Аллоҳ ва раҳмати Ӯ нисбат ба бандагонаш ва далоили тавҳид ва ягонагии Ӯ ва садоқати паёмбарашро дар он чи бо асҳоби фил кард мушоҳида накардаӣ? Он филсвороне, ки мехостанд Каъбаро хароб кунанд ва наздик буд онро хароб намоян ва барои ин кор, худро омода карда буданд. Онон барои вайрон кардани Каъба филҳое бо худ бурданд ва бо гурӯҳ ва лашкаре аз Ҳабаша ва Яман омаданд, ки арабҳо тавони рӯёрӯи бо ононро надоштанд. Вақте ба наздики Макка расиданд ва арабҳо тавони дифоъро надоштанд ва аҳли Макка аз

тарси онон аз шаҳр берун гурехтанд, Аллоҳ бар филсаворон парандаҳои мутафарриқ фиристод, ки ҳар як санге аз гил бо худ дошт ва филсаворонро санг-борон карданд ва ҳамаи ононро аз байн бурданд. Пас онҳо нобуд шуданд ва аз байн рафтанд, монанди коҳе ки хӯрдашуда ва ҷуйида шудааст. Ва Аллоҳ шарри онҳоро дур карда ва найрангашонро бар худашон баргардонд. Достони асҳоби фил маъруф ва машҳур аст ва ин иттифоқ дар соле рӯх дод, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он сол ба дунё омад. Пас ин воқеа яке аз муқаддимаҳои даъват ва рисолати Ӯ буд.

Аллоҳро ситоиш мекунам ва Ӯро сипос мегузорам.

❀❀❀

**(Тафсири сураи Қурайш ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(لِإِيلَٰفِ قُرَيْشٍ ١ إِۦلَٰفِهِمْ رِحْلَةَ ٱلشِّتَآءِ وَٱلصَّيْفِ ٢ فَلْيَعْبُدُوا۟ رَبَّ هَٰذَا
ٱلْبَيْتِ ٣ ٱلَّذِىٓ أَطْعَمَهُم مِّن جُوعٍ وَءَامَنَهُم مِّنْ خَوْفٍۭ ٤).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Барои (шукри) улфат ва унси Қурайш. (Ҳамон) улфати онҳо дар сафарҳои (тиҷорӣ) зимистонӣ (ба Яман) ва тобистони (ба Шом). Пас бояд Парвардигори ин хонаи (Каъба)-ро парастиш кунанд. Ҳамон (Парвар-дигоре) ки онҳоро аз гуруснагӣ (наҷот ва) таом дод ва аз тарс ва хавф эминашон дошт".

Бисёре аз муфассирҳо гуфтаанд, ки ҷору маҷрур мутааллиқ ба сурае аст ки қабл аз он мебошад. Яъне он чи бо асҳоби фил кардем ба хотири амнияти Қурайш ва пойдор будани манфиатҳояшон буд, то кучи онҳо дар зимистон ба Яман ва дар тобистон ба Шом барои касб ва тиҷорат ба хубӣ анҷом бигирад. Пас Аллоҳ касонеро ки ба онҳо қасди бад карданд ҳалок кард ва Ҳарам ва аҳли онро дар назди арабҳо боаҳамият гардонд, то ҳама ба онҳо эҳтиром гузоштанд ва ҳеҷгоҳ ба сӯи онҳо дар ҳеҷ мусофирате дасти таарруз дароз накунанд. Бинобар ин онҳоро ба шукргузорӣ фармон дод ва фармуд:"Бояд Парвардигори ин хонаро парастиш кунанд", яъне Ӯро ягона бидонанд ва ибодатро холисона барои Ӯ анҷом диҳанд. "Аллази атъамаҳум мин ҷуъ ва оманаҳум мин хавф". Пас рӯзии фаровон ва амният аз бузургтарин неъматҳои дунявӣ аст, ки иҷоб мекунад одамӣ шукри Аллоҳро ба хотири он ба ҷой оварад. Пас эй Аллоҳ! Туро бар неъматҳои зоҳирӣ ва ботиниат ситоиш мекунам. Ва Аллоҳ фармуд:"Парвардигори хонаи Каъба" бо ин ки Ӯ Парвардигори ҳамаи чиз аст ва ин барои баёни фазилат ва шарофати Каъба мебошад.

**(Тафсири сураи Моъун ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

(أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يُكَذِّبُ بِٱلدِّينِ ﴿١﴾ فَذَٰلِكَ ٱلَّذِى يَدُعُّ ٱلْيَتِيمَ ﴿٢﴾ وَلَا
يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿٣﴾ فَوَيْلٌ لِّلْمُصَلِّينَ ﴿٤﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ عَن صَلَاتِهِمْ
سَاهُونَ ﴿٥﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ يُرَآءُونَ ﴿٦﴾ وَيَمْنَعُونَ ٱلْمَاعُونَ ﴿٧﴾).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) оё касе ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешуморад дидаӣ!? Пас ӯ (ҳамон) касест, ки ятимро (бо хушунат аз худ) меронад. Ва (дигаронро) ба таом додани бенаво (ва мискин) тарғиб ва ташвиқ намекунад. Пас вой бар намозгузорон, ҳамон касоне ки аз намозашон ғофиланд. Касоне ки худнамоӣ мекунанд ва (аз пардохти закот ва) орият додани васоили зарурии зиндагӣ дареғ меварзанд".

"Араайталлази юказзибу биддин"-Оё нигаристаӣ ба касе ки зинда шудан пас аз марг ва ҷазоро дурӯғ мешуморад ва ба он чи паёмбарон овардаанд, имон надорад?! "Фазоликал лази ядуъъул ятим"- Чунин касе ятимро бо хушунат аз худ дур мекунад ва ба хотири сангдилиаш бар ӯ раҳм намекунад, чун ба подош ва иқобе умед надорад. "Ва ло яҳуззу ало таъомил мискин"-Ва дигаронро бар хӯрок додани ятим ташвиқу тарғиб наменамояд. Ва ба тариқи авло худаш бенавоёнро ғизо ва хӯрок намедиҳад. "Фавайлул лил

мусаллин аллазина ҳум ан салотиҳим соҳун". Пас вой бар он намозгузороне, ки ба намози худ пойбанд ҳастанд, аммо онро зоеъ мекунанд ва сари вақт онро намехонанд ва аркони онро ба хуби анҷом намедиҳанд. Ва ин ба хотири он аст, ки онҳо ба фармони Аллоҳ аҳамият намедиҳанд, зеро намозро, ки муҳимтарини ибодатҳост зоеъ менамоянд. Ва касе ки аз намозаш ғофил бошад сазовори мазаммат ва сарзаниш аст. Аммо дучори фаромушӣ шидан дар намоз чизе аст, ки Паёмбар ҳам дар намоз ба он дучор мешуд. Бинобар ин Аллоҳ инҳоро ба риёкорӣ ва сангдилӣ ва бераҳмӣ васф намуда фармуд:"Аллазина ҳум юроун"-корҳоро барои ин ки мардум онҳоро бубинанд анҷом медиҳанд. "Ва ямнаъунал моъун"-Ва аз додан ва бахшидани чизе ки додани он ба сурати амонатӣ, ё ҳиба монанди зарф, сател ва ҳамонанди он ки маъмулан дода мешавад ва зарар намеорад, худдорӣ мекунанд. Пас инҳо ба хотири шиддати ҳирсашон аз додани васоили хонагии ночиз даст мекашанд. Пас чигуна бештар аз онро хоҳанд дод. Дар ин сура ба хӯрок додан ба ятимон ва бенавоён ташвиқ шуда ва низ ба тарғиб намудани дигарон ба ин кор ва мувозабат бар намоз ва анҷоми дигар амалҳо ба сурати мухлисона ташвиқ ва тарғиб шудааст. Низ одамӣ бар анҷоми кори хуб ва додани молҳои ночиз монанди ба амонат додани зарф, сател, китоб ва

ҳамонанди он таҳрик шудааст, чун Аллоҳ касеро, ки чунин накунад, мазаммат кардааст. Ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба савоб донотар аст ва сипосу ситоиш барои Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст.

❁❁❁

**(Тафсири сураи Кавсар ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِنَّآ أَعۡطَيۡنَٰكَ ٱلۡكَوۡثَرَ ١ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ٢ إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ ٱلۡأَبۡتَرُ ٣).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) ба ростӣ, ки Мо ба ту Кавсар ато кардем. Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ кун. Бешак душмани ту худ абтар (наслбурида ва беақиб) аст".

Аллоҳ таъоло ба Паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:"Инно аътайнокал кавсар"-Мо ба ту хайри фаровон ва фазли зиёд додаем, аз ҷумлаи он наҳр ва ҳавзе аст, ки Аллоҳ ба Паёмбараш дода ва Кавсар номида мешавад, ки тули он ва масофати як моҳ ва паҳноии он низ ба масофати як моҳ аст ва оби он аз шир сафедтар ва аз асал ширинтар аст ва зарфҳои он ба андозаи ситорагони осмон зиёд ва ҳамонтавр дурахшон мебошанд. Ҳар кас як бор аз ҳавзи Кавсар бинӯшад ҳаргиз ташна нахоҳад шуд.

Вақте Аллоҳ миннати худро бар паёмбар баён кард, ӯро ба сипосгузории неъмат фармон дод ва фармуд: "Фасалли лираббика ванҳар"-Барои Парвардигорат намоз бигузор ва қурбонӣ кун. Ин ду ибодатро ба таври хосса баён кард, чун ҳар ду аз беҳтарини ибодатҳо ва бузургтарини онҳо мебошанд. Ва чун дар намоз қалб ва аъзо барои Аллоҳ фурӯтан мебошанд ва аъзо ва ҷаворeҳ барои анҷоми навъҳои бандагӣ ҳаракат мекунанд. Ва куштани қурбонӣ муҷиб мешавад, ки банда ба василаи беҳтарин чизе ки дар назди худ дорад ва бо додани моле ки дилҳо бар муҳаббати он сириштаанд ва бар он бухл меварзанд, ба Аллоҳ наздикӣ ҷӯяд. "Инна шониака ҳувал абтар"-ҳамоно касе ки бо ту душманӣ дорад ва туро мазаммат мекунад бехайр ва баракат ва беному нишон хоҳад буд. Аммо Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ҳақ инсони комил аст ва овозаи баланд ва пайравони зиёд дорад.

❁❁❁

**(Тафсири сураи Кофирун ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡكَٰفِرُونَ ١ لَآ أَعۡبُدُ مَا تَعۡبُدُونَ ٢ وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٣ وَلَآ أَنَا۠ عَابِدٞ مَّا عَبَدتُّمۡ ٤ وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٥ لَكُمۡ دِينُكُمۡ وَلِيَ دِينِ ٦).

"(Эй Паёмбар) Бигӯ:"Эй кофирон, ман намепарастам он чиро ки шумо мепарастед ва шумо (низ) намепарастед он чиро ки ман мепарастам. Ва на ман парастишгари он чиро ки шумо парастиш кардаед, хоҳам буд. Ва на шумо парастишгари он чиро ки ман мепарастам, хоҳед буд. (Бинобарин) оини шумо барои худатон ва оини ман барои худам".

"Қул ё аюҳал кофирун", яъне ошкоро ва бо сароҳат ба кофирон бигӯ:"Он чиро ки шумо мепарастед, намепарастам", яъне аз ҳар чизе ки ба ғайр аз Аллоҳ мепарастанд дар зоҳир ва ботин дӯрӣ кун. "Ва шумо низ намепарастед он чиро ки Ман мепарастам", чун шумо ибодати худро холисона барои Аллоҳ анҷом намедиҳед ва парастиши шумо барои Аллоҳ ҳамроҳ бо ширк аст ва ибодат номида намешавад. Сипас инро такрор кард, то бар ду нукта далолат намояд, аввал бар набудани кор ва дуввум бар ин ки ин ҳолат ҳамешагӣ аст. Бинобар  ин миёни ду гурӯҳ фарқ гузошт ва ҳардуро аз ҳам ҷудо кард ва фармуд:"Барои шумо дини шумо ва барои ман дини ман" ҳамонтавр ки Аллоҳ таъоло фармудааст:"Бигӯ:Ҳар кас ба оини худаш амал мекунад". "Шумо аз он чи ман анҷом медиҳам безор ҳастед ва ман аз он чи шумо мекунед, безорам".

(Тафсири сураи Наср ва он сураи Маккӣ аст)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(إِذَا جَآءَ نَصۡرُ ٱللَّهِ وَٱلۡفَتۡحُ ١ وَرَأَيۡتَ ٱلنَّاسَ يَدۡخُلُونَ فِي دِينِ ٱللَّهِ أَفۡوَاجٗا ٢ فَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ وَٱسۡتَغۡفِرۡهُۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابَۢا ٣).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) ҳангоме ки ёрии Аллоҳ ва пирӯзӣ фаро расад. Ва мардумро бубинӣ, ки гурӯҳ-гурӯҳ дар дини Аллоҳ ворид мешаванд. Пас ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ бигӯ ва аз Ӯ омурзиш бихоҳ, ҳамоно Ӯ бисёр тавбапазир аст".

Дар ин сураи карима Аллоҳ як хушхабар дода ва ба ҳангоми ҳусули он хушхабар ба Паёмбар фармон дод ва ба осор ва паёмадҳои таҳаққуқи ин хушхабар низ ишора карда аст. Хушхабар ин аст, ки Аллоҳ паёмбарашро ёрӣ мекунад ва Маккаро фатҳ менамояд ва мардум даста-даста ва гурӯҳ-гурӯҳ дохили дини Аллоҳ мешаванд, тавре ки бисёре аз онон ёварони Ӯ хоҳанд буд, баъд аз он ки душмани вай буданд. Чизе ки Аллоҳ паёмбарашро ба он мужда дода таҳаққуқ ёфт. Ва аммо фармоне ки Аллоҳ баъд аз  ба даст омадани ёрӣ ва фатҳ, паёмбарашро ба он фармон дод ин аст, ки Паёмбар бояд Ӯро ба хотири ин чиз сипос бигузорад ва Аллоҳро ба покӣ ёд кунад ва аз Ӯ  омурзиш бихоҳад.

Ва аммо он чи ба он ишора шуда ду чиз аст:

Яке ишора ба ин ки модоме ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Аллоҳро ситоиш кунад ва доимо аз Ӯ талаби мағфират кунад, дин пирӯз мегардад ва бар пирӯзиаш афзуда мешавад, зеро сипос ва ситоиш ва истиғфор аз ба ҷо овардани шукр аст. Ва Аллоҳ мефармояд:"Агар шукргузор бошед ба шумо бештар хоҳам дод". Ва ин дар замони халифаҳои роҳнамо ва баъд аз онҳо низ муҳаққақ гардид. Ва Аллоҳ ҳамеша дини худро ёрӣ медиҳад, то ин ки Ислом ба ҷое расид, ки ҳеҷ як аз динҳо ба он ҷо нарасида буданд ва чунон мардум ба он гаравиданд, ки ба дигар динҳо нагаравида буданд, то ин ки уммат ба амр ва фармонӣ илоҳӣ мухолифат варзиданд ва онгоҳ Аллоҳ ононро ба сабаби он дучори ихтилоф ва тафриқа кард ва ин ихтилоф паёмадҳои гуногун дошт. Ва бо вуҷуди ин, Аллоҳ чунон нисбат ба ин дин ва ин уммат лутф ва меҳрубонӣ дорад, ки дар зеҳн намегунҷад.

Ва аммо ишораи дуввум ин аст, ки замони марги Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам наздик шудааст ва аз онҷо, ки зиндагии Ӯ бисёр боарзиш аст, Аллоҳ ба он савганд хӯрдааст. Ва умури боарзиш аз қабили намоз, ҳаҷ ва ғайра бо омурзиш хостан поён меёбад. Пас амр намудани Аллоҳ паёмбарашро ба ин ки Аллоҳро ситоиш кунад ва аз Аллоҳ омурзиш бихоҳад, ишорае аст ба ин ки даврони ҳаёти Ӯ ба сар расида

ишорае аст ба ин ки даврони ҳаёти Ӯ ба сар расида аст ва бояд худашро барои мулоқот бо Парвардигораш омода намояд ва умрашро бо беҳтарин чизҳо ба поён бибарад.

Паёмбар ҳам Қуръонро тафсир мекард ва дар намоз, дар рукӯъ ва саҷдаи худ бисёр мегуфт:"Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдика, аллоҳуммағфирли"-(Пок ҳастӣ Парвардигоро! Ва Туро ситоиш мекунам, эй Аллоҳ маро биёмурз).

❁❁❁

**(Тафсири сураи Масад ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(تَبَّتْ يَدَآ أَبِي لَهَبٍ وَتَبَّ ١ مَآ أَغْنَىٰ عَنْهُ مَالُهُۥ وَمَا كَسَبَ ٢ سَيَصْلَىٰ نَارًا ذَاتَ لَهَبٍ ٣ وَٱمْرَأَتُهُۥ حَمَّالَةَ ٱلْحَطَبِ ٤ فِي جِيدِهَا حَبْلٌ مِّن مَّسَدٍ ٥).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"Бурида бод ҳар ду дасти Абӯлаҳаб ва ҳалок бод. Мол ва сарваташ ва он чиро ба даст оварда буд ба ӯ суде набахшид. Ба зуди ба оташи шӯълавар дархоҳад омад (дарафтад). Ва (низ) ҳамсараш (Умми Ҷамил, он) ҳезумкаш (вориди оташ мешавад). Дар гарданаш танобе аз лифи хурмост".

Абӯлаҳаб амаки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд. Ӯ ба шиддат бо Паёмбар душман буд ва

Ӯро азият ва озор мерасонд. Ӯ на дин дошт ва на ғайрати хешовандӣ, Аллоҳ ӯро зишт бигардонад. Пас Аллоҳ бо ин мазаммати бузург Абӯлаҳабро мазаммат кард. Мазаммате ки то рӯзи қиёмат мояи хорӣ ва расвоияш хоҳад буд. Пас фармуд:"Таббат ядо Абилаҳабив ва табб"-Ҳалок ва бурида бод дастҳои Абӯлаҳаб ва ӯро ҳалок бод. "Мо ағно анҳу молуҳу ва мо касаб"-Мол ва дороие, ки дошт ва ӯро саркаш карда буд, суде ба ӯ намерасонад ва азоби Аллоҳро аз ӯ дур намекунад. "Саясло норан зоталаҳаб вамраатуҳу ҳаммолатал ҳатаб". Оташи Дӯзах ӯро аз ҳар сӯ иҳота хоҳад кард ва зани ҳезумкаши вайро низ иҳота менамояд. Занаш низ сахт Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро азият мекард ва шавҳарашро барои анҷоми гуноҳ ва душманонагӣ кумак мекард ва ниҳояти талоши худро барои ҷамъоварӣ маъсияти Аллоҳ ва озор додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сарф мекард, ҳамонанди касе ки ҳезум ҷамъ карда ва бо таноб "мим масад" аз лиф ба пушти худ мебардорад. Ё маънои:"Вамраатуҳу ҳаммолатал ҳатаб фиҷидиҳо ҳаблум мим масад" ин аст, Аллоҳ ин сурaро дар замоне нозил кард, ки ҳануз Абӯлаҳаб ва занаш ҳалок нашуда буданд ва хабар дод, ки онҳо дар оташи Дӯзах азоб дода хоҳанд шуд. Ва лозими ин он аст, ки онҳо ислом намеоранд (ва дар амон нахоҳанд буд). Ва ҳамонтавр ки донои ғайбу ошкор хабар дода буд,

иттифоқ афтод.

❀❀❀

**(Тафсири сураи Ихлос ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿١﴾ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٢﴾ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ﴿٣﴾ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ﴿٤﴾).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ:Ӯ Аллоҳи якто ва ягона аст. Аллоҳи бениёз аст (ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд). На (фарзанде) зода ва на зода шудааст. Ва ҳеҷ кас ҳамонанд ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест".

"Қул"-Бо яқини қатъӣ ва бо бовари ва шинохт, бигӯ:" Ҳуваллоҳу аҳад", Ӯ Аллоҳи ягона ва яктост ва ягонагӣ фақат дар Ӯ мунҳасир аст. Пас Ӯ дорой ягонагии комил аст ва дорои номҳои некӯ ва сифатҳои воло ва корҳои муқаддас аст ва ҳамонанд ва шабеҳе надорад. "Аллоҳус самад". Ва бандагон барои рафъи ҳамаи ниёзҳояшон рӯ ба сӯи Ӯ меоранд. Пас мардуми ҷаҳони боло ва поён сахт ба Ӯ мӯҳтоҷанд ва ҳоҷатҳояшонро аз Ӯ мехоҳанд ва дар корҳои муҳими худ рӯ ба сӯи Ӯ мекунанд. Чун Ӯ дар сифатҳояш ва дар доной ва илми комил аст ва меҳрубоне аст, ки раҳмати Ӯ ҳамаи чизро фаро гирифта аст ва дигар сифатҳои Ӯ чунин мебошанд. Ва аз камоли Аллоҳ ин аст, ки "Фарзанде назода ва на зода шудааст", чун дар

камоли бениёзӣ мебошад. "Ва лам якул лаҳу куфуван аҳад". Ва дар сифатҳо ва номҳо ва корҳояш ҳамтое надорад. Ӯ бобаракат ва бузург аст. Ин сура дарбаргирандаи тавҳиди номҳо ва сифатҳо мебошад.

❁❁❁

**(Тафсири сураи Фалақ ва он сураи Маккӣ аст)**

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلْفَلَقِ ﴿١﴾ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ﴿٢﴾ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ﴿٣﴾
وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِى ٱلْعُقَدِ ﴿٤﴾ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ﴿٥﴾).

---

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ:Ба Парвардигори субҳидам паноҳ мебарам, аз бадии тамоми он чи офарида аст ва аз бадии торикии шаб, онгоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад ва аз шарри (занони ҷодугар), ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд ва аз шарри ҳасадхӯр онгоҳ ки ҳасад варзад".

"Бигӯ:Паноҳ мебарам ба Парвардигоре ки дона, ҳаста ва субҳидамро мешикофад. "Мин шарри мо халақ" ин шомили ҳамаи инсонҳо, ҷинҳо ва ҳайвоноте мегардад, ки Аллоҳ офаридааст. Пас бояд ба офаринандаи инҳо аз шарре ки дар инҳост, паноҳ бурд. Сипас ба сурати вежа хос баён кард ва фармуд:"Ва мин шарри ғосиқин изо ва қаб" ва паноҳ мебарам ба Аллоҳ аз шарре ки дар шаб ҳаст, вақте ки хоб мардумро фурӯ мепӯшонад ва бисёре аз арвоҳи шурур

ва ҳайвоноти озордиҳанда пахш ва пароканда мегарданд. "Ва мин шарриннаффосоти филъуқад". Ва аз шарри занони ҷодугаре ки барои ҷодуи худ аз дамидани дар гиреҳҳо кумак мегиранд ва бар он ҷоду мекунанд. "Ва мин шарри ҳосидин изо ҳасад". Ҳасадхӯр касе аст, ки заволи неъмати дигаронро мехоҳад ва ҳасадхӯр барои аз байн бурдани неъмат аз дасти дигарон мекӯшад. Пас барои ботил кардани найранги ҳасадхӯр ва саломат мондан аз макр ва кайдаш бояд ба Аллоҳ паноҳ бурд. Чашми бад низ навъе аз ҳасадхӯрӣ аст, чун фақат касе чашм мезанад, ки ҳасадхӯр ва бадҷинс ва дорои нафси палид бошад. Пас ба таври хос ва ом ба Аллоҳ паноҳ бурд. Ва бар ин далолат менамояд, ки ҷоду ҳақиқат дорад ва аз он бояд битарсид ва аз ҷоду ва ҷодугарон бояд ба Аллоҳ паноҳ бурд.

❃❃❃

**(Тафсири сураи Нос ва он сураи Маданӣ аст)**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

(قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ٢ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ٣ مِن شَرِّ
ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ ٤ ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ ٥ مِنَ
ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ٦).

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

"(Эй Паёмбар) бигӯ:Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам, фармонравои мардум (илоҳ ва) маъбуди мардум аз шарри (шайтони) васвасагари боз пасраванда (ба ҳангоми зикри Аллоҳ), ҳамон ки дар дилҳои мардум васваса мекунад, аз ҷиниён (бошад) ва (ё аз) одамиён".

Ин сура дарбаргирандаи он аст, ки бояд аз шарри шайтоне ки масдари ҳар шарре аст ба Парвардигори мардум ва молики онон ва маъбудашон паноҳ бурд. Аз ҷумлаи фитна ва шарри ӯ ин аст, ки дар дилҳои мардум васваса меандозад, пас бадиро барояшон зебо ҷилва медиҳад ва онҳоро бар анҷоми он ҳаракат медиҳад. Ва ононро аз анҷоми кори хуб боз медорад ва хайрро ба сурати ғайри воқеӣ ба онҳо нишон медиҳад. Ва шайтон бо ҳамин сурат ҳамеша васваса мекунад, сипас пас меравад, яъне худро аз васваса кардан ақиб мекашад, онгоҳ ки банда Парвардигорашро ёд кунад ва аз Аллоҳ барои дур шидани шайтон кумак бигирад. Пас ӯ бояд аз Аллоҳ кумак бигирад ва ба Ӯ паноҳ бибарад ва ба рубубияти Ӯ чанг бизанад, рубубияте ки ҳамаи мардумонро фаро гирифтааст. Низ ин сура дарбаргирандаи он аст, ки тамоми халоиқ дар доираи рубубият ва подшоҳии Аллоҳ қарор доранд, пас сарнавишти ҳар ҷунбандае дар дасти Аллоҳ аст,

низ ин сура дарбаргирандаи он аст, ки инсон бояд аз Аллоҳ кумак бигирад ва ба Ӯ паноҳ бибарад ва ба улуҳияте ки ононро барои он офарида аст, чанг бизанад.

Инсонҳо наметавонанд бандагии Ӯро ба таври комил анҷом диҳанд, магар он ки Аллоҳ шарри душманонашонро аз онҳо дур бидорад, душмане ки мехоҳад онҳоро аз бандагӣ ва убудият дур намояд ва миёни онҳо ва бандагии Аллоҳ парда гардад ва мехоҳад онҳоро аз ҳизб ва гурӯҳаш бигардонад, то аз дӯзахиён бигардонад.

Ва ҳамонтавр ки ҷинҳо дар дил васваса меандозанд инсонҳо низ дар дил васваса меандозанд. Бинобарин фармуд:"Миналҷиннати ваннос" аз ҷиниён бошанд, ё аз мардумон. Ситоиш аввалан ва охиран, зоҳиран ва ботинан аз они Парвардигори ҷаҳониён аст ва аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки неъматашро пурра намояд ва аз мо гуноҳонамонро, ки дар байни мо ва байни бисёре аз баракатҳояш монеа шудааст ва хатоҳо ва шаҳватҳое, ки дилҳои моро аз андешидани оятҳояш рабуда аст, авф намояд ва аз Ӯ чашм ва умед мекунем, ки моро аз хайре ки дар наздаш аст ба сабаби бадие, ки дар назди мост маҳрум насозад, зеро ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед намешавад, магар қавми кофирон ва гумроҳон. Ва Аллоҳ бар расулаш Муҳаммад ва бар хонадони Ӯ ва ҳамаи саҳобагонаш салоту саломи

доимӣ, пайваста дар ҳамаи вақтҳо фиристад. Ва сипосу ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки ба неъматаш амалҳои солеҳ ба анҷом мерасад.

❁❁❁

## Саволҳо оиди муқаддима ва тафсир

1.Муаллифи "Дарсҳои муҳим" кист? O Абдулазиз ибни Боз раҳимаҳуллоҳ. O Муҳаммад ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ. O Ҳайсам Сарҳон ҳафизаҳуллоҳ.

2.Чаро китоби "Дарсҳои муҳим"-ро меомӯзем?

O Зеро он муҳим аст. O Зеро олимон ба аҳамият додани ба он васият кардаанд. O Зеро дар он чизҳои муҳим аст, ки мусалмон ба он эҳтиёҷ дорад. O Ҳамаи зикршудаҳо.

3.Ин китоб шомили умури зерин аст:

O Ҳоли мусалмон бо Қуръон ва тавҳид. O Намоз ва обдаст. O Одоб ва ахлоқ. O Аз маъсиятҳо ҳазар кунондан. O Омода кардани майит. O Ҳамаи гузашта.

4.Мусалмон ба омӯхтан ва дуруст кардани қироат ва ҳифзу шарҳи сураҳои зерин ибтидо мекунад:

O Сураи Алақ. O Сураи Фотиҳа. O Сураи Ихлос.

5.Мардум дар тадаббури Қуръон ва ба он амал кардан ба ду тараф ва миёнарав тақсим шудаанд. (Дуруст-хато).

6. Толибилм аввал кадом китоби тафсирро мехонад?

O Ибни Касир. O Ибни Сиъдӣ. O Қуртубӣ.

7.Толибилм ба китобҳои мухтасар пеш аз китобҳои тулонӣ ибтидо мекунад. (Дуруст –хато)

8.Толибилм қироати китобҳои тафсирро ба сурае шурӯъ мекунад, ки ӯро дар қироат ва ба такрор хондан шавқманд месозад, монанди сураи Қасас, Марям ва Каҳф. (Дуруст-хато)

9.Мумкин аст ба толибилм шунидани китобҳои тафсири шунавои хондашуда, ҳаргоҳ хондан бар ӯ душвор ояд. (Дуруст-хато)

10. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз касе ки Қуръонро мехонад ва маъноҳои онро тадаббур намекунад, ҳазар кунонда аст. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Фотиҳа

11. Сура номида шуд, зеро он ба деворе иҳота шудааст, ки чизе аз он берун намешавад ва чизе дар он дохил намешавад. (Дуруст-хато)

12. Сураи Фотиҳа номида шуд, зеро он:

..........................................................................................................

13. Аз ҷумлаи номҳои сураи Фотиҳа:О Умм-ул-Қуръон. О Сабъ-ул-масонӣ. О Руқия. О Салот. О Ҳамаи зикршудаҳо.

14. Пеш аз қироат паноҳ бурдан воҷиб аст, бо вуҷуде ки мо дар ибодат ҳастем на дар маъсият, сабаб чист?

.....................................................................................................................

..................................................................................................

15. Маънои калимаи аъузу чист?

..........................................................................................................

16. Шайтон раҷим номида шуд:

О Зеро он марҷум аст, яъне аз раҳмати Аллоҳ рондашуда аст. О Зеро ӯро ба сангпораҳо зада мешавад. О Зеро ӯ фарзанди одамро дар шаҳватҳо ва шубҳаҳо меандозад. О Ҳамаи зикршудаҳо.

17.Ҷор ва маҷрур дар бисмиллоҳ мутааллиқанд ба феъли ҳазфшудаи мутааххири муносиб. (Дуруст-хато)

18. Аллоҳ: O Ӯ аз рӯи муҳаббат ва таъзим маъбуд аст. O Ба ин исм ягон нафаре ба ҷуз Аллоҳ номида нашудааст.
O Сарчашмаи ҳамаи номҳост. O Гуфта шудааст, ки он номи бузургтарини Аллоҳ аст. O Ҳарфҳои алифу лом дар вақти нидо ҳазф намешавад. O Ҳамаи зикршудаҳо.
19. Фарқ дар байни ду номи зебои Аллоҳ Раҳмону Раҳим чист?..........................................................................................
..........................................................................................
20. Тарбияи Аллоҳ таъоло барои халқаш ду навъ аст, онҳо кадомҳост? O Ом ва хос. O Мутлақ ва муқайяд.
21. Бештари дуоҳои паёмбарон алайҳимус салом ба калимаи:O Аллоҳумма O Раб, буд.
22. Рӯзи ҷазо он: O Рӯзи қиёмат. O Рӯзест, ки дар он мардум дар баробари амалҳояшон ҷазо дода мешаванд. O Ҳамаи зикршудаҳо.
23. (Иҳдинас сиротал мустақим) ҷомеътарин ва фоидаовартарини дуоҳо барои банда мебошад. (Дуруст- хато)
24. Дин бар умури зерин гуфта мешавад:
O Ҷазо. O Амал. O Гоҳо ҷазо ва гоҳо амал гуфта мешавад.
25. Пеш овардани маъмул бар омил ифода мекунад:
O Ҳаср. O Фоидае надорад.
26. Пеш овардани ибодат бар истионат аз боби тақдими:
O Ом бар хос. O Ҳаққи Ӯ таъоло бар ҳаққи бандааш. O Ҳамаи зикршудаҳо.
27. Барои чӣ ояти (Иёка наъбуду) ба сиғаи ҷамъ омадааст?
..........................................................................................
28. Ибодат: O Исми ҷомеъи ҳар он амалҳо ва гуфторҳои зоҳирӣ ва ботиние, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва розӣ мегардад, мебошад. O Хор гирифтан барои Аллоҳ ба баҷо овардани амрҳо ва тарки манъшудаҳо аз рӯи муҳаббат ва таъзим мебошад. O Гоҳо бар ин ва гоҳо бар он гуфта мешавад.
29. Ҳидояте ки дар фармудаи Ӯ таъоло: (Иҳдино) мақсуд аст, он:
OҲидояти далолат ва иршод. O Ҳидояти тавфиқ. O Ҳамааш.

30. Қасдшудагон дар фармудаи Ӯ таъоло:(Сиротал лазина анъамта алайҳим) онҳо: Оҳамаи касоне ки аз ин уммат имон овардаанд. Окасоне ки бар онҳо неъмат дода аст, яъне паёмбарон, ростгӯён, шаҳидон ва некӯкоронанд.

31. (Иёка наъбуду ва иёка настаъин) ҷамъи байни шариат ва қадарро дарбар гирифтааст. (Дуруст-хато)

32. Кадоме аз сураҳои зерин дарбар гирифтааст аз Қуръон он чизеро, ки дигар сураҳо дарбар нагирифтааст?

О Сураи Фотиҳа. О Ояталкурсӣ. О Сураи Ихлос.

33.Фармудаи Аллоҳ таъоло:(Иҳдинас сирот) умури зеринро дарбар гирифта аст: О Исботи нубувват. О Бар ҳамаи аҳли бидъат ва гумроҳӣ рад аст. О Ҳамаи зикршудаҳо.

34. Фармудаи Аллоҳ таъоло:"Молики явмиддин" умури зеринро дарбар гирифтааст:

О Ҳамоно ҷазо ба адл мебошад.

О Банда дар ҳақиқат фоил аст.

О Ҳамаи зикршудаҳо.

О Ҳамоно ҷазо танҳо дар муқобили амалҳо аст.

## Саволҳо оиди тафсири ояталкурсӣ

35. Ояталкурсӣ чунин номида шуд, зеро дар он зикри курсӣ омадааст. (Дуруст-хато)

36. Бузургтарин ояти Қуръон кадом оят аст?

О Ояти дайн (қарз). О Ояти дах ҳуқуқ. О Ояталкурсӣ.

37. Қуръон аз ҷиҳати маъноҳояш таъзим мешавад. (Дуруст-хато)

38. Ояталкурсӣ чанд номе аз номҳои накӯи Аллоҳро дарбар гирифтааст? О Панҷто. О Шашто. О Ҳафтто.

39. Дар номи "ал-Ҳай"-и Аллоҳ камоли: О Зотӣ О Султонӣ аст.

40. Дар номи "ал-Қайюм"-и Аллоҳ камоли:О Зотӣ О Султонӣ аст.

41. Ҳаргоҳ исми (ал-Ҳай) бо (ал-Қайюм) якҷо ояд, бар камоли зотӣ ва султонӣ далолат мекунад. (Дуруст-хато)

42. Якҷо омадани номи Аллоҳ (ал-Ҳай) бо (ал-Қайюм) дар Қуръон дар чанд ҷо такрор шудааст:

О Дар се мавзеъ. О Дар чор мавзеъ. О Дар ду мавзеъ.

43. Дар сифатҳои манфӣ, нафй кардани он аз Аллоҳ зарурӣ аст, ҳамчуноне ки онро Аллоҳ аз нафсаш нафй карда ва аз Ӯ расулаш саллалллоҳу алайҳи ва саллам нафй карда аст, бо ҳамроҳи исботи камоли зид, зеро танҳо нафй кардан, камол нест, мисоли ин: Аз Аллоҳ ғанаб ва хобро нафй мекунем барои камоли ҳаёт ва қайюмият (побарҷоии) Ӯ. (Дуруст- хато)

44. Аллоҳ дар шафоат кардан ба касе иҷозат намедиҳад, магар дар он чизе ки розӣ гардад ва розӣ намегардад, магар: Оаз тавҳид. Оаз пайравии Расул. Оҳамаи зикршудаҳо.

45. Он чизеро Аллоҳ бар он халқро аз умури шаръӣ ва қадарӣ огоҳонидааст:О андак аст. Обисёр аст.

46. (Он чи дар пеши онон аст, медонад), шомили ҳозир ва оянда мебошад (ва он чи дар пушти онон аст, медонад) замони гузаштаро шомил мешавад. (Дуруст-хато)

47. Маънои номи Аллоҳ (ал-Ъалӣ) яъне:О ба Зоташ. Оба сифатҳояш. Оҳамоне ки ҳамаи махлуқотро ғолиб аст. Оҳамаи зикршудаҳо.

48. Касе онро дар шаб бихонад, ҳамеша аз ҷониби Аллоҳ бар ӯ нигаҳбон аст ва то субҳ шайтон ба ӯ наздик намешавад, пас он кадом оят аст? ООхирҳои сураи Бақара. ООяталкурсӣ.

49. Ояталкурсӣ хонда мешавад:О Дар паси намозҳои фарз. ОДар вақти хоб. ОДар субҳу шом. ОДар ҳамаи вақтҳои зикршуда.

## Саволҳо оиди сураи Залзала

50. Сураи Залзала ҳамон:О Сураи Маккӣ Осураи Мадани аст.

51. Дар сураи Залзала:О Тарҳиб ОТарғиб ОҲамаи зикршудаҳост.

52. Фармудаи Аллоҳ таъоло:(Ҳаргоҳ замин ба ларза дарояд), монанди фармудаи Ӯ таъоло:(Пас онҳоро "замини" соф ва ҳамвор мегардонад, ки дар он ҳеҷ пастӣ ва баландиро набинӣ) мебошад. (Дуруст-хато)

53. Фармудаи Аллоҳ таъоло:"Ва замин вазбиниҳои худро берун орад", яъне:О кӯҳҳо ва теппаҳо Омурдаҳо ва хазинаҳо.

54.Замин аз ҷумлаи гувоҳоне аст, ки бар бандагон ба амалҳои онон гувоҳӣ медиҳад. (Дуруст-хато)

55. Фармудаи Ӯ таъоло:(Аштото) яъне:O ҳар кас алоҳида Oгурӯҳҳои гуногун аст.

56. Фармудаи Ӯ таъоло:"Пас ҳар кас ба андозаи заррае....амал намояд" монанди фармудаи Ӯ таъоло:"Ва он чиро анҷом додаанд, ҳозир ёбанд". Каҳф:49. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди тафсири сураи Одиёт

57. Сураи Одиёт ҳамон сураи:O Маккӣ O Маданӣ аст.

58. Маънои калимаи одиёт, яъне:O Асб. OҲар чизе ки ҳаракат мекунад. O Ҳамаи зикршудаҳо.

59. Дар сураи Одиёт аз зоеъ намудани ҳуқуқҳое, ки воҷиб аст, тарс додан аст. (Дуруст-хато)

60. Маъноҳои калимаҳои зеринро баён кун:

(Забҳан)..................................................................................

(Қадҳан)..................................................................................

(Нақъан)..................................................................................

(Лакануд)...............................................................................

## Саволҳо оиди сураи ал-Қориа

61. Сураи ал-Қориа ҳамон сураи:O Маккӣ OМаданӣ аст.

62. Аз ҳадафҳои сураи ал-Қориа ҳазар кунондан аз: OАҳволи қиёмат.O Дар дунё мубтало шудан аст.

63. ал-Қориа ҳамон:O Оятҳои ваъдаи азоб. O Рӯзи қиёмат аст.

64. Маъноҳои калимаҳои зеринро баён кун:

(Калфарошил мабсус)...............................................................

(Калъиҳнил манфуш)...............................................................

65. Тарозуи дар ин сура зикршуда, ҳамон:O Тарозуи ҳақиқӣ. O Кинояаз адл аст.

66. (Ишатир розияҳ), яъне дар:O Дунё O Ҷаннат.

67. (Фауммуҳу ҳовияҳ), яъне:O Барои ӯ ба манзалати модар лозимгиранда мебошад. O Асоси димоғи ӯ дар оташ аст. O Ҳамаи зикршудаҳо.

68. Фармудаи Ӯ таъоло:(Ва мо адрока моҳияҳ) дар он:

O Бузург доштани амри он. O Аз он савол кардан аст.

69. Аз номҳои оташи Дӯзах, аз Аллоҳ офият мепурсем:

O Ҳовия, O Ҷаҳаннам, O Ҳутама, O Лазо, O Саъир. O Сақар, O ҳамаи зикршудаҳо мебошад.

70. (Норун ҳомияҳ) Ба Аллоҳ паноҳ мебарем, ҳарорати он бар ҳарорати оташи дунё чанд баробар зиёд аст:O Ҳафтод. O Навад. O Наваду нуҳ.

## Саволҳо оиди сураи Такосур

71. Ин сура: O Маккӣ O Маданӣ аст.

72. Дар ин сура: O Аз ҳоли мардум хабар додан.

O Сарзаниши банда аз машғул шуданаш аз он чизе, ки барои он офарида шудаанд.

73. Дар ин сура наҳй аз зиёдталабӣ аст ва агарчи ба он мақсади ризои Аллоҳ бошад. (Дуруст-хато)

74. Сухани ба ҷойгоҳи охираш рафтааст:O Дар он инкори зинда шудан пас аз марг аст. O Дуруст аст.

75. Дар фармудаи Ӯ таъоло:(Ҳатто зуртум) онҳоро зиёраткун номид ва чаро муқим наномид? O Зеро Барзах ҷоест, ки аз он гузаштан ба дори охират қасд мешавад. O Зеро он аз хонаҳои дунявияшон ба мақбараҳо рафтанд ва мақбараҳо аз они онҳо нест.

76. Илм ба се қисм тақсим мешавад:Илми яқин, айни яқин ва ҳаққи яқин. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Аср

77. Сураи Аср ҳамон сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.

78. Дар сураи Аср далел бар масъалаҳои чоргона:Илм, амал, даъват ва сабр аст. (Дуруст-хато)

79. Кадоми аз ҷумлаҳои зерин дар он чизе ки тааллуқ ба савганди ба ҷуз Аллоҳ дорад, дуруст мебошад?

O Аллоҳ ба чизе аз махлуқҳояш бихоҳад савганд мехӯрад.

O Махлуқ ҳақ надорад, ки ба ҷуз Аллоҳ савганд бихӯрад.

O Махлуқ метавонад, ки ба ғайри Аллоҳ савганд бихӯрад.

O Ду ҷавоби аввал ва дуюм.

80. Сабр тақсим мешавад ба:

O Ду қисм. O Се қисм. O Чор қисм.

81. Дар сура чаҳор амр аст, пас ба ду амри аввал банда худашро комил мегардонад ва ба ду амри охир ғайрашро комил мегардонад. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Ҳумаза

82. Ин сура: O Маккӣ O Маданӣ аст.
83. Маънои калимаи (вайл) ҳамон:
O Водие дар Дӯзах. O Ваъдаи азоб аст, ки водие дар Ҷаҳаннам ва ғайрашро шомил мешавад.
84. Ҳамз ба гуфтан мебошад ва ламз ба амал мебошад. (Дуруст-хато)
85. Ояти (Гумон мекунад, ки молаш ӯро ҷовидона месозад) аз ин истифода карда мешавад, ки некӣ дар умр меафзояд. (Дуруст-хато)
86. Маънои фармудаи Ӯ таъоло:"Ва ту чӣ донӣ" ин ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:
O Онро медонист. O Онро намедонист.
87. Дар фармудаи Ӯ таъоло:(Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ аст) барангезандаи оташ, он:O Мардум O сангҳо O ҳамаи зикршудаҳо.
88. Фармудаи Ӯ таъоло:"Бар дилҳо чира гардад (ва бисӯзонад)", яъне:O Он чизеро ки эътиқод дорад. O Аз ҷисмҳо ба дилҳо мегузарад.

## Саволҳо оиди сураи Фил

89.Сураи Фил, сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.
90.Дар ин сура ибратҳост, ки бузургтарин ҳайвони хушкӣ метарсад, ки бар хонае аз хонаҳои Аллоҳ таҷовуз кунад, пас башар аз боби авло битарсад. (Дуруст-хато)
91. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам таваллуд шуд дар соли: O Фил. O Ғамгинӣ. O Рамода.
92. Ин сура аз мӯъҷизаҳои нубуввати паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад ва он амри берун аз одати башар аст, барои Паёмбар пеш аз фиристоданаш зоҳир мешавад. (Дуруст-хато)

93. Маънοҳои калимаҳои зеринро зикр кун:
(Тайран абобил), яъне.............................................................
(Каъасфим маъкул), яъне........................................................

## Саволҳо оиди сураи Қурайш

94. Сураи Қурайш сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.
95. Ин сура ба сураҳои зерин алоқа дорад:
O Фил. O Кофирун. O Нос.
96. Сафари Қурайш дар зимистон ба сӯи Шом ва дар тобистон ба сӯи Яман буд. (Дуруст-хато)
97. Аллоҳ ҳарами Макка ва аҳли онро дар дилҳои араб бузург қарор дод, то ки онҳоро эҳтиром карданд ва барои онон эътироз намекарданд:O Дар Макка. O Дар Макка ва дар сафар.
98. Аллоҳ Парвардигориро хосси хона барои фазл ва шарафи он қарор дод, вагарна Ӯ Парвардигори ҳамаи чиз аст. (Дуруст- хато)
99. (Парвардигори ин хона) аз боби изофаи махлуқ ба сӯи Холиқаш аз рӯи шараф мебошад. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Моъун

100. Сураи Моъун сураи: O Маккӣ. O Маданӣ аст.
101. Маънои калимаи (Дин) дар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Араайталлази юказзибу биддин" ҳамон:
O Барангехтан ва ҷазост. O Қарз гирифтан ва инкори ҳуқуқ аст.
102. Маънои калимаи:(ядуъъу) яъне:O Тарк мекунад. O Ба қувва дур мекунад.
103. Ятим ҳамон касест, ки фавтидааст: O Падари ӯ. O Модари ӯ.
104. Инчунин ятим номида мешавад:O Модоме ки ба балоғат нарасидааст. O Ва агар чи ба балоғат расида бошад.
105. Фаромушӣ дар намоз ҳамон чизест, ки соҳиби он шоистаи мазаммат ва маломат аст ва намозро фаромуш кардан, пас ин аз ҳар касе воқеъ мешавад. (Дуруст-хато)
106. Ҳукми риё (худнамоӣ): O Ҷоиз. O Макрӯҳ. O Ҳаром. O Ширки асғар (хурд). O Ширки акбар (бузург).
107. Дар ин сура бар кори нек ташвиқ додан аст. (Дуруст-хато)

108.Моъуни мазкур дар оят, он: O Зарф. O Ҳамаи чизе ки дар одат сарф ва бахшидани он ҷорӣ аст.

## Саволҳо оиди сураи Кавсар

109. Сураи Кавсар, сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.
110. Кавсар ҳамон: O Дарё. O Хайр ва фазли фаровон аст.
111. Аллоҳ хос ин ду ибодат:Намоз ва қурбониро зикр кард, зеро он ду беҳтарини ибодатҳо ва қурбатҳост. (Дуруст-хато)
112. (Шониака) яъне: OБадбини ту. O Мазамматкуни ту. O Пастзанандаи ту . O Ҳамаи зикршудаҳо.
113. Фармудаи Ӯ таъоло:(Ҳувал абтар) ба мафҳумаш баён мекунад, ки барои дӯстдори Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикру сано боқӣ мемонад. (Дуруст-хато)
114. Дар ин сура далел бар бисёрии ёридиҳандагон ва пайравон барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Кофирун

115. Сураи Кофирун, сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.
116. Сураи Кофирун дар ракаати якум баъд аз Фотиҳа хонда мешавад, дар: O Суннати бомдод. O Суннати шом. O Суннати тавоф. O Витр. O Ҳамаи зикршудаҳо.
117. Ибодате ки бо ширк якҷо аст: O Ибодати ноқис аст. O Ибодат номида намешавад.
118. Хитоб дар (Бигӯ) ҳамон: O Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам. O Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ҳар касе ки ба ӯ хитоб кардан дуруст аст.
119. Кофирон ҳамон: O Ҳар касест, ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ расида ва ӯ ба Паёмбар имон наовардааст, монанди яҳуд ва насоро. O Кофирҳои Макка.
120. Дар ин сура амалӣ кардани безорӣ аз ширку мушрикон бо қалб, забон ва аъзои бадан мебошад. (Дуруст-хато)
121. Такрор дар сура: O Барои таъкид. O То ки аввал бар набудани феъл ва дуюм бар ин ки ин сифати лозимӣ гашта аст, далолат мекунад.

## Саволҳо оиди сураи Наср

122. Сураи Наср, сураи: O Маккӣ O Мадани аст.
123. Дар ин сура башорат (мужда), хабар, амр ва танбеҳ аст. (Дуруст-хато)
124. Барои ин уммат ва ин дин аз раҳмату лутфи Аллоҳ он чизест, ки дар фикру хаёл давр намезанад. (Дуруст-хато)
125. Дар ин сура ишора ба наздику қариб шудани аҷали Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (Дуруст-хато)
126. Барои ба ин сура амал кардан, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар рукӯъ ва саҷдааш ин дуо: (Субҳонакаллоҳумма Раббано ва биҳамдика, аллоҳуммағфирли)-ро бисёр мегуфт. (Дуруст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Масад

127. Сураи Масад, сураи: O Маккӣ O Мадани аст.
128. Абӯлаҳаб ҳамон: O Амаки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст. O Ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам наздикӣ надорад.
129. То рӯзи қиёмат мазаммат мешавад: O Абӯлаҳаб. O Ҳар касе ки бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам душманӣ дорад.
130. Маъноҳои калимаҳои зеринро зикр кун:
(Таббат)..........................................................................................
(Мо касаб)......................................................................................
(Ҷидиҳо)..........................................................................................
(Масад)............................................................................................
131. Дар ин сура аломати ошкор аз аломатҳои Аллоҳ дар ҳаққи Абӯлаҳаб ва ҳамсари ӯст, ки ислом намеоранд. (Дурурст-хато)

## Саволҳо оиди сураи Ихлос

132. Сураи Ихлос, сураи: O Маккӣ. O Мадани аст.
133. Ин сура Ихлос номида шуд, зеро:
O Аллоҳро пок васф намудааст. O Хонандаашро аз ширк халос мекунад. O Ҳамаи зикршудаҳо.
134. Ин сура дар аҷру савоб баробарӣ: O Нисфи Қуръон. O Чоряки Қуръон. O Сеяки Қуръон мебошад.

135. Ин сура дар ракаати дуввум баъд аз Фотиҳа хонда мешавад, дар: O Суннати бомдод. O Суннати шом. O Суннати тавоф. O Витр. O Баъди намозҳои фарз. O Дар вақти хоб. O Ҳамаи зикршудаҳо.

136. Сураи Кофирун ва Ихлос шубурӯз хонда мешавад, то ки анвоъи тавҳиди сегона амалӣ гардад. (Дуруст-хато)

137. Дар сураи Ихлос: O Тавҳиди улуҳият. O Тавҳиди рубубият ва тавҳиди номҳо ва сифатҳост.

138. Маънои (Бигӯ): O Танҳо ба забон гуфтан. O Гуфтан, амал ва эътиқод кардан аст.

139. Фармудаи Ӯ таъоло: (Ҳуваллоҳу аҳад), яъне дар рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳояш ягона аст. (Дуруст- хато)

140. Фармудаи Ӯ таъоло: (ас-Самад), яъне: O Дар ҳамаи ҳолатҳо қасдшуда. O Касе ки ба нафси худ қоим аст ва ғайраш ба ӯ қоим ҳастанд. O Саидест, ки дар саидияш комил аст ва дар рубубият, улуҳият ва номҳову сифатҳояш комил аст. O Ҳамаи зикршудаҳо.

141. Нисбат додани фарзанд, ё падар ба Аллоҳ куфри акбар эътибор карда мешавад. (Дуруст-хато)

**Саволҳо оиди сураи Фалақ**

142. Сураи Фалақ, сураи: O Маккӣ O Мадании аст.

143. Сураи Фалақ хонда мешавад: O Баъд аз намозҳои фарз. O Дар вақти хоб. O Ҳамаи зикршудаҳо.

144. Маъноҳои калимаҳои зеринро зикр кун:
(Аъузу)..................................................................................
(Фалақ)..................................................................................
(Ғосиқ)..................................................................................
(Вақаб)..................................................................................
(Наффосот)...........................................................................
(Уқад)...................................................................................
(Ҳосид)..................................................................................

145. Дар ин сура: O Умум ва хусус паноҳ бурдан. O Сеҳр ҳақиқат дорад. O Ҳамаи зикршудаҳо.

## Саволҳо оиди сураи Нос

146. Сураи Нос, сураи: O Маккӣ O Маданӣ аст.
147. Сураи Нос хонда мешавад: O Баъди намозҳои фарз. O Дар вақти хоб. O Ҳамаи зикршудаҳо.
148. Маънои калимаи (Ханнос) чист?

..........................................................................................................

# Дарси дуюм

## Дарси дуюм:Асосҳои Ислом

Баёни асосҳои панҷгонаи Ислом ва аввалу бузургтарини он: Гувоҳи додан ба ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, ба шарҳи маъноҳои он бо баёни шартҳои "Ло илоҳа иллаллоҳ". Ва маънои он: (Ло илоҳа) ҳамаи он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, нафй мекунад, (иллаллоҳ) ибодатро барои Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, исбот мекунад.

Ва аммо шартҳои "Ло илоҳа иллаллоҳ", пас шартҳои зерин аст: 1-Илме, ки ҷаҳлро нафй мекунад. 2-Яқине ки шакро нафй мекунад. 3-Ихлосе ки ширкро нафй мекунад. 4- Сидқе ки дурӯғро нафй мекунад. 5-Муҳаббате ки бадбиниро нафй мекунад. 6-Фармонбардорие, ки саркаширо нафй мекунад. 7-Қабуле ки рад карданро нафй мекунад. 8- Ва кофир шудан ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.

Ва ба ростӣ дар ду байт ҷамъ оварда шудааст:

علم يقين و إخلاص وصدقك مع      محبة وانقياد والقبول لها

وزيد ثامنها الكفران منك بما      سوى الإله من الأشياء قد أُلها

Илм, яқин, ихлос ва садоқати ту бо ҳамроҳи муҳаббат ва итоат ва қабули он ва ҳаштумро зиёд кун, кофир шудани ту ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ илоҳ гирифта шудааст. Бо баён намудани шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ ва баёни тақозоҳои он: Тасдиқи Ӯ дар он чизе ки хабар дод ва тоати Ӯ дар он чизе ки дастур дода ва аз он чизе ки манъ ва сарзаниш кардааст, парҳез кардан ва ин ки Аллоҳ парастида нашавад, магар ба он чизе ки дар шаръ гузоштааст. Сипас барои толиб бақияи асосҳои панҷгонаи Исломро баён мекунад ва он: Намоз, закот, рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ барои касе ки тавонои ба онҷо рафтанро дорад.

**Аркони (Ло илоҳа иллаллоҳ)**

| Исбот кардан (иллаллоҳ). Исбот кардани ибодат барои Аллоҳи ягона. (Ба Аллоҳ имон овардан) | Нафй кардан (Ло илоҳа) Нафй кардани ҳамаи чизҳое ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад. (Ба тоғут кофир шудан) |
| --- | --- |

لِكِلْمَـــةِ الإِخْـــلَاصِ رُكْنَـــان هُمَـــا     النَّفْـــيُ وَالإِثْبَـــاتُ فَاحْفَظَنْهُمَـــا

Калимаи ихлос ду асос дорад, онҳо нафю исбот кардан аст, пас он дуро ҳифз намо.

**Шарҳи шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ)**

Шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) ба монанди дандонаҳои калид мебошад, пас калимаи (Ло илоҳа иллаллоҳ) калиди Ҷаннат аст ва калид намекушояд, магар бо дандон. Ва бинобар ин ҳар он чизе ки дар Қуръон ва Суннат омадааст, ки касе:(Ло илоҳа иллаллоҳ) гӯяд, пас ӯро инчунин аст, пас барои ҳосил кардани аҷру савоб таҳқиқи ин шартҳо зарурӣ аст ва он ҳашто шарт аст:

**1-Донистани маънои он** ва зидди илм надонистани маънои он аст, пас касе маънои онро надонад, ба он фоида намегирад ва барои ин касе ки мехоҳад дар дини Ислом дохил шавад, лозим аст, ки маънои онро бидонад. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Касе бимирад дар ҳоле ки медонад, ки (маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест) дохили Ҷаннат мешавад". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

**2-Яқин:** Яъне сад дар сад яқин дошта бошад, пас агар як дар сад ҳам дар куфри ба тоғут шак орад, ё биистад, ё дудила шавад, яктопараст нест ва агар дар куфри яҳуд ва насоро, ки даъвати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба онон расидааст, шак кунад, пас ӯ яктопараст нест. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ман гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ ва ин ки ман расули Аллоҳ ҳастам, бандае бо ин ду Аллоҳро вонамехӯрад дар ҳоле ки ба ин ду шак надорад, магар ки дохили Ҷаннат мешавад". (Ривояти Муслим)

**3-Ихлос:** Пас касе дар он худнамоӣ кунад, ё муртакиби ширки акбар шавад, мисли касе ки ғайри Аллоҳро мепарастад, пас ӯро фоида намедиҳад. Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: "Босаодаттарини мардум ба шафоати ман касест, ки (Ло илоҳа иллаллоҳ)-ро холис аз қалбаш, ё нафсаш бигӯяд, мебошад". (Ривояти Бухорӣ)

**4-Ростгӯӣ**, пас касе онро аз рӯи дурӯғ гӯяд, монанди мунофиқ, пас ӯро гуфтани он фоидааш намедиҳад. Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:"Касе нест, ки шаҳодати медиҳад, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст аз сидқи дил, магар ки Аллоҳ ӯро бар оташи Дӯзах ҳаром мегардонад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**5-Муҳаббат**: Пас Аллоҳро дӯст медорад ва ягон касро бо Ӯ дӯст намедорад ва ҳамаи касонеро, ки Аллоҳ ба муҳаббати онон амр кардааст, дӯст медорад ва зидди он бадбинӣ аст ва барои ин аз фосидкунандаҳои Ислом аст:"Касе бад бинад он чизеро, ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст ва агарчи ба он амал ҳам кунад, кофир мешавад, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд, ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд".

**6-Фармонбардорӣ**:Яъне ба он амал кардан зарурӣ аст, пас касе ба он амал накунад, пас ӯро фоида намедиҳад, Аллоҳ таъоло мефармояд:"На, савганд ба Парвардигорат, ки онон имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофҳои худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту, дар дили худ эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд".

**7-Қабул кардан**:Пас қавл, ё амал, ё ба он эътиқод карданро рад намекунад. Аллоҳ таъоло мефармояд:" Онҳо (дар дунё) чунон буданд, ки чун ба онҳо гуфта мешуд:"Маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест" саркашӣ (ва такаббурӣ) мекарданд. Ва мегуфтанд:Оё мо маъбудонамонро ба хотири (сухани) шоири девона раҳо кунем?!".

**8-Куфр варзидан**:Яъне ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, пас парастиши он ботил аст ва шоиста нест, ки чизе ба ҷуз Аллоҳ парастида шавад.

**Танбеҳ:**

Дар калимаи ихлос будани қавл, амал ва эътиқод зарурӣ аст.

## Қисмҳои муҳаббат

**Муҳаббат бо Аллоҳ**

Ва ин аз ҷумлаи ширки акбар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд".

**Муҳаббат доштан барои Аллоҳ**

Ин воҷиб аст, балки ин аз баландтарини қулаи имон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва касоне ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд".

- Амале ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ мешавад ва он ҳар амалест, ки шариат ба он омадааст, монанди тавҳид.
- Ба он амалкунанда монанди анбиё, расулон, малоика, саҳобагон ва ҳамаи яктопарастон.
- Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди шаби қадр ва сеяки охири шаб.
- Маконҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди Макка ва Мадинаи Мунаввара.

**Муҳаббати табиӣ**

Ин ҷоиз аст ба шарте ки бар муҳаббати Аллоҳ тақдим нашавад ва мисоли он муҳаббати фарзанд ва ҳамсар. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Яке аз шумо имон намеорад, то ки Ман дар назди ӯ аз фарзанд ва волидайнаш ва ҳамаи мардум маҳбуб набошам".

**Маънои гуфтаи мусалмон (бандаи Ӯ) дар шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, чист?**

Яъне парастида намешавад, зеро ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва салламро чизе аз хусусиятҳои рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳо нест.

Ва ин ки Ӯ обидтарини халқ аст, пас Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам камоли бандагиро барои Аллоҳ ҷалла ва ало ба ҷо овардааст.

**Қисмҳои бандагӣ барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло**

**Ом:**
Ва он бандагии рубубият (қаҳру ғалаба) ва ин барои ҳамаи халқ аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ҳеҷ чизе дар осмонҳо ва замин нест, магар ин ки ба бандагӣ сӯи (Худованди) Раҳмон биёяд". Дар зимни ин бандагӣ мӯъмину кофир дохил мешавад.

**Хос:**
Ва он бандагии тоати омма аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва бандагони (хосси) Раҳмон касоне ҳастанд, ки бо фурӯтанӣ (ва оромиш) бар замин роҳ мераванд". Ва ин ҳамаи касонеро ки барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба шаръаш ибодат мекунад, фарогир аст.

**Хоссаи хос:**
Ва он бандагии Расулон алайҳимус салом аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ҳамоно Ӯ бандаи сипосгузор буд". Пас ин бандагӣ ба сӯи расулон изофа шуда хоссатулхос аст, зеро ки ягон кас ин расулонро дар бандагии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мусобиқа намекунад.

## Гушае аз саргузашти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам

| | |
|---|---|
| Насаби Ӯ: | Ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ва Ҳошим аз қабилаи Қурайш ва Қурайш аз араб ва араб аз насли Исмоил ибни Иброҳим алайҳис салом мебошад. |
| Таваллуди Ӯ: | Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам соли фил дар Макка, дар моҳи рабеъ-ул-аввал ба дунё омада аст. Ӯ шасту се сол умр дошт. Чил соли он пеш аз паёмбарӣ ва бисту се сол паёмбару расул буд. Ва Ӯ ятим буд, падараш пеш аз таваллуд шуданаш вафот кард ва дар кафолати бобояш Абдулмутталиб буд ва баъди вафоти бобояш амакаш Абӯтолиб Ӯро зери кафолати худ гирифт. |
| Фиристодани Ӯ: | Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи сақалайн, ҷинну инсон фиристода шуд, пас ҳар касе ки даъвати Ӯ ба вай расаду ба Ӯ имон наорад, пас кофири куфри акбар аст, касе ки бошад. |
| Даъвати Ӯ: | Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи тавҳид, ахлоқу амалҳои писандида даъват намуд ва аз ширк ва ахлоқу амалҳои зишт наҳй намуд. |

| | |
|---|---|
| Ҳамсарони Ӯ 12-нафар аст: | Хадиҷа разияллоҳу анҳо, Оиша разияллоҳу анҳо, Савда разияллоҳу анҳо, Ҳафса разияллоҳу анҳо, Зайнаби Ҳилолия разияллоҳу анҳо, Умми Салама Ҳинд разияллоҳу анҳо, Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо, Ҷувайрия бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо, Сафия бинти Ҳуяй разияллоҳу анҳо, Умми Ҳабиба Рамла разияллоҳу анҳо, Райҳона бинти Зайд разияллоҳу анҳо ва Маймуна бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо мебошад. |
| Ширдиҳандаҳои Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: | Модари Ӯ Омина бинти Ваҳб, Сувайба мавлои амаки Ӯ Абӯлаҳаб ва Ҳалима бинти Абӯзуайби Саъдия разияллоҳу анҳо. |
| Аввали ояте, ки бар Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуд: | Фармудаи Аллоҳ таъоло дар сураи Алақ:"(Эй Паёмбар) бихон ба номи Парвардигорат, ки (ҳастиро) офарид. (Ҳамон Аллоҳе, ки) инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва Парвардигори Ту (аз ҳама) бузургвортар аст. (Ҳамон) касе ки ба василаи қалам (навиштан) омӯхт, ба инсон он чиро ки намедонист, омӯхт". |
| Аввалин касе, ки ба Ӯ имон овард: | Аз мардон Абӯбакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу, аз занон Уммулмӯъминин Хадиҷа бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо, аз кудакон Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу, аз мавлоҳо Зайд ибни Ҳориса разияллоҳу анҳу ва аз ғуломон Билол ибни Рабоҳ разияллоҳу анҳу аст. |

| | |
|---|---|
| Ҳаҷ ва умраи Ӯ ﷺ: | Чор умра карда ва ҳамаи онро дар моҳи зулқаъда анҷом додааст ва як бор ҳаҷ карда, онро ҳаҷҷи видоъ номида мешавад, онро дар соли даҳуми ҳиҷрӣ анҷом додааст. |
| Ахлоқи Ӯ ﷺ: | Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва яқинан Ту (эй Паёмбар) бар ахлоқи бисёр азим ва волое ҳастӣ". Ва Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳо мегӯяд:"Ахлоқи Ӯ Қуръон буд", |
| Аҳамияти омӯхтани ҳаёти Ӯﷺ: | Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Ҳаргоҳ саодати банда дар дунёву охират тааллуқ ба роҳнамоии Паёмбар ﷺ бошад, пас ба ҳар шахсе ки худашро насиҳат мекунад ва наҷот ёфтан ва саодати нафсашро дӯст медорад, воҷиб мешавад, ки роҳнамоӣ, саргузашт ва шаъни Ӯро бидонад, он миқдоре ки аз ҷоҳилони ба Ӯ берун ояд ва ба он дар ҷумлаи пайравон, ёридиҳандагон ва ҳизби Ӯ дохил шавад. Ва мардум дар ин амр миёни камкунанда, бисёркунанда ва маҳрум воқеъ ҳастанд ва фазл дар дасти Аллоҳ аст, онро ба касе хоҳад, медиҳад ва Аллоҳ дорои фазли бузург аст. |

# Дарси сеюм

## Асосҳои имон

Асосҳои имон шаштост:Ин ки ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ ва ба рӯзи охират имон дошта бошӣ. Ва ба тақдири неку бад, ки аз ҷониби Аллоҳ таъолост, имон дошта бошӣ.

## Таърифи имон аз рӯи шариат:

Ба забон гуфтан, ба қалб бовар кардан ва ба аъзои бадан ва дил амал кардан, ба тоат зиёд ва ба маъсият кам мешавад. Ва далел:

Далели гуфтан, фармудаи Ӯﷺ:"Пас болотарини он: Гуфтани ло илоҳа иллаллҳоҳ" мебошад.

Ва далели амали аъзои бадан, фармудаи Ӯ ﷺ:"Ва пасттарини он дур сохтани озор аз роҳ аст". мебошад.

Ва далели амали дил, фармудаи Ӯ ﷺ:"Ва ҳаё шохае аз имон аст", мебошад.

Ва далели зиёд шудани имон, фармудаи Ӯ таъолост: "Ин оят имони кадоме аз шуморо афзуд".

Ва далели кам шудан фармудаи Ӯ ﷺ аст:"Аз камақлон ва камдинон надидам".

## Асбоби зиёд шудани имон:

- Омӯхтани тавҳид ва хоссатан боби номҳо ва сифатҳо.
- Бисёртар тоату ибодат кардан.
- Тарки гуноҳҳо.
- Дар махлуқот андеша кардан.

## Асбоби кам шудани имон:

- Наомӯхтани тавҳид ва хоссатан наомӯхтани боби номҳо ва сифатҳо.
- Тарки тоатҳо.
- Маъсият кардан.
- Дар махлуқот фикр накардан.

## Асосҳои имон шаштост:

- Имон доштан ба Аллоҳ.
- Имон ба малоикаҳо
- Имон ба китобҳо
- Имон ба расулон
- Имон ба рӯзи охират
- Имон ба тақдири неку бад.

**Асоси якум:Ба Аллоҳ имон овардан аст ва лозимгиранда умури зерин аст:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ба ҳастии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан ва ин ба чор амр мебошад: | Ба парвардигории Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан. | Ба улуҳияти Аллоҳ ҷалла ва ало имон доштан. | Ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло имон доштан. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ба ақл:Пас ақл мустаҳил мешуморад ҳастии махлуқеро бехолиқ "Оё онҳо аз ҳеҷ чиз (ва беофаринанда)офарида шудаанд, ё худ офаридагори худанд". | Ба ҳис: Дар ҳолати сахтӣ ва душворӣ мебошад, пас дастонатро ба сӯи осмон мебардорӣ ва мегӯӣ:Эй Раб, пас мебинӣ, ки ин сахтӣ ба амри Аллоҳ бартараф мешавад. | Ба фитрат: Паёмбар ﷺ мефармояд: "Ҳар навзод бар имони фитрӣ таваллуд мешавад, пас падару модараш ӯро яҳудӣ, ё насронӣ, ё оташпараст месозад". | Ба шариат: Ибни Қайим раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод, зикр мекунад, ки ояте дар китоби Аллоҳ нест, магар дар он далеле бар тавҳид аст. |

**Асоси дуюм:Имон ба малоика аст**

Малоикаҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ онҳоро аз нур офарид, Аллоҳро итоат мекунанд ва Ӯро бефармонӣ намекунанд, дорои рӯҳҳо ҳастанд "Рӯҳулқуддус" ва дорои ҷасад ҳастанд "Касе ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд" ва дорои ақлҳо ва қалбҳоянд "То замоне ки изтироб (ва нигаронӣ) аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд:Парвардигоратон чи гуфт?". Ба онҳо ва ба номҳое аз онҳо ки Аллоҳ ба мо ёд додааст (монанди Ҷибраил, Микоил ва Исрофил) ва ба сифатҳои онон "Ҳаргиз Аллоҳро дар он чи ба онон фармон дода нофармонӣ намекунанд ва ҳарчи фармон меёбанд, анҷом медиҳанд" ва ба амалҳои онон имон меорем.

**Баъзе малоикаҳо, ки аз онон ба мо хабар дода шуд:**

Аз ҷумлаи онон ҳашт бардорандаи Арш, Ҷибраил, ки ба овардани ваҳй вазифадор аст ва Микоил, ки ба қатраи борон вазифадор аст, ба ҳамаи онҳо ва ба ахборе, ки аз онон омадааст ба таври муҷмал ва муфассал имон меорем.

**Асоси сеюм:Имон ба китобҳост**

Воҷиб аст, ки имон дошта бошем, ки онҳо дар ҳақиқат сухани Аллоҳ ҳастанд, на ин ки маҷоз аст ва ин ки онҳо нозилшудаанду махлуқ нестанд ва ин ки Аллоҳ ба ҳар расуле китобе фиристода аст. Ва ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳо, хабарҳо ва аҳкоми онҳо ба мо хабар дода аст ба таври муҷмал ва муфассал, модоме ки мансух нашудааст, имон меорем. Ва имон дорем ки Қуръон ҳамаи китобҳои пешинро мансух кардааст ва он китобҳо: Таврот, Инҷил, Забур, саҳифаҳои Иброҳим ва Мусо алайҳимус салом мебошанд.

## Асоси чорум:Имон ба расулон аст

Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо башар ҳастанд, аз хусусиятҳои парвардигорӣ барои онон чизе нест ва ин ки онҳо банда ҳастанд, парастида намешаванд ва ин ки Аллоҳ онҳоро фиристод ва ба сӯи онҳо ваҳй намуд ва онҳоро ба оятҳо қувват бахшид ва онҳо амонатро адо карданд ва умматро насиҳат карданд ва рисолатро расониданд ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоистаи ҷиҳоди Ӯ буд, ҷиҳод карданд. Ва ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳо, сифатҳо ва ахбори онҳо ба мо таълим додааст ба таври муҷмал ва муфассал имон меорем ва ин ки аввали анбиё Одам алайҳис салом ва аввали расулон Нуҳ алайҳис салом ва хатмкунандаи анбиё ва расулон Муҳаммад ﷺ мебошад. Ва ин ки шариатҳои гузашта ҳамааш ба шариати Муҳаммад ﷺ мансух шудааст. Ва улулазм (дорои иродаи устувор) панҷтост, дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд: (Муҳаммад ﷺ, Нуҳ алайҳис салом, Иброҳим алайҳис салом, Мусо алайҳис салом ва Исо алайҳис салом мебошанд.

## Асоси панҷум:Имон ба рӯзи охират аст

Имон овардани ба ҳамаи он чизе ки Паёмбар ﷺ аз он хабар дода аст, ки пас аз марг рӯх медиҳадро дарбар мегирад. Монанди: Фитнаи қабр, дар сур дамидан, хестани мардум аз қабрҳояшон, тарозуҳо, саҳифаҳо, пули сирот, ҳавз, шафоат, Ҷаннат, Дӯзах, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат дар Ҷаннат ва ғайри инҳо аз амрҳои ғайбӣ мебошад.

**Асоси шашум:Имон ба тақдири неку бадаш аст.**
Ва он чор мартаба дорад, онҳоро назмкунанда дар гуфтааш ҷамъ овардааст:
Илм, навистани мавлоямон, машияти Ӯ,
Ва халқи Ӯ ва он эҷоду таквин (пайдо кардан) аст.

**Илм:** Имон доштан ба ин ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло ҳамаи чизро ба таври муҷмал ва муфассал медонад ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст, медонад".

**Навистан:** Имон доштан ба ин ки Аллоҳ ба ростӣ тақдирҳои ҳамаи чизро то бар-по шудани қиёмат нависта аст ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва ҳеҷ пинҳоне дар осмон ва замин нест, магар он ки дар китоби равшан аст"

**Машият:** Имон доштан ба ин ки он чи Аллоҳ хоҳад мешавад ва он чизеро нахоҳад намешавад ва ин ки банда дорои машият аст, локин он дар зери хостаи Аллоҳ аст, Аллоҳ таъоло фармуд:"Ва намехоҳед, магар он чизеро ки Аллоҳ бахиоҳад".

**Халқ:** Имон доштан ба ин ки банда ва амалҳояш махлуқ аст ва инчунин дигар коинот ва далел: "Аллоҳ офаринандаи ҳамаи чиз аст", "Ва Аллоҳ шумо ва он чизеро, ки мекунед офарида аст".

# Дарси чорум

## Қисмҳои тавҳид ва қисмҳои ширк

Баёни қисмҳои тавҳид ва он се қисм аст:Тавҳиди рубубият, тавҳиди улуҳият ва тавҳиди номҳо ва сифатҳо.

Аммо тавҳиди рубубият:Он имон доштан ба ин аст, ки Аллоҳи пок офаридгори ҳамаи чиз ва дар ҳамаи чиз тасарруфкунанда аст, Ӯро дар ин умур шарике нест.

Ва аммо тавҳиди улуҳият:Он имон доштан ба ин аст, ки Аллоҳи пок маъбуди барҳақ аст, Ӯро дар ин шарике нест ва он маънои:Ло илоҳа иллаллоҳ аст. Пас ҳамоно маънои он ин аст:Маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест. Пас ҳамаи ибодатҳо аз намоз, рӯза ва ғайри инро воҷиб мешавад, ки холис барои Аллоҳи ягона анҷом дода шавад ва сарф кардани чизе аз он барои ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад.

Ва аммо тавҳиди номҳо ва сифатҳо:Он имон доштан ба ҳамаи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ, ки дар Қуръони Карим, ё дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, мебошад. Ва исботи онҳо барои Аллоҳи ягона бар ваҷҳе ки лоиқи Ӯ субҳонаҳу аст, бетағйир, бе бекор кардан, бечигунагӣ ва бемонанд кардан, аз рӯи амал кардан ба фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу: "Бигӯ:Ӯ Аллоҳи ягона аст, Аллоҳест, ки бениёз аст. Назод ва зода нашуда ва барои Ӯ ягон кас баробар нест". Ва фармудаи Ӯ азза ва ҷалла:"Монанди Ӯ касе нест ва Ӯ шунавои биност". Ва баъзе олимон онро ба ду қисм тақсим кардаанд ва тавҳиди номҳо ва сифатҳоро дар зимни тавҳиди рубубият дохил кардаанд ва дар ин амр мунoқаша нест, зеро мақсад дар ҳар ду тақсим возеҳ мебошад.

## Ва ақсоми ширк сето аст:Ширки акбар, ширки асғар ва ширки хафӣ

Пас ширкӣ акбар:Он муҷиби бекор шудани амалҳо ва ҳамеша дар оташи Дӯзах мондан аст, барои касе ки бар он бимирад, ҳамонгуна ки Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва агар ширк меварзиданд, ҳароина он чиро ки анҷом дода буданд аз (аъмоли неки) онҳо нобуд мешуд". (Анъом:88)

Ва Аллоҳ субҳонаҳу фармуд:"Мушриконро (сазовор) нест, ки масҷидҳои Аллоҳро обод кунанд, дар ҳоле ки ба куфри худ гувоҳӣ медиҳанд, онҳо аъмолашон нобуд шуда ва дар оташи (Ҷаҳаннам) ҷовидона хоҳанд монд". Ва албатта касе ки бар ширк бимирад, пас ҳаргиз ӯро бахшида намешавад ва бар ӯ Ҷаннат ҳаром аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:"Албатта Аллоҳ мағфират намекунад, ки бар Ӯ ширк оварда шавад ва ба ҷуз ин (ширк) барои касе бихоҳад, мағфират мекунад". Ва Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд:"Ҳамоно ҳар кас ба Аллоҳ ширк оварад, Аллоҳ Ҷаннатро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи Ӯ Дӯзах аст ва золимонро ёридиҳандае нест".

Ва аз навъҳои он:Мурдагон ва бутонро ба дуо муроҷиат кардан ва ба онҳо фарёдрасӣ кардан ва барои онҳо назру мол куштан ва ҳамонанди ин мебошад.

Аммо ширки асғар:Он аст, ки дар насҳои Қуръон, ё Суннат онро ширк номида шудааст ва локин он аз ширки акбар ба шумор намеравад, монанди риёкорӣ (худнамоӣ) дар баъзе амалҳо ва ба ҷуз Аллоҳ савганд хӯрдан ва гуфтани:Он чизеро, ки Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад ва монанди ин. Аз Рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ:"Сахттарин чизе ки Ман бар шумо метарсам ширки асғар аст". Пас аз он пурсида шуд, фармуд:"Риё (худнамоӣ) аст".

Ва фармудаи Ӯﷺ:"Касе ба чизе ҷуз номи Аллоҳ қасам бихӯрад, пас ба ростӣ ширк овардааст". Ва фармудаи Ӯﷺ:" Он чизеро, ки Аллоҳ хоҳад ва фалонӣ хоҳад, нагӯед валокин он чизеро Аллоҳ хоҳад, сипас фалонӣ хоҳад, бигӯед". Инро Абӯдовуд ба иснoди саҳеҳ аз Ҳузайфа ибни Ямон разияллоҳу анҳу ривоят кардааст.

Ва ин навъи ширк муҷиби риддат (кофир шудан) ва муҷиби ҳамеша дар оташи Дӯзах мондан намебошад ва локин он камоли тавҳиди воҷибро нафй мекунад.

Аммо навъи сеюм ва он ширки хафӣ (пӯшида) аст, пас далели он фармудаи Паёмбар ﷺ аст:"Оё хабар диҳам шуморо ба он чизе ки дар назди Ман бар шумо аз Масеҳи Даҷҷол тарснoктар аст? Гуфтанд:Бале, эй Расулуллоҳ! Фармуд:Ширки хафӣ аст. Мард қоим шуда намоз мехонад, пас вақте мебинад, марде ба ӯ нигоҳ дорад, пас намозашро зиннат медиҳад".

Ва дуруст аст, ки ширк танҳо ба ду навъ тақсим карда шавад:Ширки акбар ва ширки асғар.

Аммо ширки хафӣ (пӯшида) ин дуро фаро мегирад, пас гоҳо дар ширки акбар воқеъ мешавад, монанди ширки мунофиқон, зеро онҳо ақидаҳои ботилашонро пинҳон мекунанд ва Исломро аз рӯи риё (худнамоӣ) ва аз тарси ҷонҳояшон ошкор мекунанд.

Ва дар ширки асғар воқеъ мешавад, монанди риё, ҳамчуноне ки дар ҳадиси Маҳмуд ибни Лабиди Ансорӣ ва ҳадиси Абӯсаъид зикр шуд. Ва Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст.

## Ақсоми ҳаромшудаҳо:

**Ширки акбар:** Ин болотарини онон аст.

**Ширки асғар:** Ин аз ширки акбар пасттар ва аз гуноҳони кабира бузургтар аст.

**Гуноҳони кабира:** Ва он ҳар гуноҳест, ки бар он уқубати хоссе тартиб дода шудааст, аз лаънат, ё рондан, ё безорӣ аз фоили он, ё ин ки ӯ аз кофирон, ё мушрикҳост, ё мӯъмин нест, ё ба зишттарини ҳайвонҳо ташбеҳ шудааст.

**Гуноҳони хурд:** Ва он ҳар чизест, ки шаръ онро ҳаром гуфта ва бар асоси он уқубати хоссе тартиб дода нашудааст.

## Гуноҳони кабира:

**Адади он:** Шуморида нашудааст, локин он ба қоидаи дар боло зикршуда маҳдуд аст.

**Ҳукми фоили он:**
-Мӯъмини камимон, ё ба имонаш мӯъмин, ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст.
-Ба қадри имондорияш дӯст дошта мешавад ва ба қадри гуноҳи кабирааш бад дида мешавад.
-Дар вақти гуноҳи кабираро анҷом доданаш бо ӯ нишаста намешавад.

**Мартабаҳои он:** Гуногун мебошад, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Оё шуморо ба бузургтарини гуноҳҳо хабар насозам...". Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

**Ҳукми он:** Бояд аз он тавба намояд, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ:" Зани навҳагар ҳаргоҳ пеш аз маргаш тавба накунад...". (Ривояти Муслим) ва дар ҳадиси дигар мефармояд:"...ҳаргоҳ аз гуноҳони кабира парҳез намояд...". (Муслим)

## Фарқ дар байни ширки асғар ва акбар:

**Ширки акбар:**

1-Аз дин хориҷ мекунад.

2-Ҳамаи амалҳоро бекор мекунад.

3-Сабаби ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам мондан аст.

4-Хун ва молро аз ҷониби султон мубоҳ месозад.

5-Ҳаргоҳ далеле далолат кунад, ки он ширки акбар аст.

6-Эътиқод намояд, ки барои сабаб дар олам тасарруфи пӯшида аст.

7-Агар бар он бимирад, бахшида намешавад.

8-Ҳаргоҳ аз ширк тавба кунад, Аллоҳ тавбаашро мепазирад, магар дар ду мавзеъ: Баромадани офтоб аз офтобшин ва дар вақти ғарғара ва он ҳозир шудани вафот аст.

**Ширки асғар:**

1-Аз доираи дин хориҷ намесозад.

2-Ҳамаи амалҳоро бекор намекунад, локин он амали хосро бекор мекунад.

3-Сабаби ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам мондан намебошад.

4-Хуну молро мубоҳ намесозад.

5-Далел ояд, ки он ширки асғар аст.

6-Он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад.

7-Ҳар чизе ки васила ба сӯи ширки акбар бошад, пас он ширки асғар мебошад.

8-Бар ҳар чизе ки шариат ширк, ё куфр гуфта ва ба (алифу ломи) таъриф муарраф нашуда аст, пас он ширки асғар аст, модоме ки далелҳо бар ширки акбар будани он далолат накунанд.

# Дарси панҷум

## Эҳсон

Рукни эҳсон ва он ин аст, ки Аллоҳро бипарастӣ, гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас ҳамоно Ӯ туро мебинад.

## Эҳсон як рукн дорад ва дар зери он ду мартаба мебошад:

### Ибодати мушоҳада:

Ва он ибодати рағбат, дӯст доштан ва шавқ доштан дар он чизе ки дар назди Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва ин ибодати анбиё ва расулон мебошад, монанди фармудаи Ӯﷺ:"Оё бандаи сипосгузор набошам", пас барангезанда барои ибодат рағбат ва дӯсту шавқ доштан ба он чизе ки дар назди Аллоҳ аст бо ҳамроҳи хавф (тарс) мебошад.

### Ибодати муроқаба:

Ва он ибодати хавф (тарс) ва гурехтан (аз азоби илоҳӣ) аст ва аз он мусалмон хориҷ намешавад.

## Саволҳо оиди мавзӯи тавҳид

1-Мартабаҳои дин чандтост? O Се O Ду O Панҷ.
2-Асосҳои Ислом чандтост? O Панҷ. O Шаш. O Ҳафт.
3-Мартабаи Ислом аз имон болотар аст. (Дуруст-хато)
4-Рукнҳои шаҳодати ихлос чандтост? O Ҳафт. O Ҳашт. OДу.
5-Адади шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) чандтост?
O Ҳашт. O Ҳафт. O Панҷ.
6-Илм аз шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) аст ва маънои он: O Дарк кардани ҳақиқати шайъ. O Маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.
7-Агар дар куфри касе, ки даъват бар ӯ расида ва имон наовардааст шак намояд, пас ҳукми ӯ: O Ин ки ӯ кофири куфри акбар шудааст. O Ҳаргоҳ яқин бузургтар аз шак бошад, пас албатта ӯ кофир намешавад.
8-Қабул аз шартҳои (Ло илоҳа иллаллоҳ) аст ва мақсад ба он қабул кардан ба: O Сухан. O Феъл. O Эътиқод доштан. O Ҳамаи зикршудаҳо.
9-Риё (худнамоӣ) дар (Ло илоҳа иллаллоҳ) монанди риёи дар садақа аз ҷумлаи ширки асғар аст. (Дуруст-хато)
10-Касе ба забонаш:(Ло илоҳа иллаллоҳ) бебоварии қалб гӯяд, пас он:O Яктопараст аст. O Мусалмони ғайри мӯъмин аст. O Кофири куфри акбар аст. O Имон заиф аст.
11-Агар Паёмбарро монанди муҳаббати Аллоҳ баробар дӯст дорад: O Кофири куфри акбар аст. O Кофири куфри асғар аст. O Муртакиби гуноҳи кабирае аз кабираҳо шудааст.
12-Ақсоми муҳаббат чандто аст? O Чор. O Се. O Ду.

13-Муҳаббати дар роҳи Аллоҳ барои амал, амалкунанда, замонҳо ва маконҳо мебошад. (Дуруст-хато)

14-Муҳаббати бо Аллоҳ ҳукми он ин аст: O Ширки асғар. O Воҷиб. O Ширки акбар.

15-Ҳукми муҳаббат дар роҳи Аллоҳ ин аст: O Ҷоиз. O Воҷиб. O Ширки акбар.

16-Ақсоми бандагӣ чанд аст? O Ду. O Се. O Чор.

17-Ҳамаи халқ барои Аллоҳ бандаанд, бандагии қаҳр ҳатто кофирҳо. (Дуруст-хато)

18-Агар (Ло илоҳа иллаллоҳ) гӯяд ва тамоман амал накунад, намоз нахонад ва ягон ибодатро баҷо наорад, пас албатта он: O Ӯро фоида медиҳад. O Ӯро фоида намедиҳад.

19-(Банда ва расули Ӯ) дар ду шаҳодат, яъне бандае, ки парастида намешавад ва расулест, ки дурӯғгӯ карда намешавад. (Дуруст-хато)

20-Дар гувоҳии (ин ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст) итоати Ӯ дар чизе амр карда ва тасдиқи Ӯ дар он чизе хабар додааст.......... ..........ин эътибор дода мешавад: O Маънои он. O Талаботҳои он.

21-Касе барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чизе аз хусусиятҳои парвардигориро қарор диҳад, гувоҳӣ ба бандагии Ӯ нададааст. (Дуруст-хато)

22-Олитарин васф барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будани Ӯ: O Расулуллоҳ. O Банда ва расули Ӯ. O Хатмкунандаи паёмбарон.

23-Касе дар Ислом бидъате орад, онро накӯ бидонад, пас чунин гумон кардааст, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар расондани рисолат хиёнат кардааст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:"Имрӯз барои шумо динатонро комил кардам", пас он чизе ки дар он рӯз дин набуд, пас имрӯз ҳам дин нест". Ин

сухани: O Шайхи Ислом ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ. O Имом Молик раҳимаҳуллоҳ. O Имом ибни Боз раҳимаҳуллоҳ аст.

24-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз фарзандони паёмбар:O Исҳоқ алайҳис салом O Исмоил алайҳис салом аст.

25-Ҷойҳои холиро пур кунед:Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам таваллуд шуд дар соли...................................дар шаҳри.........ва умри Ӯ...........................аз ҷумлаи он............пеш аз паёмбарӣ ва.....................набию расул буд, ба..................набӣ шуд ва ба.............................расул шуд.

26-Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристода шуд ба сӯи: O Қавмаш. O Инс. O Ҷинну инс.

27-Меъроҷ сафари Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Макка ба сӯи Байтулмақдис аст. (Дуруст-хато)

28-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳиҷрат кард ба сӯи: O Тоиф O Ҳабаша O Мадина O Ҳамаи зикршудаҳо.

29-Муҳимтарин ғазваҳои Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чандтост? O Якто O Дуто O Сето O Ҷорто O Панҷто.

30-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чанд фарзанд дошт? O Сето O Ҷорто O Ҳафто.

31-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаҷҷи видоъ намуд ва ин далолат мекунад бар ин ки Ӯ пеш аз ин ҳаҷ кардааст. (Дуруст-хато)

32-Омӯхтани саргузашти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: O Воҷиб O Мустаҳаб O Ҷоиз.

33-Ҷойҳои холиро пур кун:Имон аз рӯи шариат:Он ба............ гуфтан ва ба............эътиқод доштан ва ба.............амал кардан, ба .........зиёд мешавад ва ба ................кам мешавад.

34-Аркони имон чандто аст? O Шашто O Панҷто O Ҷорто.

35-Имони ба Аллоҳ, имон доштан ба чанд амрро лозим мегирад, он чанд амр аст? O Ҷорто O Сето O Дуто.

36-Далелҳо бар вуҷуди Аллоҳ ба таври муҷмал: O Чорто аст. O Ҳасри он имкон надорад.
37-Микоил ҳамон малоикаи вазифадоршуда ба қатраи борон аст. (Дуруст-хато)
38-Фарзанди Одам дорои қалб аст ва малоикаҳо қалб надоранд. (Дуруст-хато)
39-Китобҳое, ки номҳояшро медонем, чандтост? O Шашто O Чорто O Ҳафто O Бисёр аст.
40-Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бар ҳар набӣ китобе нозил карда аст. (Дуруст-хато)
41-Аввали расулон Одам алайҳис салом аст. (Дуруст-хато)
42-Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам расул асту набӣ нест. (Дуруст-хато)
43-Улулазми расулон чанд нафар аст? O Панҷто O Чорто O Бисёр аст.
44-Имони ба рӯзи охират ҳамаи чизеро, ки баъди мавт то хестани мардум аз қабрҳояшонро дарбар мегирад. (Дуруст-хато)
45-Имони ба қазову қадар дорои мартабаҳост, он чандто аст?
O Чорто O Панҷто O Сето.
46-Оё Аллоҳ ҳодисаҳоро пеш аз рӯх доданаш, медонад? (Оре-не)
47-Оё ҳар он чизеро, ки мардум мекунад Аллоҳ онро медонад? (Оре-не)
48-Оё ҳар он чизеро, ки мардум мекунад, Аллоҳ онро навистааст? (Оре-не)
49-Банда машият ва иродаи мустақил дорад, чизе мехоҳад, мекунад. (Дуруст-хато)
50-Оё феълҳои бандагон махлуқ аст? (Оре-не)
51-Тавҳид тақсим мешавад ба: O Ду қисм. O Се қисм. O Дар ин муноқаша нест.
52-Панҷ фарқ дар байни ширки акбар ва ширки асғар зикр кун:
1...........................................................................................................

2..........................................................................................................
3..........................................................................................................
4..........................................................................................................
5..........................................................................................................

53-Панҷ мисол барои ширки акбар ва ширки асғар зикр кун:

| Ширки акбар | Ширки асғар |
|---|---|
| ........................................ | ................................... |
| ........................................ | ................................... |
| ........................................ | ................................... |
| ........................................ | ................................... |
| ........................................ | ................................... |

54-Нифоқи эътиқодӣ ширки асғар аст, аз доираи дин хориҷ намекунад. (Дуруст-хато)

55-Эҳсон дарбар мегирад: O Як рукн. O Ду рукнро.

# Дарси шашум

## Шартҳои намоз

Шартҳои намоз нуҳто аст: 1-Ислом. 2-Ақл. 3-Фарқ кардан. 4-Дур кардани бетаҳоратӣ. 5-Дур кардани наҷосат (палидӣ). 6-Сатри аврат. 7-Дохил шудани вақт. 8-Рӯ ба қибла овардан. 9-Ният.

## Шарти аввал:Ислом

Ва зидди он куфр аст, пас агар шахсе ки Парвардигорро дашном медиҳад, ё ибодатеро барои ғайри Аллоҳ сарф мекунад, намоз хонад пас намози ӯ ботил аст, магар вақте ки ба сӯи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло тавба кунад.

## Шарти дуввум:Ақл

Ва зидди он девонагӣ аст ва масти аз боби авлост.

## Шарти сеюм:Фарқ намудан

Ва маънояш ба балоғат расидан нест, локин маънояш дар байни ашё фарқ гузоштан аст, яъне:Савол ва ҷавобро бидонад ва барои он синни муайяне нест ва локин ғолибан бачаи ҳафтсола фарқ мекунад. Кай намози хӯрдсол дуруст мешавад? Ҳаргоҳ байни ашё фарқ кунад, яъне саволу ҷавобро бидонад ва масалан дар миёни обу оташ фарқ намояд вагарна намозаш ботил аст.

**Шарти чорум:Дур кардани бетаҳоратӣ ва зери он дохил мешавад:**

**Бетаҳоратии бузург**:Бо ғусл кардан бартараф мешавад.

**Бетаҳоратии хӯрд**:Ба обдаст бартараф мешавад.

**Шарти панҷум**:Дур сохтани наҷосат аст аз бадан, гӯшаи замин ва либос, пас агар намоз гузорад ва бар ӯ наҷосат бошад, онро бидонад, бар дур кардани он тавоно бошад, он дар хотираш бошад, пас намозаш ботил аст ва дур сохтани наҷосат ба се қисм тақсим мешавад:

**Хело қабеҳ**: Он наҷосати саг аст, Паёмбар ﷺ ба шустани зарф, ҳаргоҳ саг аз он билақад амр карда аст, ҳафт бор шуста шавад, бори аввалаш бо хок бошад. Инро Муслим ривоят кардааст.

**Сабук**: Танҳо бо поши-дани об беча-фидан дур карда мешавад ва ин барои писар-бачае, ки таом на-мехӯрад ва мазӣ ва манӣ мебошад, бо вуҷуде ки манӣ тоҳир аст, магар ки Паёмбарﷺ ҳар-гоҳ он тар мебуд, об мепошид ва ҳаргоҳ хушк ме-буд, онро меха-рошид.

**Миёна**: Ба шустан дур мешавад ва он пошидани об бо чафидан аст ва барои ғайри на-ҷосати сахт ва миёна мебошад, монанди пешоби мард, зан ва ғай-ри ин аз наҷосат-ҳо мебошад.

## Чизҳои наҷис (палид)

Пешоб ва пасафкандаи одамӣ ва пешобу пасафкандаи ҳайвоне ки гушташ хӯрда намешавад ва дарандагон ҳамаашон наҷис аст ба ҷуз он чизе ки аз он эҳтироз кардан машаққат меорад, монанди гурба, хачир ва хар ва хуни масфӯҳ, он хунест, ки пас аз куштани ҳайвон ҷорӣ мешавад ва хуне ки аз ду роҳ (пешу пас) хориҷ мешавад ва худмурдаҳо ба ҷуз майтаи одамӣ ва он чизе ки хуни равон надорад ва майтаи баҳр ва малах.

## Шарти шашум:Пӯшондани аврат
## Ва авратҳо сето аст:

**Сабук:**
Ва он аврати мард, писари ҳафтсола то даҳсола, шарт аст, ки олатҳои таносулӣ (пеш ва пас) пӯшонида шавад.

**Вазнин**:
Ва он аврати зани озоди болиғ аст, бар он лозим аст, ки ҳамаи баданро ба ҷуз рӯ бипӯшонад ва бар он лозим аст, ки дар вақти ҳузури бегонагон рӯяшро бипӯшонад.

**Миёна**:
Ва он барои ғайри инҳост ва пӯшондани байни ноф то зону шарт аст, бо мустаҳаб будани сатри китфҳо ва комилан зиннат гирифтан аст.

## Шарти ҳафтум:Даромадани вақт

Пас намоз пеш аз вақт дуруст намешавад ва на баъд аз вақт, магар вақте ки бо ғайраш барои узре ҷамъ карда шавад. Пас агар қасдан намозро аз вақташ дер кунад, гунаҳгор мешавад.

## Шарти ҳаштум:Рӯ ба қибла овардан

Ва аз ин ҳукм намози нафл дар сафар истисно мешавад, пас ҳамоно мусофир ба ҷиҳате ки саворияш рӯ меорад, намози нафлро мехонад ва монанди он дар замони мо намоз хондан дар ҳавопаймо аст. Ва касе ки аз рӯ овардани қибла оҷиз меояд, ё аз душмане тарс дорад, истисно мешавад.

## Шарти нуҳум:Ният

Ва ҷои ният қалб аст ва онро ба забон гуфтан бидъат аст ва агар пеш аз намоз ба андак вақте ният кунад, ё танҳо фарзи вақтро ният кунад, намозаш дуруст мешавад.

## Танбеҳҳои муҳим:

1-Дар тарки шарт ҷаҳл, фаромушӣ ва қасдан қабул намешавад, магар ҳаргоҳ намоз гузорад ва бар ӯ наҷосат бошад аз рӯи ҷаҳл ё фаромушӣ, пас намозаш дуруст аст, зеро ин аз ҷумлаи тарк аст на аз феъл.

2-Шартҳо берун аз ибодат ва муқаддам бар он мебошад ва будани он то охири ибодат ҳатмӣ аст.

## Дарси ҳафтум

Аркони намоз

Намоз дорои чаҳордаҳ рукн аст: 1-Рост истодан ба ҳамроҳи тавоноӣ. 2-Такбири эҳром (Аллоҳу акбар гуфтан). 3-Хондани сураи Фотиҳа. 4-Рукӯъ. 5-Ором гирифтан баъд аз рукӯъ. 6-Бар ҳафт аъзо саҷда кардан. 7-Аз саҷда хестан. 8- Дар байни ду саҷда нишастан. 9-Дар ҳамаи амалҳои намоз ором гирифтан. 10-Дар байни рукнҳо тартибро риоя кардан. 11-Аттаҳиёти охир. 12-Барои он нишастан. 13-Бар Паёмбар ﷺ салавот фиристодан. 14-Ду тараф салом додан.

**Рукни аввал:Рост истодан дар сурати тавоноӣ**

**Дар намозҳои фарз**:

Рост истодан дар намозҳои фарз рукн аст ва дар сурати тамоман тавоноӣ надоштан соқит мешавад, ё ба истодан тавоноӣ дорад, дар ҳоле ки хушӯъ аз байн меравад. Ва агар ба рост истодан қудрат дошта бошад ва агарчи каме ҳам бошад, рост меистад.

**Дар намозҳои нафл**:

Намози нафлро нишаста бихонад дуруст мешавад, локин нисфи аҷри ростхонро мегирад, ё ба паҳлу бихонад ва барои ӯ нисфи аҷри касест, ки нишаста мехонад.

**Рукни дуввум:Такбири эҳром**

Ва ҷоиз намешавад, магар ба лафзи "Аллоҳу акбар" гуфтан.

**Рукни сеюм:Хондани сураи Фотиҳа**

Хондани сураи Фотиҳа дар ҳамаи ракаатҳои намоз воҷиб аст, хоҳ намози сиррӣ бошад, ё ҷаҳрӣ, хондани пурра ботартиби оятҳо, ҳаракатҳо, калимаҳо ва ҳарфҳояш ва агар имомро дар рукӯъ дарёфт, хондани Фотиҳа соқит мешавад.

**Рукни нуҳум:Оромӣ дар ҳамаи амалҳои намоз**

Бо гуфтани зикрҳое, ки гуфтани он дар ҳар рукн воҷиб аст, оромӣ ҳосил мешавад.

**Танбеҳи муҳим:**

Аркон дар дохили ибодат мебошад ва дар тарки рукне аз рукнҳо ҷаҳл, фаромушӣ ва қасдан қабул намешавад ва ба саҷдаи саҳв ҷуброн намешавад ва ба иодаи намози ҳозира амр карда мешавад. Аммо намозҳоеро, ки гузошта аст ва дар онҳо баъзе рукнҳоро тарк карда аст, пас дар онҳо маъзур дониста мешавад, зеро Паёмбар ﷺ касеро, ки намозашро бад хонд, ба иодаи ҳамаи намозҳо амр накард ва ӯро ба иодаи намози ҳозира амр кард, бо вуҷуде ки ӯ дар он тумаънина (ороми)-ро тарк намуд ва он рукн мебошад. Ва Аллоҳ донотар аст.

# Дарси ҳаштум

## Воҷибҳои намоз

Воҷибҳои намоз ҳашто аст:

1-Ҳамаи такбирҳо ба ҷуз такбири эҳром.

2-"Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" гуфтан барои имом ва танҳогузор..

3-"Раббано лакал ҳамд" гуфтан барои ҳама.

4-"Субҳона раббиялъазим" дар рукӯъ гуфтан.

5-"Субҳона раббиялаъло" дар саҷда гуфтан.

6-"Раббиғфирли" дар байни ду саҷда гуфтан.

7-"Аттаҳиёти аввал.

8-"Барои он нишастан.

## Танбеҳи муҳим:

Гуфтани "Субҳона раббиялъазим" дар рукӯъ ба ин лафз воҷиб аст, сипас ба он чизе ки дар суннат ворид шуда аст, афзудан мустаҳаб мебошад ва инчунин "Субҳона раббиялаъло" танҳо ба ин лафз гуфтан воҷиб аст, сипас ба он чизе ки дар суннат ворид шудааст, меафзояд.

## Дарси нуҳум

### Баёни ташаҳҳуд

Ташаҳҳуд ин аст:"Аттаҳиёту лиллоҳи вас салавоту ват тайибот, ассалому алайка айюҳан набию ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ, ассалому алайно ва ало ибодиллоҳис солиҳин, ашҳаду алло ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ".

Сипас бар Расулуллоҳ ﷺ салавот ва баракат мефиристад, мегӯяд:"Аллоҳумма салли ало Муҳаммад ва ало оли Муҳаммад камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид ва борик ало Муҳаммад ва ало оли Муҳаммад камо боракта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид".

Сипас дар ташаҳҳуди охир аз азоби Ҷаҳаннам ва азоби қабр ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг ва аз фитнаи масеҳи Даҷҷол ба Аллоҳ паноҳ мебарад. Сипас ҳар дуое, ки бихоҳад мекунад, ба хусус дуоҳое, ки аз Расулуллоҳ ﷺ ворид шудааст, аз ҷумла:"Аллоҳумма аъинни ало зикрика ва шукрика ва ҳусни ибодатика, аллоҳумма инни заламту нафси зулман касиро ва ло яғфируз зунуба илло анта, фағфирли мағфиратан мин индик варҳамни иннака антал Ғафурур Раҳим". Аммо дар ташаҳҳуди аввал, дар намози пешин, аср, шом ва хуфтан баъд аз гуфтани ду шаҳодат барои ракаати сеюм мехезад ва агар ҳам бар Расулуллоҳ ﷺ салавот бифиристад афзал аст, ба хотири умуми ҳадисҳое, ки дар ин маврид омадааст ва сипас барои ракаати сеюм бармехезад.

# Дарси даҳум

## Суннатҳои намоз

Аз ҷумлаи суннатҳои намоз:

1-Дуои истифтоҳ (калиди намоз).

2-Ҳангоми қиём пеш аз рукӯъ ва баъд аз он, гузоштани кафи дасти рост бар дасти чап, болои сина.

3-Боло бардоштани дастҳо то баробари гушҳо ё шонаҳо дар ҳоле ки ангуштон ба ҳам часпида ва даст комилан рост бошанд. Боло бардоштани дастҳо дар ҳангоми такбири аввали намоз ва ҳангоми рукӯъ ва боло омадан аз рукӯъ ва низ ҳангоми қоим шудан аз ташаҳҳуди аввал барои шурӯъи ракаати сеюм аст.

4-Аз як бор зиёдтар гуфтани тасбеҳҳо дар рукӯъ ва саҷдаҳо.

5-Ҳар чи ки баъд аз боло шудан аз рукӯъ ва гуфтани "Раббано лакал ҳамд" ба ин зикр изофа кунад ва низ ҳар чи ки ба дуои мағфират байни ду саҷда изофа кунад.

6-Дар рукӯъ сарро баробари пушт қарор додан.

7-Дур доштани бозуҳо аз паҳлуҳо ва шикам аз ронҳо ва ронҳо аз соқҳо дар вақти саҷда кардан.

8-Боло нигаҳ доштани соқи даст аз замин дар ҳангоми саҷда кардан. 9-Дар ташаҳҳуди аввал ва низ дар байни саҷдаҳо паҳн кардани пои чап бар рӯи замин ва рост нигаҳ доштани пои рост.

10-Дар ташаҳҳуди охир, дар намозҳои чор ракаата ва се ракаата ба тарзи таваррук нишастан ва он:Бар суринаш нишастан ва пои чапашро дар зери пои рост қарор додан ва пои ростро рост гузоштан аст.

11-Дар ташаҳҳуди якум ва дуюм аз замоне ки мешинад то охири аттаҳиёт ба ангушти сабоба ишора кардан ва онро дар вақти дуо ҳаракат додан.

12-Салавот фиристодан ва дуои баракат намудан бар Муҳаммад ва хонадони Ӯ ва бар Иброҳим ва хонадони Ӯ дар ташаҳҳуди якум.

13-Дар ташаҳҳуди охир дуо намудан.

14-Дар намози субҳ, ҷумъа, ду ид, намози талаби борон ва дар ду ракаати аввали намози шом ва хуфтан ба овози баланд қироат кардан.

15-Дар намози пешин, аср ва дар ракаати сеюми шом ва дар ду ракаати охири намози хуфтан паст қироат кардан.

16-Аз сураи Фотиҳа беш аз սураҳои Қуръон хондан.

Бо риоя кардани боқии он чизе ки аз суннатҳо дар намоз ворид шудааст ба ғайри он чизе ки зикр кардем. Ва аз ҷумлаи он:Он чизе ки бар гуфтаи намозгузор:"Раббано лакал ҳамд" баъд аз хестани аз рукӯъ дар ҳаққи имом, қавм ва танҳогузор зиёд мешавад, пас албатта он суннат аст. Ва низ аз суннатҳои намоз ин аст, ки:"Дар ҳангоми рукӯъ ду дастро бар зонуҳо гузоштан, дар ҳоле ки ангуштони дастҳо кушода бошад.

**Дуои истифтоҳ**:Дуои истифтоҳ баъд аз такбири эҳром (Аллоҳу акбар) мебошад ва он дуоҳоест, ки аз Паёмбар ﷺ омадааст, монанди фармудаи Ӯ ﷺ:"Аллоҳумма боъид байни ва байна хатоё камо боъадта байнал машриқи вал мағриб. Аллоҳумма наққини мин хатоёя камо юнаққас савбул абязу минад данас. Аллоҳуммағсилни мин хатоёя бис салҷи валмои вал барад" ва ё "Субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрук" мебошад.

# Дарси ёздаҳум

## Ботилкунандаҳои намоз

Ботилкунандаҳои намоз ҳашто аст:

1-Бо вуҷуди ёд доштан ва донистан қасдан гап задан, аммо касе фаромуш кард ва надониста гап зад, пас намозаш ботил намешавад. 2-Хандидан. 3-Хӯрдан. 4-Нӯшидан. 5-Кашф шудани аврат. 6-Аз ҷиҳати қибла бисёр каҷ шудан. 7-Беҳудагии бисёр пай дар пай дар намоз. 8-Шикастани таҳорат.

**Ботилкунандаи якум:** Бо вуҷуди ёд доштан ва донистан қасдан гап задан, аммо касе фаромуш кард ва надониста гап зад, пас намозаш ботил намешавад.

## Ҳолатҳои ҳаракат дар намоз

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаракати ҳаром ва он ҳаракати зиёде аст, ки паи ҳам бошад ва ҳоҷате ба он надошта бошад, монанди хӯрдан. | Ҳаракати макрӯҳ ва он ҳаракати каме аст, ҳоҷате ба он надошта бошад, монанди каме ба инсу ва онсу илтифот кардан. | Ҳаракати мубоҳ ва он ҳаракате аст, ки ба хотири ниёз аст, монанди хоридани риш. | Ҳаракатҳои мустаҳаб: Ҳаракате аст, ки камоли намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди пур кардани ҷойҳои холӣ дар байни сафи намозгузорон. | Ҳаракати воҷиб, ки дуруст шудани намоз ба он вобастагӣ дорад, монанди аз байн бурдани наҷосат. |

## Танбеҳи муҳим

Шартҳои намоз, рукнҳо, воҷибҳо ва суннатҳои он баён шуд, пас фарқ дар байни онҳо чист?

<table>
<tr><th>Шарти намоз</th><th>Рукн</th><th>Воҷиб</th><th>Суннат</th></tr>
<tr><td>Хориҷ аз моҳияти ибодат аст</td><td colspan="3">Дар моҳияти ибодат дохил ҳастанд.</td></tr>
<tr><td>Дар тамоми ибодат истимрор дорад.</td><td colspan="3">Мақсур бар ҷузъе аз ҷузъҳои ибодат ҳастанд.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Дар шарт ва рукн инсон маъзур ба ҷаҳл, фаромушӣ ва қасд намебошад.</td><td>Дар воҷиб ба ҷаҳл ва фаромушӣ маъзур аст на дар қасдан</td><td>Дар суннат инсон маъзур ба ҷаҳл, фаромушӣ ва қасд мебошад.</td></tr>
<tr><td>Шарт агар тарк шавад, саҷдаи саҳв надорад.</td><td>Рукн агар тарк шавад ба саҷдаи саҳв ҷуброн намешавад</td><td>Воҷиб агар тарк шавад бо саҷдаи саҳв ҷуброн мешавад.</td><td>\</td></tr>
</table>

## Саҷдаи саҳв

### Саҷдаи саҳв се сабаб дорад:

**Зиёд кардан:**

Масалан инсоне рукӯъ ё саҷда, ё рост истодан, ё нишастанро зиёда бар он чи ки ҳаст анҷом диҳад.

**Кам кардан:**

Монанди ин ки инсон воҷибе аз воҷибҳои намозро кам кунад ва ҷои он фавт шавад.

**Шак кардан:**

Монанди ин ки намозгузор дудила шавад, ки чанд ракаат хонда, се ракаат ё чор ракаат хонда бошад. Ва ин шак ду навъ аст:

Шакке ки баъд аз тамом шудани ибодат ҳосил мешавад, ба чунин шак тамоман илтифот карда намешавад, то ки яқин ҳосил шавад.

Шакке ки дар дохили ибодат ҳосил мешавад, агар бисёр бошад ба он таваҷҷуҳ намешавад ва агар кам бошад, бар он чи бино мекунад, ки дар назди худаш роҷеҳ аст, пас агар дар наздаш ҳар ду амр баробар бошад, бар камтар бино месозад.

**Мулоҳаза:**

-Замоне ки намозгузор дар мавриди саҳв, низ дучори саҳв шуд, чизе бар ӯ нест ва намозаш дуруст аст.

-Замоне ки намозгузор рукнеро тарк кард, намозаш саҳеҳ нест, то ин ки он рукн ва баъди онро анҷом дода ва дар охир саҷдаи саҳв кунад.

-Замоне ки намозгузор воҷиберо саҳван тарк кунад ва маҳали он воҷиб гузашта бошад, саҷдаи саҳв мекунад.

## Хулосаи сифати намоз ҳамроҳ бо акс

-Беҳтар ин аст, ки мусалмон дар хонааш таҳорат кунад ва беҳтарин либосҳояшро бипӯшад.

-Сипас ба тарафи масҷид биравад ва дар роҳи рафтан ба масҷид дар ҳаракатҳояш оромиш ва дар зоҳираш виқор дошта бошад, яъне саросема наравад, ё надавад, ё зиёд ба ин тараф ва он тараф нигоҳ накунад, ё овозашро баланд набарорад.

 

-Пас, замоне ки ба масҷид расид, кафшҳояшро бароварда ва онҳоро дар ҷойҳои махсусшуда бигузорад ва ҳамроҳи кафшҳо дунёро низ бигузорад, пас дар масҷидҳо хариду фуруш ва эълони чизи гумшуда ҳаром аст.

-Ва ҳангоми дохил шудани масҷид, пои ростро пеш гузошта ва мегӯяд:"Бисмиллоҳ вас салоту вас салом ало Расулиллоҳ, аллоҳуммафтаҳ ли абвоба раҳматика" ва дар вақти баромадан аз масҷид мегӯяд:"Бисмиллоҳ вас салоту вас салому ало Расулиллоҳ, аллоҳумма инни асъалука мин фазлика".

-Ва мардон дар саффи аввал меистанд ва занон дар сафҳои охир.

-Агар намоз иқома шуда буд, такбири эҳром гуфта ва бо имом вориди намоз мешавад, бар ҳар ҳоле ки имом буд ва ракаат замоне ҳисоб мешавад, ки ба имом дар қиём, ё дар рукӯъ бипайвандад, сипас ҳангоме ки имом салом дод, ракаатҳоеро, ки дарёб накардааст, мехонад.

-Агар дохили масҷид шуд ва ҳануз намоз иқома нашуда буд, намози суннати пеш аз фарзро мехонад, агар намозе бувад, ки суннати пеш аз фарз надошт, пеш аз ин ки бишинад, намози таҳияи масҷид мехонад.

-Бо нигоҳ кардан ба соат, ё уҳ-уҳ кардан барои барпо шудани намоз, ба ҳурмати масҷид таҷовуз накунад.

-Суннат аст, ки имом ва танҳогузор ба сӯи сутра намоз бихонанд ва сутраи имом барои касоне ки пушти сараш намоз мехонанд, низ сутра аст.



-Байни қадамҳояшро ҳамонанди байни китфҳояш қарор медиҳад, на бештар ва на камтар ва беруни поҳояшро рост мекунад.



-Баъд аз ин ки шартҳои намозро ба ҷо орад, ҳамроҳ бо боло бардоштани дастҳо, мегӯяд:"Аллоҳу акбар" ва ангуштони дастҳоро дар ин ҳангом ба ҳам часпонда ва дасташро то рости китф, ё гушҳо боло мебарад ва кафи дасташро тарафи қибла мегирад.



-Сипас дасти росташро бар пушти дасти чап ва банд ва соиди он мегузорад, ё мебандад.



-Нигоҳашро дар ҷои саҷда қарор медиҳад ва ба тарафҳо таваҷҷӯҳ намекунад.



-Сипас мустаҳаб аст, ки фақат дар ракаати аввал баъд аз такбири эҳром, дуои истифтоҳро бихонад. Ва беҳтар ин аст, ки ҳар бор яке аз дуоҳое ки аз Расулуллоҳ ﷺ дар истифтоҳ омадаастро бихонад.

-Сипас ба он чи ворид шуда аст истиъоза мехонад, мегӯяд: "Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим".

-Сипас бисмиллоҳ мегӯяд:"Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим".

-Сипас сураи Фотиҳаро комил ботартиб ба ҳаракатҳо, калимаҳо, ҳарфҳо ва оятҳояш мехонад.

-Сипас ҳар қадар аз Қуръон, ки муяссар бошад беистиъоза мехонад ва фақат дар аввали сураҳо бисмиллоҳ мегӯяд.

-Сипас дастонашро ҳамонгуна ки дар такбири эҳром боло мебардошт боло бардошта дар ҳоле ки Аллоҳу акбар мегӯяд, ба рукӯъ меравад.

-Ва зонуҳояшро меқапад ва оринҷҳояшро қад намекунад ва пуштро ҳамроҳи сараш баробар қарор медиҳад.

-Ва аз рӯи воҷиб будан як бор "Субҳона раббиял азим" мегӯяд ва мустаҳаб аст, ки ба он чизе ки ворид шудааст, зиёд намояд.



-Сипас ҳамроҳ бо рост шудан аз рукӯъ ва пеш аз ин ки комилан биистад бо бардоштани дастҳо то баробари гушҳо ё китфҳо мегӯяд:"Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ".
-Замоне ки комилан истод, мегӯяд:"Раббано ва лакал ҳамд" ва мустаҳаб аст, ки лафзҳои дигаре ки ворид шудааст низ зиёда аз он бигӯяд.
-Сипас бе бардоштани дастҳо, такбир гуфта ва бар ҳафт узви худ, яъне пешонӣ, бинӣ, ду кафи даст, ду зону ва кафи ангуштони по саҷда мекунад.
-Дар саҷда, бозуҳои худро аз паҳлуҳо ва ронҳоро аз шикам ва соқи худ дур карда ва соъиди худро аз замин боло мегирад.



-Ва як бор аз рӯи воҷиб будан "Субҳона раббиял аъло" мегӯяд ва мустаҳаб аст, ки ба он чи ворид шудааст, зиёд намояд ва метавонад ба он чизе дӯст медорад, дуо кунад.

-Сипас такбир мегӯяд ва бар пои чапаш дар ҳоле ки он хобондашудааст менишинад ва пои ростро рост мегузорад ва шиками ангуштони пои ростро бар замин мегузорад ва ангуштони онро ба тарафи қибла қарор медиҳад ва шиками кафи дастонро бар охири ронҳо мегузорад. Ин тарз нишастан дар ҳамаи нишастҳои намоз аст, ба ҷуз се ракаата ва чор ракаата дар ташаҳҳуди охир ба тарзи таваррук менишинад, интавр ки пои чапашро дар зери соқи пои рост қарор медиҳад.



-Сипас такбир гуфта ва монанди саҷдаи аввал саҷда мекунад.

-Сипас такбир гуфта ва барои ракаати дуввум мехезад ва ҳамон корҳоеро, ки дар ракаати аввал анҷом дод, анҷом медиҳад, магар ки дар ракаати дуввум такбири эҳром ва дуои истифтоҳ вуҷуд надорад.

-Ҳангоме ки аз саҷдаи дуввум дар ракаати дуюм хест, барои ташаҳҳуд менишинад.

-Дар ташаҳҳуд бо ангушти сабоба ишора карда ва нуки ангушти миёна ва ибҳомро ба ҳам мечаспонад ва дар ҳангоми дуо дар ташаҳҳуд, ангушти сабобаро ҳаракат медиҳад.

-Хондани ташаҳҳуд воҷиб аст, онро мехонад.

-Пас агар намоз ду ракаата бошад, дар ташаҳҳуд салавоти Иброҳимӣ фиристад ва аз чаҳор чиз ба Аллоҳ паноҳ мебарад:"Эй Аллоҳ ба Ту аз азоби Ҷаҳаннам паноҳ мебарам ва ба Ту аз азоби қабр паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи масеҳи Даҷҷол паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи зиндагӣ ва марг паноҳ мебарам ". Ва ҳар дуои дигаре, ки дӯст дорад, мекунад. Ва беҳтар ин аст дуое кунад ки дар суннат омада аст ва ҳамроҳ бо он бигӯяд:"Эй Аллоҳ маро бар зикрат ва шукрат ва нек ибодат карданат ёрӣ бидеҳ".



Сипас ба тарафи рост ва чапи худ салом медиҳад ва фақат сари худро беҳаракат додани китфҳояш ба тарафи рост ва чап мегардонад ва бе ин ки сари худро боло ва поён барад, ё ин ки бо дастонаш ишора кунад.



-Агар намоз се ё чор ракаата бошад, баъд аз хондани ташаҳҳуди аввал мехезад. Албатта, хондани салавоти Иброҳимӣ дар ташаҳҳуд, мустаҳаб аст.

-Такбир гуфта ва ракаати сеюмро хонда ва агар намоз се ракаата аст, барои ташаҳҳуд менишинад ва агар чаҳор ракаата аст, ракаати чорумро низ мехонад ва сипас барои ташаҳҳуди охир менишинад.

-Ташаҳҳудро хонда ва салавоти иброҳимиро мехонад ва аз чаҳор чиз ба Аллоҳ паноҳ мебарад: "Эй Аллоҳ ба Ту аз азоби Ҷаҳаннам паноҳ мебарам ва ба Ту аз азоби қабр паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи масеҳи Даҷҷол паноҳ мебарам ва ба Ту аз фитнаи зиндагӣ ва марг паноҳ мебарам ". Ва ҳар дуои дигаре, ки дӯст дорад, мекунад. Ва беҳтар ин аст дуое кунад ки дар суннат омада аст ва ҳамроҳ бо он бигӯяд:"Эй Аллоҳ маро бар зикрат ва шукрат ва нек ибодат карданат ёрӣ бидеҳ".

-Агар намози фарз мехонад, хондани азкори воридаи баъд аз намоз, барояш мустаҳаб аст.

-"Астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, аллоҳумма антас салом ва минкас салом, табоaccess ё залҷалоли вал икром".

-Сипас мегӯяд:"Субҳоналлоҳ валҳамду лиллоҳ ва Аллоҳу акбар" ва ҳар кадомро сивусе бор мегӯяд, ки ҷамъ наваду нуҳ бор мешавад ва садумро ба гуфтани:"Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир", ба поён мерасонад.

-Сипас Ояталкурсӣ мехонад:"Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал ҳайюл қайюм....." то охир. Сипас сураи Ихлос:"Қул ҳуваллоҳу аҳад. Аллоҳус самад. Лам ялид ва лам юлад ва лам якул лаҳу куфуван аҳад" ва сураи Фалақ:"Қул аъузу бираббил фалақ...." ва сураи Нос:"Қул аъузу бираббин нос..."-ро мехонад.

## Танбеҳи муҳим:

-Қаблан зикр шуд, ки яке аз шартҳои дуруст шудани намоз, пӯшондани аврат аст, ки дар намоз воҷиб аст. Намозгузор бояд ҳазар намояд, то авраташ дар вақти намоз намоён нашавад, ки ба ин хотир намозаш ботил мешавад.





-Ҳаргоҳ як намозгузор ҳамроҳ бо имом намоз хонад, машрӯъ ин аст, ки тарафи рости ӯ биистад ва буҷулаки поҳояшон баробари якдигар бошад, на аз имом пештар биистад ва на ақибтар ва ҳаминтавр дар канори боқии намозгузорон меистад.



## Хулоса дар бораи намоз

| Ном | Ҳукм | Вақт | Адад | Сифат |
|---|---|---|---|---|
| Намози ҷумъа | Фарз | Вақти намози пешин | Ду ракаат | Намози ҷумъа бо овози баланд ва бо се марду аз он бештар бо ҷамоат хонда мешавад. |
| Намози кусуф | Фарзи кифоя | Вақти гирифтани офтоб | Ду ракаат | Намози кусуф ҷаҳрӣ буда ва дар ҳар ракаат ду рукӯъ дорад. |
| Намози витр | Суннати муаккада | Аз баъди хуфтан то субҳ. | Аз як ракаат то 11 ракаат. | -Як ракаат мебошад. -Се ракаат паи ҳам фақат барои ташаҳҳуд дар охир мешинад, ё ду ракаат мехонаду салом медиҳад, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | сипас як ракаат мехонад. -Панҷ ракаат, фақат барои ташаҳҳуд дар охир мешинад. -Ҳафт ракаат, дар ракаати ҳафтум барои ташаҳҳуд мешинад. -Нуҳ ракаат, барои ташаҳҳуд дар ракаати ҳаштум мешинад ва барои ракаати нуҳум бесалом додан мехазад ва дар он ташаҳҳуд мехонад ва салом медиҳад. |
| Суннати бомдод | Суннати муаккада | Пеш аз фарзи | Ду ракаат | Дар ракаати якум сураи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | бомдод | | Кофирун ва дар дуюм сураи Ихлосро мехонад. |
| Суннати пешин | Суннат | Чор ракаат пеш аз фарз ва ду ракаат баъд аз он | 4\2 | Ду ракаат-ду ракаат ҷудо хонда мешавад. |
| Суннати шом | Суннат | Баъд аз фарзи шом | Ду ракаат | Дар ракаати якум сураи Кофирун ва дар дуюм Ихлосро мехонад. |
| Суннати хуфтан | Суннат | Баъди фарзи хуфтан | Ду ракаат | |
| Таровеҳ | Суннат | Баъди хуфтан то | Аз ду то даҳ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | субҳ. | ракаат аст | |
| Таҳияи масҷид | Воҷиб | Вақти дохил шудани масҷид ва пеш аз нишастан. | Ду ракаат | |
| Зуҳо (чошт) | Суннат | Аз баланд шудани офтоб то пеш аз завол. | Аз ду то ҳашт ракаат аст | |
| Истихора | Суннат | Кадом вақте бошад хонда мешавад. | Ду ракаат | Пеш аз салом додан дуои истихораро мехонад. |
| Намози истисқо | Дар вақти | Аз баланд шудани | Ду ракаат | Дар он монанди такбири ид ҳафт бор |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| (талаби борон) | ҳоҷат хондан суннат аст | офтоб ба қадри тири найза. | | бо ҳамроҳи такбири эҳром дар ракаати якум ва панҷ бор дар ракаати дуюм ғайр аз такбири интиқол такбир мегӯяд. |
| Намози идҳо | Суннат | | Ду ракаат ва ду хутба дорад | Дар он ҳафт бор бо ҳамроҳи такбири эҳром дар ракаати якум ва панҷ бор дар ракаати дуюм ба ғайр аз такбири интиқол такбир мегӯяд. |

**Вақтҳое ки аз намози нафлҳои мутлақ наҳй шудааст:**

1). Аз субҳ то баланд шудани офтоб ба қадри тири найза.
2). Аз намози аср то шиштани офтоб.
3). Аз қоим шудани офтоб дар миёнаи осмон то гаштани завол.

## Саволҳо оид ба намоз

1.Шартҳои намоз чандто аст? O Нуҳто. O Ёздаҳто. O Ҳашто.

2. Шарти Ислом дар шартҳои намоз хато аст, зеро ки намоз намегузорад, магар мусалмон. (Дуруст-хато)

3.Тамйиз (фарқ намудан) ҳамон ба балоғат расидан аст. (Дуруст-хато)

4.Дур кардани бетаҳоратӣ бадан, макон ва либосро дарбар мегирад. (Дуруст-хато)

5. Наҷосати хук ҳамон наҷосати:O Вазбин. O Миёна аст.

6.Манӣ наҷис аст барои воҷиб шудани ғусл баъди хориҷ шудани он. (Дуруст-хато)

7. Байни пошидани об ва шустан фарқе нест. (Дуруст-хато)

8. Ҳамаи худмурдаҳо наҷис ҳастанд. (Дуруст-хато)

9. Дар пок кардани наҷосати саг ба ҷуз хок ҷоиз мешавад ва бо поккунандаҳои нав, пок мешавад. (Дуруст-хато)

10. Он чизе ки аз он эҳтироз кардан машаққат меорад, ҳамон чизест, ки бисёр дохилу хориҷ мешавад, пас гоҳо гурба барои баъзеи мардум пок ва барои баъзеи дигар наҷис аст. (Дуруст-хато)

11. Он нафсе ки хуни ҷорӣ надорад, нафс рӯҳ аст. (Дуруст-хато)

12. Хуне ки дар рагҳо боқӣ мемонад: O Наҷис. O Пок аст.

13. Рукнҳои намоз чандто аст? O 14. O 9. O 8.

14. Такбири эҳром ҳамон боло бардоштани дастҳост. (Дуруст-хато)

15. Агар рукнеро фаромушона тарк кунад, пас бар ӯ танҳо саҷдаи саҳв лозим мешавад. (Дуруст-хато)

16. Воҷибҳои намоз чандто аст? O 8 O 14 O 9.

17. Дар саҷдааш:(Суббуҳун қуддусун раббул малоикати вар руҳ) гуфт, замоне ки медонад гуфтани (Субҳона раббиял аъло) як бор воҷиб аст, пас намозаш ботил аст. (Дуруст-хато)

18. Дар намоз гузоштани шиками кафи дасти рост бар пушти кафи дасти чапаш ва дар банд ва соъиди он ҷоиз аст. (Дуруст-хато)

19. Қироати ҷаҳрӣ (баланд) дар ду ракаати аввал, дар намози фарз, ҳаргоҳ дар шаб бошад ва дар ҳар намозе ки ба хотири он иҷтимои ом машрӯъ шудааст, монанди идҳо мебошад. (Дуруст-хато)

20. Ботилкунандаҳои намоз чандто аст? O 8 O 9 O 14.

21. Таваррук дар ташаҳҳуди: O Аввал O Охир O Ҳамаи зикршудаҳо мебошад.

22. Зиёдатии (вашшукр) дар қавли:(Раббано лакал ҳамду ва-ш-шукр) ҳукми он: O Ҷоиз O мустаҳаб O ҳаром.

23. (Раббиғфирли валиволидая) дар байни ду саҷда гуфтан: O Ҷоиз O Ҳаром O Макрӯҳ.

24. Гузоштани оринҷҳо бар замин дар вақти саҷдаҳо: O Ҳаром O Мустаҳаб O Макрӯҳ аст.

25. Сабаби саҷдаи саҳв чандто аст? O 2 O 3 O 4.

26. (Ва шак баъди феъл таъсир надорад ва инчунин ҳаргоҳ шакҳо бисёр шавад). (Дуруст-хато)

27. Суннати бомдод аз суннатҳои ротиба дар фазл, сабукӣ, қироати хос, дар сафар ҳам хондани он ва фақат баъди он дар хона каҷпаҳлӯ кардан фарқ менамояд. (Дуруст-хато)

28. Ҳукми масъалаҳои зеринро баён кун:

| Масъала | Ҳукм |
|---|---|
| Намози касе ки динро дашном медиҳад. | |
| Намози одами маст | |
| Намози бемор | |
| Намози хурдсол | |
| Фаромуштона бетаҳорат намоз гузошт | |
| Дар либоси наҷис | |

| | |
|---|---|
| фаромуштона намоз хонд | |
| Пешоби гов | |
| Пешоби зоғ | |
| Ронҳояш кушода намоз гузошт | |
| Фаромуштона пеш аз вақт намоз хонд | |
| Намоз дар ҳавопаймо | |
| Фарзи вақтро ният кард | |
| Нишаста намоз хонд | |
| Сураи Фотиҳаро фаромуш кард | |
| Имомро дар рукӯъ дарёфт | |
| Дар намоз шитобидан | |
| Баъди намоз бисёр шак овардан | |
| Баъди эҳром дар таҳораташ шак овард. | |
| Саҳван рукӯъе зиёд кард | |
| Такбири эҳромро тарк кард | |
| Ташаҳҳуди аввалро тарк кард | |
| Ташаҳҳуди охирро тарк кард | |

| | |
|---|---|
| Шак овард, ки се ё чор ракаат хондааст | |
| Баъди намоз шак овард | |
| Дар аснои намоз шак овард | |
| Дар саҳв боз саҳв кард | |
| Фаромушона дар намоз гап зад | |
| Аврataш кушода намоз хонд ва баъди тамом намудани намоз донист | |
| Дар хона пеш аз баромадан барои намоз таҳорат кард | |
| Дар масҷид фурухтан | |
| Умлаҳоро дар масҷид сарф кардан | |
| Имомро дар ташаҳҳуди охир дарёфт | |
| Сутра дар намоз | |
| Таваҷҷуҳи андаке | |
| Таваҷҷуҳи бисёр. | |
| Бо суръат нӯлзанӣ дар намоз | |

| | |
|---|---|
| Салавоти Иброҳимӣ дар ташаҳҳуд | |
| Дар намоз гап задан | |
| Дар намоз ҳаракат кардан | |
| Фотиҳаро фаромуш кард | |
| Намози ҷумъа | |
| Витр | |
| Таҳияи масҷид | |

29. Фарқҳои байни шарт, рукн, воҷиб ва суннатро зикр кун:

| Шарт | Рукн | Воҷиб | Суннат |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

# Дарси дувоздаҳум

## Шартҳои таҳорат (обдаст)

Таҳорат дорои даҳ шарт аст: 1) Ислом. 2) Ақл. 3)Тамйиз. 4) Ният. 5) Ҳукмро бо он ҳамроҳ кунад, яъне ният кунад, ки онро қатъ намекунад, то ин ки ба таври комил вузӯ бигирад.

6) Чизе ки муҷиби вузӯ аст набошад. 7) Пеш аз вузӯ, худро бо об ё санг пок кунад. 8) Обе ки бо он вузӯ мегирад, тоҳир ва мубоҳ бошад. 9) Дур кардани ҳар чизе ки монеъи расидани об дар пуст мешавад. 10) Дар мавриди касе ки бетаҳоратияш доимӣ аст, дохил шудани вақти намоз низ шарт аст.

Шарҳи баъзе аз шартҳо:

-Гуфтаи ӯ: (Ҳукмро бо он ҳамроҳ кунад, яъне ният кунад, ки онро қатъ накунад, то ин ки ба таври комил вузӯ бигирад): Маънояш ин аст, ки ният аз аввал то охири вузӯ истимрор бошад.

-Гуфтаи ӯ: (Чизе ки вузӯро ботил мекунад, набошад), яъне:Вузӯ нагирад дар ҳоле ки машғули хӯрдани гушти шутур аст, ё масалан дар ҳоли пешоб кардан аст, балки бояд, пеш аз шурӯъи вузӯ, чизе ки ботилкунандаи вузӯ аст, вуҷуд надошта бошад.

-Гуфтаи ӯ: (Пеш аз вузӯ худро бо об ё санг пок кардан) вузӯ гирифтан, ҳангоме ки ба хотири хориҷ шудани бод ё хобидан ё хӯрдани гушти шутур бошад, аз ин шарт мустасно аст.

-Гуфтаи ӯ: (Обе ки бо он вузӯ мегирад, тоҳир ва мубоҳ бошад) яъне:Бо оби наҷис, ё обе ки ғасб шудааст, вузӯ нагирад.
-Гуфтаи ӯ: (Дур кардани ҳар чизе ки монеъи расидани об ба пуст мешавад) монанди хамир, ё лаки нохун, зеро монеъи расидани об дар он узв мешавад.

## Суннатҳои фитрат

Аз ҷумлаи суннатҳои фитрат:

1-Хатна кардан дар ҳаққи мардон воҷиб аст, дар ҳаққи занон агар муҳтоҷ бошад, суннат аст.

2/5-Кӯтоҳ кардани муйлаб, гирифтани нохунҳо, чиндани мӯи зери китф ва тарошидани мӯи зери ноф:Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт:"Барои мо дар кутоҳ кардани муйлаб, гирифтани нохун, чиндани мӯи зери китф ва тарошидани мӯи зери ноф вақт муайян шуд, ки инро бештар аз чиҳил рӯз тарк накунем". Хулоса ин ки шоиста нест, ки ин умурро бештар аз чиҳил рӯз дер карда шавад.

6-Гузоштани риш:Ҳукми он воҷиб ва тарошидани он гуноҳи кабирае аз кабираҳост.

7-Мисвок:Он истеъмоли чуби арок ва монанди он дар тоза кардани дандонҳо аст. Ҳукми он:Суннат ва дар ҳамаи вақт, дар назди вузӯ, намоз, даромадани хона, хондани Қуръон, аз хоб хестан, марг ва тағйир ёфтани бӯи даҳон таъкид мешавад.

# Дарси сездаҳум

## Фарзҳои вузӯ

Вузӯ дорои шаш фарз аст:

1-Шустани рӯй, ки мазмаза ва истиншоқ ҷузъе аз он аст.

2-Шустани дастҳо бо ҳамроҳи оринҷҳо.

3-Масҳи ҳамаи сар ва гушҳо аз ҷумлаи он ҳастанд.

4-Шустани пойҳо бо ҳамроҳи буҷулакҳо.

5-Тартиб.

6-Муволот (пай дар пай).

Се бор шустани рӯ, дастҳо ва пойҳо мустаҳаб аст. Ва инчунин мазмаза (об дар даҳон кардан) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) мустаҳаб аст, се бор анҷом дода шавад. Аммо як бор шустани онҳо фарз аст. Аммо такрор кардани масҳи сар мустаҳаб нест, чунон ки ҳадисҳои саҳеҳ бар ин далолат мекунад.

## Шарҳи муволот:

Муволот ингуна аст, ки вузӯгиранда шустани як узвро он қадар дер накунад, ки узви қаблӣ, ки онро шуста аст, хушк шавад.

# Дарси чордаҳум

## Шикանандаҳои вузӯ

Шикананандаҳои вузӯ шашто аст:

1-Ҳар чизе ки аз ду роҳ, ақиб ва пеш хориҷ шавад.

2-Ҳар чизи зишти наҷис ки аз бадан хориҷ шавад.

3-Зоил шудани ақл ба сабаби хоб, ё ғайра.

4-Қапидани шармгоҳ, пеш бошад, ё қафо бо даст, бе ин ки дар миёна парда бошад.

5-Хӯрдани гушти шутур.

6-Аз Ислом баргаштан (муртад шудан).

## Танбеҳи муҳим:

Аммо шустани майит, саҳеҳ ин аст, ки вузӯро намешиканад. Ин назари бештари аҳли илм аст, зеро далеле барои он вуҷуд надорад. Аммо агар дасти шахси ғуслдиҳанда бепарда ба шармгоҳи майит расид, бар ӯ вузӯ воҷиб мешавад. Бар ӯ воҷиб ин аст, ки шармгоҳи майитро бо даст нарасад, магар ин ки чизе парда бошад.

Ҳамчунин қапидани зан, мутлақан вузӯро намешиканад, чи ин кор аз рӯи шаҳват бошад ва ё бешаҳват бошад. Дар дурусттарин қавл аз байни ду қавле ки дар миёни олимон вуҷуд дорад, то замоне ки аз ӯ чизе хориҷ нашавад, вузӯ ботил намешавад, зеро Расулуллоҳ ﷺ баъзе занонашро мебӯсид ва сипас бе ин ки вузӯ бигирад, намоз мехонд. Аммо фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу:"Ё занонро ламс кардед" дар дурусттарин қавл аз байни ду қавле ки дар миёни олимон вуҷуд дорад, мақсад аз он ҷимоъ ва ҳамхобагӣ аст. Ин қавли Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ва гурӯҳе аз салаф ва халаф аст.

Шарҳи баъзе аз шикanандаҳои вузӯ:

-Гуфтаи ӯ: (Ҳар чи аз ду роҳ хориҷ шавад), мутлақан: Монанди пешоб, пасафканда, манӣ, мазӣ, вадӣ, бод, санг, хун, кирм, ҳайз ва нифос.

-Гуфтаи ӯ: (Ҳар чизи зишти наҷисе, ки аз бадан хориҷ шавад), роҷеҳ ин аст ки шикanандаи вузӯ нест, магар ин ки аз ҷинси пешоб ва пасафканда бошад.

-Гуфтаи ӯ:(Зоил шудани ақл ба сабаби хоб, ё ғайра) хоб дар зоти худ шикanандаи вузӯ нест, балки ба ин хотир шикanандаи вузӯ аст, ки ҷои гумони хориҷ шудани бод аст. Бинобар ин агар эҳсос мекунад чизе аз ӯ хориҷ нашуда аст, шикanандаи вузӯ нест.

-Гуфтаи ӯ: (Ламс кардани шармгоҳ бо даст бе ин ки пардае миёнашон бошад, чи аз пеш бошад ва чи аз ақиб):Шайхи Ислом ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ вузӯ гирифтанро баъд аз ламси шармгоҳ мустаҳаб медонад, на воҷиб.

## Хулосаи сифати вузӯ бо акс:

-Вақте ки нияти вузӯ кард, машрӯъ аст, ки номи Аллоҳ таъолоро бар забон орад.

-Сипас дастонашро се бор, бо дасташ бар рӯи дасташ об мерезад.

-Сипас бо дасти рост як мушт об бардошта ва бо гардондани об дар даҳонаш ва сипас баргардондан, мазмаза мекунад. Сипас обро дар биниаш карда ва дар ҳоле ки ангушти сабоба ва ибҳомро рӯи биниаш гузошта бо фишор, онро хориҷ мекунад. Ин амалро се бор такрор мекунад.

-Сипас рӯяшро се бор мешӯяд. Андозаи рӯ аз ҷиҳати дарозӣ, аз ҷое ки мӯйҳо рӯидааст, шурӯъ шуда ва то охири ҷоғ (манаҳ) идома дорад, аз ҷиҳати паҳноӣ мобайни ду гуш аз рӯ ҳисоб мешавад.

-Сипас дастҳоро то оринҷ се бор мешӯяд, аввал дасти рост ва сипас дасти чапро мешӯяд.

-Сипас бар сараш масҳ мекашад, ду дасташро аз пеши мӯйҳо то пушти сар мебарад ва сипас бармегардонад.

-Сипас ангушти сабобаро дохили сурохи гуш карда ва онро масҳ мекунад.

-Сипас ду поро то каъбҳо (буҷулакҳо) мешӯяд.








Ва баъд аз тамом кардани вузӯ мегӯяд:"Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва русулуҳ" ва дар Сунани Тирмизӣ омадааст:"Аллоҳуммаҷъални миннаттаввобина ваҷъални минал мутутаҳҳирин".

**Ҳукми шустани узве зиёдтар аз миқдори машрӯъ:**

Дар вузӯ аз миқдори машрӯъ зиёдтар шустан ҷоиз нест, монанди ин ки бихоҳад ҳар узверо аз се бор бештар бишӯяд, ё аз оринҷи даст болотар ё аз буҷулаки по болотар бишӯяд, ё гарданро масҳ кунад.





# Иловаи баъзе масъалаҳое ки ба рукнҳои Ислом тааллуқ дорад.

## Аввал:Таҳорат

### Таямум:

Таямум бадал аз таҳорати обӣ аст, вақте ки истеъмоли об дар аъзои таҳорат, ё дар баъзеи он узр бошад, барои набудани об, ё тарсидан аз зарар дар истеъмоли об, пас хок ҷойгузини об мешавад.

### Сифати таямум:

Нияти таямум мекунад, сипас бисмиллоҳ мегӯяд. Сипас як бор дасташро ба замин мезанад ва ба кафи дастонаш рӯ ва пушти дастонашро масҳ мекашад.



Боз кардани ангуштон ҳангоми зарба задан ба замин ва хилол кардани ангуштон ҳангоми масҳи ду каффи даст ҷоиз нест.



## Равиши ғусли воҷиб:

Нияти ғусл ва дур кардани ҷанобат мекунад, сипас бисмиллоҳ гуфта ва баъд аз он ҳамаи бадан ва зери мӯйҳои кам ва ғафсро бо об мешӯяд ва мазмаза ва истиншоқ мекунад.

### Суннатҳои ғусл:

Шустани шармгоҳ, сипас дастонашро мешӯяд, сипас ҳамонанди вузӯи намоз вузӯ мегирад ва мӯи сарро тар мекунад. Сипас тарафи рости бадан ва баъд тарафи чапро мешӯяд, сипас пойҳояшро мешӯяд.

Сабабҳои ғусл:

1-Ҷанобат:Ба рехтани манӣ ба сабаби ҳамхобагӣ, ё ғайра, ё бо илтиқои ду хатнашуда мебошад.

2-Баромадани хуни ҳайз ва нифос.

3-Фавтидан ба ҷуз шаҳид.

4-Ислом овардани кофир.

Шартҳои масҳи бар хуфҳо

Бар таҳорат онҳоро пӯшида бошад, яъне дар вузӯ поҳо-яшро шуста бошад.

Маҳсиҳо ё ҷурабҳо тоҳир бошанд.

Бештари узвро сатр кунад.

Масҳи он ду дар бетаҳоратии хӯрд бошад, на дар ҳоли ҷанобат, ё он чизе ки муҷиби ғусл аст.

Масҳ аз рӯи шариат дар вақти муайян мебошад, барои муқим як шабонаӯз (24 соат) ва барои мусофир се шабонарӯз(72 соат) аст ва аввали вақт, масҳи якум ки баъди бевузӯи буд, шурӯъ мешавад.

**Равиши масҳи хуфҳо:**

Аз атрофи ангуштони по то соқаш фақат дасташро бикашад, яъне он чизе ки масҳ мешавад ҳамон болои хуф (маҳсӣ) аст, пас дасташро аз назди ангуштони по то соқ фақат мекашад ва масҳ бо ҳарду даст бар ҳар ду по мебошад, яъне бо дасти рост пои ростро ва бо дасти чап пои чапро масҳ кашида мешавад, зеро ана ҳамин зоҳири суннат аст.

**Масъалаҳое ки тааллуқ ба масҳ дорад**

1-Ҳаргоҳ замони масҳ тамом шуд, ё маҳси бароварда шуд, таҳорат боқӣ мемонад ва намешиканад.

2-Масҳ кашидан бар даридагӣ ва он чизе ки аз рӯи сафо ва тунукияш башара дида мешавад, ҷоиз мебошад.

## Одоби қазои ҳоҷат:

Мустаҳаб аст:

-Ҳаргоҳ хало (туалет) дарояд:Пои чапашро пеш гузорад ва гӯяд:"Бисмиллоҳ, аллоҳумма инни аъузу бика минал хубси вал хабоис".

-Ва ҳаргоҳ аз он хориҷ шавад, пои росташро пеш гузошта ва гӯяд:"Ғуфронака".

Ва бар ӯ воҷиб аст, ки худро бо девор ё ғайра сатр намояд ва агар дар саҳро бошад, дур равад.

Ва барои ӯ раво нест, ки:

-Ҳоҷаташро дар роҳ, ё дар ҷои нишасти мардум, ё дар зери дарахти мевадиҳанда, ё дар ҷое, ки ба он мардум озор меёбад ва дар оби қарор қазои ҳоҷат кунад.

-Ин ки дар ҳоли қазои ҳоҷат рӯ ё пушт тарафи қибла кунад.

-Олаташро ба дасти росташ биқапад.

-Аллоҳ таъолоро зикр кунад.

Пас, ҳаргоҳ қазои ҳоҷат кард, худро ба об ё санг тоза кунад. Ва шартҳои ба санг тоза кардан:

-Се бор, пас бештар масҳ намояд, пас дар нафси макон масҳ накунад.

-Нақӣ, пок бошад, покӣ ба хушк гаштани санг, ё миндил дониста мешавад.

-Истиҷмор ба чизи наҷис, ё муҳтарам монанди таом набошад ва на ба устухон ё саргин.

Ва росто пешоб кардан ҷоиз аст, ба шарте ки аз паридани чилчаҳои пешоб бар бадан ва либосаш эмин бошад ва кашфи авраташ эмин мебошад, "Паёмбарﷺ ба партовгоҳи қавме омад, пас росто пешоб кард". Ҳадиси Бухорию Муслим аст.

## Саволҳо оиди мавзӯи таҳорат

1-Шартҳои вузӯ чандто аст? O 9. O 10. O 8.

2-Фарзҳои вузӯ: O Чор аъзо. O Он чи гузашт бо изофаи тартиб ва муволот.

3-Шиканандаҳои вузӯ чандто аст? O 6. O 5. O 8.

4-Аз умури зерин шиканандаҳои вузӯро баён кун: O Гушти шутур. O Гушти оҳӯ. O Овози шикам. O Бод. O Пинак (Хоболудӣ). O Шуштани майит. O Қапидани зан.

5-Равиши таямумро зикр кун:

.......................................................................................................

.......................................................................................................

.......................................................................................................

6-Равиши ғусл карданро зикр кун:

.......................................................................................................

.......................................................................................................

.......................................................................................................

7-Ҳукми масъалаҳои зеринро зикр кун:

| Масъала | Ҳукми он |
|---|---|
| Ба лафз ният кардан. | |

| | |
|---|---|
| Ба вузӯаш як намозро ният кард, сипас аз як намоз бештар хонд. | |
| Барои қироати Қуръон вузӯ гирифт, сипас намоз гузорид. | |
| Дар аснои вузӯаш нияташро қатъ кард | |
| Баъд аз вузӯ нияташро қатъ кард. | |
| Вузӯ гирифт дар ҳоле ки дар соқаш хамир буд. | |
| Вузӯ гирифт дар ҳоле ки гушти шутур мехӯрд. | |
| Ба оби дуздӣ вузӯ гирифт | |
| Пеш аз истинҷо ё ба санг тоза кардан вузӯ гирифт | |
| Оби нав гирифтан барои гушҳо | |
| Се бор сарро масҳ кашидан | |
| Як бор-як бор вузӯ гирифтан | |
| Дар вузӯ се бори шустан | |

| | |
|---|---|
| Дар вузӯ шустани ду каффи даст | |
| Хилол кардани риш | |
| Дар вузӯ молиш додан | |
| Масҳи узве ки шустани он фарз аст | |
| Шустани сар | |
| Дохил кардани ду каффи даст дар зарфи об | |
| Дар вузӯ аз тарафи рост ибтидо кардан | |
| Аз се бор зиёд шустан | |
| Шустани соқ | |
| Баъди оббозӣ намоз гузорид. | |
| Баъди ғусл кардан намоз гузорид ва вузӯ нагирифт. | |

## Дуюм закот

**Ва он ду қисм аст:**

Закоти мол ва он рукни сеюми аркони Ислом аст ва он бар ҳар мусалмони озоде, ки молики нисоб аст, воҷиб аст. Дар мол закот нест, то ки бар болои он як сол гузарад, ба ҷуз он чизе ки аз замин мебарояд ва он чизе ки тобеи асл аст, монанди зиёд шудани нисоб ва фоидаи тиҷорат, пас ҳамоно гузаштани соли ин ду гузаштани соли аслашон аст ва ба чаҳор қисм тақсим мешавад:

Закоти бадан. Он закоти фитр аст. Ин закот бар ҳар мусалмони бузург, хӯрд, мард ё зан, ғулом ё озод воҷиб аст.

Тило ва нуқра ва оне ки қоим мақоми ин ду аст, аз умлаҳо (сумҳо) ва ғайра, нисоби тило 20 мисқол (85 грам) аст ва нисоби нуқра 200 дирҳам (595 грам) мебошад.

Ҳайвонҳои (чаранда), ки бештар ё тамоми солро аз алафи мубоҳ мечаранд. Мақсад аз чаҳорпоён, шутур, гов, бузу гусфанд аст.

Ҳар чи аз замин мерӯяд, ки манзур донаҳо ва меваҳо аст.

Молҳои тиҷоратӣ, ки шомили ҳар чизе аст, ки барои хариду фурӯш таҳия шудааст.

## Аҳли закот:

1-Фақирон:Онҳо ниёзмандоне ҳастанд, ки чизе намеёбанд, ё баъзе чизи кифоя мекардагиро меёбанд.

2-Мискинон:Онҳо касонеанд, ки бештар аз кифоя, ё нисфи онро меёбанд, пас агар фарз кунем, ки барои як сол 12000 кифоя аст, пас фақир касе аст, ки аз шаш ҳазор камтар дорад, ё чизе надорад ва мискин шаш ҳазор ё бештар дорад ва ба 12000 намерасад, зеро мо мискин ва фақирро кифоягии як соларо медиҳем, зеро закот дар гузашти сол воҷиб мешавад.

3-Кормандони закот:Ҷамъоварандагону нигаҳбонон ва вазифадор шудагон ба тақсими он, мебошанд. Ононро подшоҳ вазифадор мекунад ва дар онҳо васфи фақр шарт нест, балки аз моли закот дода мешаванд ва агарчи бой бошанд.

4-Дилҷӯи шудагон:Аз ҷумлаи касоне ки исломи ӯро, ё аз шарраш даст бардоштан, ё қуввати имони ӯро чашм дошта мешавад.

5-Озод кардани ғулом ва онҳо:

А). Мукотаби мусалмон ва ӯ ғуломест, ки худашро аз мавлояш мехарад.

Б). Озод кардани ғуломи мусалмон.

Ҷ). Озод кардани асири мусалмон.

6-Қарздорон, онҳо:

а). Ба хотири ислоҳи байни душманон қарздор аст.

б). Барои худаш қарздор аст.

Ва авфу халос кардани қарздори фақир аз қарз ба нияти закот ҷоиз намебошад.

7-Дар роҳи Аллоҳ:Ғозиён ва ба он чизе ки аз силоҳ ва ғайра муҳтоҷ мешавандро, шомил мешавад.

8-Писари роҳ:Ӯ мусофири роҳгузарест, ки нафақааш тамом шудааст, пас аз моли закот миқдоре дода мешавад, ки ӯро ба шаҳраш мерасонад.

Бар яке аз онон додани закот ҷоиз мебошад.

Ва додани закот барои бой, неруманде, ки тавоноии кор дорад ва хонадони Муҳаммад ﷺ, ки онҳо Бани Ҳошим ва мавлоҳои онон аст, ҳалол намебошад ва на бар касе ки нафақаи он бар закотдеҳ воҷиб аст ва на барои кофир. Аммо додани садақаҳои нафлӣ ба онон ва ғайрашон ҷоиз мебошад ва локин ҳаргоҳе ки нафъи ом ё хос бештар бошад, пас он комилтар мебошад.

## Таърифҳои муҳим:

-Бинти махоз:Шутуре аст, ки як солро комил карда аст. Ба ин исм номида шудааст, зеро модараш ҳомила аст.

-Бинти лабун:Шутуре аст, ки ду солро комил карда аст. Ба ин исм номида шудааст, зеро модараш шир дорад.

-Ҳиққа:Шутуре аст, ки се солро комил кардааст. Ба ин исм номида шудааст, зеро омода барои ҷуфтгирии шутури нар бо ӯст.

-Ҷазаъа:Шутуре аст, ки чор солро комил кардааст. Ба ин исм номида шудааст, зеро дар ин син дандоҳои пешаш меафтад.

-Табиъ ё табиъа ба гове гуфта мешавад, ки як солро комил карда аст.

-Мусанна ба гове гуфта мешавад, ки ду солро комил карда аст.

Миқдорҳои закот:

| Молҳо | Сол | Нисоб | Миқдори закот |
|---|---|---|---|
| Ҳайвонҳои чаранда, аз шутур, гов, бузу гусфанд. | Гузаштани сол шарт аст. | Ҷадвали оянддаро муроҷиат кун. | Ҷадвали оянддаро муроҷиат кун. |
| Он чи аз замин мерӯяд. | Сол шарт нест | 300 соъ | Дар он чизе ки осмон об дода ё чашма даҳяк аст.<br><br>Дар он чизе ки ба кашидан об дода шудааст, нисфи даҳяк мебошад.<br><br>Дар он чизе ки ба ҳар дуи он об дода шудааст, се чоряки даҳяк мебошад. |
| Тило ва нуқра | Сол шарт аст | Аз тило 85 грам, ё аз нуқра 595 | Чоряки даҳ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | грам мебошад. | |
| Молҳои тиҷоратӣ | Сол шарт аст | Ба насиб-тарин барои фақирон аз тило ё нуқра қиммат гузошта мешавад. | Чоряки даҳ |

## Нисобҳои закоти ҳайвонҳо ва миқдори он:

| Гусфанду буз | | Шутури як ё ду кухона | | | Гов ва говмеш | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдор | Закоти он | Миқдор | | Закоти он | Миқдор | | Закоти он |
| Аз - то | | Аз | То | | Аз | То | |
| 40-120 | Як гусфанд | 5 | 9 | Як гусфанд | 30 | 39 | Табиъ ё табиъа |
| 121-200 | Ду гусфанд | 10 | 14 | ду гусфанд | 40 | 59 | Мусанна |
| 201-300 | Се гусфанд | 15 | 19 | се гусфанд | 60 | 69 | Ду табиъ |
| Баъд аз он дар ҳар садто гусфанд як гусфанд медиҳад. | | 20 | 24 | чор гусфанд | Сипас дар ҳар 30 гов як табиъ ва дар ҳар 40 гов як мусанна дода мешавад. | | |
| | | 25 | 35 | Бинти махоз | | | |
| | | 36 | 45 | Бинти лабун | | | |
| | | 46 | 60 | Ҳиққа | | | |
| | | 61 | 75 | Ҷазаъа | | | |
| | | 76 | 90 | Ду бинти лабун | | | |
| | | 91 | 120 | Ду ҳиққа | | | |
| | | 121 | 129 | Се бинти лабун | | | |

| | | |
|---|---|---|
| Дар садақа така, пир, маъиб ва моли бад гирифта намешавад. Ва дар садақа заиф, ҳомила, ҳайвоне ки барои куштан фарбеҳ карда мешавад ва беҳтарини мол гирифта намешавад | Сипас дар ҳар чиҳил шутур як шутури бинти лабун ва дар ҳар панҷоҳ шутур як ҳиққа дода мешавад. Ва вақс (нуқс) аз 9 пас поён аст (ва он дар байни ду фариза аст). | |

## Саволҳо оиди мавзӯи закот

1-Дар мол закот лозим намешавад, то ки ҳавл гузарад ва ҳавл як соли: O Ҳиҷрӣ. O Мелодӣ. O Фарқ надорад.

2-Аз шарт будани сол истисно мешавад:O Хазина. O Он чи аз замин мерӯяд. O Ҳамаи зикршудаҳо.

3-Нисоби тило:O 85 грам. O 595 грам. O 95 грам.

4-Нисоби нуқра:O 200 дирҳам. O595 грам. O Ҳамаи зикршудаҳо.

5-Баҳиматуланъом, шутур, гов ва бузу гусфандро шомил мешавад. (Дуруст-хато)

6-Дар меваҳо закот нест. (Дуруст-хато)

7-Соима ҳайвонест, ки:O Қиммати он боло меравад. O Ҳайвоне ки сол ё бештари онро мечарад.

8-Ҳайвоне ки мубоҳро мечарад. OҲайвоне ки чизҳои пок мехӯрад. O Ҳайвоне ки соҳиб надорад.

9-Ҳаргоҳ мискин зикр шавад дар зимни он фақир дохил мешавад. (Дуруст-хато)

10-Ба фақир дода мешавад миқдоре ки ӯро кифоягӣ мекунад, дар муддати: O Сол. O Моҳ.

11-Коргарони закот ҳамон:O Ҳар касе ки бар он кор мекунад. O Танҳо касоне ки подшоҳ онҳоро вазифадор кардааст, мебошанд.

12-Миқдори закотро дар умури зерин ҳисоб кун:

| Мол | Миқдори закот | Адади байни ду фариза агар ёфт шавад |
|---|---|---|
| 100 дирҳам | | |
| 300 динор | | |
| 400 дирҳам | | |

| | | |
|---|---|---|
| 80 грам тило | | |
| 500 грам нуқра | | |
| 30 гусфанд | | |
| 60 гусфанд | | |
| 565 гусфанд | | |
| 4 шутур | | |
| 17 шутур | | |
| 449 шутур | | |
| 30 гов | | |
| 49 гов | | |
| 77 гов | | |
| 99 гов | | |
| 20 милиён риёл | | |
| 40 риёл | | |
| 45679 риёл | | |
| 255 соъ аз донагӣ | | |

13-Дар зимни дилҷӯяндагон кофир дохил мешавад, ҳатто агар ислом оварданашро ҳам умед карда нашавад. (Дуруст-хато)

14- Замоне мавло ғуломашро озод кард, аз моли закот дода мешавад. (Дуруст-хато)

15-Бое аз фақир маблағи моле талаб мекунад, пас аз маблағ даст мекашад ва онро аз закот мешуморад, пас амалаш саҳеҳ аст. (Дуруст-хато)

16-Дар роҳи Аллоҳ ҳамаи бобҳои хайрро шомил мешавад, монанди бинои масҷидҳо. (Дуруст-хато)

17-Закоти тилову нуқра ба тақсими бар чиҳил ҳисоб карда мешавад. (Дуруст-хато)

18-Закот дар ҳайвонҳои чаранда аз шутур, гов бузу гусфанд воҷиб мешавад ва дар ҳайвонҳои кор мекардагӣ ва алаф додашуда воҷиб намешавад. (Дуруст-хато)

19-Закот дар донагӣ ва меваҳо замоне ки ба нисоб расад, воҷиб мешавад ва ин дар вақти сахт шудани донагӣ ва пухтани меваҳо мебошад. (Дуруст-хато)

20-Дар донагӣ ва меваҳо, дар он чизе ки ба кулфат об дода шудааст, нисфи даҳяк воҷиб аст. (Дуруст-хато)

21-Закот дар тило вақте ба нисоб расад ва миқдори нисоб 20 мисқол аст, воҷиб мешавад. (Дуруст-хато)

22-Дар атрофи он чизе ки закот воҷиб мешавад, аломат гузор: O Мурғ O маҳалли тиҷорӣ O бузу гусфанди алафдода шуда O шутури чаранда O мазараъаи хурмо O 25 мисқол аз тило.

23-Табеъ аз гов онест, ки дусола аст. (Дуруст-хато)

24-Нисоби варақҳои нақдӣ қиммат гузошта мешавад бар: O Молҳои тиҷоратӣ. O Қиммати нисоби тило ё нуқра. O Қиммати нисоби тило ва нуқра.

25-Дар закоти варақаҳои нақдӣ воҷиб аст:O Чоряки даҳяк. O Нисфи даҳяк.

26-Закоти 80 грам тило:O Ду грам O Чор грам O Дар он закот нест.

27-Дар хонаҳое ки барои зистан омода шуда аст, закот воҷиб мешавад. (Дуруст-хато)

28-Ҳар касе сафар кунад, аз закот ба ӯ доа мешавад, зеро ӯ писари роҳ аст. (Дуруст-хато)

## Сеюм:Рӯза

Савм дар луғат:Боз истодан аст. Ва дар шариат:Парастидани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба тарки хӯрдан, нӯшидан ва дигар ботилкунандаҳои рӯза, аз дамидани субҳи содиқ то нишастани офтоб мебошад.

### Рукнҳои рӯза

**1-Ният**

Нияти фарз:Бояд шаб ва пеш аз субҳ ният кунад. Ва ният кардан ба даромадани моҳ кифоя аст ва ҷои ният қалб аст ва талаффузи он бидъат аст.

Нияти нафл:Дар ҳар соате аз рӯз метавонад ният кунад, модоме ки ботилкунандаи рӯзаро анҷом надода бошад, валокин аз вақти ният аҷр ҳисоб мешавад.

**2-Аз ботилкунандаҳои рӯза боз истодан**

### Қисмҳои рӯза

**Воҷиб:**

Дар Рамазон, каффоратҳо ва назрҳо

**Нафл:**

Дар ғайри зикршудаҳо

## Шартҳои воҷиб шудани рӯза:

1-Ислом. 2-Ақл. 3-Балоғат. Аммо ғайри болиғ ба рӯза доштан тарғиб мешавад ва ӯро валияш амр мекунад. 4-Дар ватан бошад, пас рӯза бар мусофир воҷиб нест ва агар бар ӯ машаққат наорад, рӯза доштан беҳтар аст, аз рӯи феъли Паёмбар ва зеро он зудтар аз гардан соқит мешавад ва бар мукаллаф осонтар аст ва барои дарёфти фазилати моҳи шарифи Рамазон. 5-Тандурустӣ. 6-Аз ҳайзу нифос пок будан.

## Ақсоми беморӣ дар рӯза

### Беморие ки умеди шифо ёфтан надорад:

Ба он калонсоле, ки аз рӯза доштан оҷиз аст, мепайвандад, пас бар ӯ рӯза лозим нест, локин дар ивази ҳар рӯз як мискинро таом медиҳад. Ба ин тарз ки ба адади рӯзҳо мискинҳоро ҷамъ меорад, пас ба онҳо таоми шабона ё нисфирӯзӣ медиҳад ва ё ин ки таомро бар мискинон ба адади рӯзҳо, барои ҳар мискин чоряки соъи набавӣ, яъне нисфи кило ва даҳ грам аз гандуми хуб тақсим мекунад. Ва нек мешавад, ки бо гандум гушт, ё равған, ки ба он таом омода мешавад, тақсим кунад.

### Беморие, ки аз он умеди шифо аст ва бар ӯ рӯза душвор меояд:

Ба ин зани ҳоиз, нуфасо, ширдеҳ ва мусофир мепайвандад. Пас ҳаргоҳ шифо ёфт, рӯзҳоеро ки ифтор кардааст, қазо медорад. Пас агар пеш аз шифо ёфтан, бимирад, аз ӯ соқит мешавад.

## Даромадани моҳи Рамазон ба чи собит мешавад?

Ё ба дидани моҳи Рамазон, ё ба си рӯз шудани моҳи Шаъбон.

## Фосидкунандаҳои рӯза:

1-Қасдан хӯрдан ва нӯшидан, пас касе фаромушона хӯрд ё нӯшид рӯзааш дуруст аст.

2-Ҳамхобагӣ бо ҳамсар, ҳаргоҳ дар рӯзҳои Рамазон бошад ва ҳоло ки рӯза бар ӯ воҷиб аст, бар ӯ каффорати сахт лозим меояд ва он озод кардани ғулом аст, пас агар ғулом озод карда натавонад, пас ду моҳ паи ҳам рӯза медорад, пас агар рӯза дошта натавонад, пас шаст мискинро таом медиҳад.

3-Рехтани оби манӣ ба сабаби мубошират, ё бӯса, ё оғуш гирифтан, ё монанди он.

4-Он чизе ки ба маънои хӯрдан, ё нӯшидан бошад, монанди сузандоруи ғизодиҳанда, аммо ғайри ғизоди-ҳанда пас рӯзаро фосид намекунад.

5-Хун гирифтан ба ҳиҷомат, аммо андак хуне, ки барои фаҳс (анализ) ва монанди он гирифта мешавад, пас рӯзаро фосид намекунад.

6-Қасдан қай кардан. 7-Хуни ҳайз ва нифос.

## Баъзе чизҳое, ки барои рӯзадор раво аст:

Фурӯ бурдани оби даҳон, барои ҳоҷат чашидани таом, ғусл кардан, мисвок, хушбӯӣ кардан, худро сард кардан.

## Мустаҳабҳои рӯза:

1-Пеш аз субҳ хӯрдану нӯшидан. 2-Ба таъхир андохтани суҳур. 3-Дар ифтор шитобидан. 4-Бар хурмои тар ифтор кардан, пас агар хурмои тар наёфт, пас ба чанд хурмои хушк ва ин ки тоқ бошад. Пас агар хурмо наёфт, пас ба чанд ҷуръаи об ифтор кунад, пас агар чизе наёфт, ки ифтор кунад, ба қалбаш нияти ифтор кунад. 5-Дар вақти ифтор ва дар аснои рӯза дуо кардан. 6-Бисёр садақа додан. 7-Дар намози шаб кушиш кардан. 8-Хондани Қуръон. 9-Барои касе ки ӯро дашном медиҳад:(Ман рӯзадорам) гуфтан. 10-Умра кардан. 11-Дар даҳ рӯзи охир эътикоф нишастан. 12-Ҷустуҷӯи шаби қадр.

## Макрӯҳҳои рӯза:

1-Дар мазмаза ва истиншоқ (об дар бини кардан) мубо-лаға намудан.

2-Беҳоҷат чашидани таом.

## Бар рӯзадор ҳаром аст:

1-Фурӯ бурдани балғам ва ба он рӯза фосид намешавад.

2-Бӯсидан барои касе ки фосид шудани рӯзааш дар эмин намебошад.

3-Сухани дурӯғ (он феъли ҳамаи ҳаромшуда) аст.

4-Ҷаҳл (он бехирадӣ ва ҳалим набудан) аст.

5-Рӯзаи висол (яъне ду рӯз паи ҳам ифтор накардан) аст.

## Рӯзаи нафл:

1-Рӯзаи шаш рӯзи моҳи Шаввол, барои касе ки рӯзаи Рамазонро комил кардааст ва дар он пай дар пай аз рӯзи дуюм рӯза гирифтан беҳтар аст.

2-Рӯзаи рӯзи арафа барои ғайри ҳоҷиён.

3-Рӯзаи рӯзи Ошуро (даҳуми моҳи муҳаррам) бо ҳамроҳи ду рӯз, нуҳум ва ёздаҳум.

4-Рӯзаи рӯзи душанбе ва панҷшанбе ва душанбе таъкидшудатар аст.

5-Се рӯзи ҳар моҳ ва беҳтар рӯзҳои биз (13-14-15) аст.

6-Як рӯз рӯза доштан ва як рӯз ифтор кардан.

7-Рӯзаи моҳи Аллоҳ, муҳаррам.

8-Рӯзаи нуҳ рӯзи моҳи зулҳиҷҷа.

9-Рӯзаи моҳи Шаъбон ва локин онро пурра рӯза намегирад.

## Рӯзаи макрӯҳ:

Рӯзи ҷумъа, шанбе ва якшанберо ба танҳои рӯза доштан макрӯҳ аст, пас агар барои сабабе онро танҳо рӯза дорад, монанди рӯзи арафа, пас боке надорад.

## Рӯзаҳои ҳаромшуда:

1-Моҳи раҷабро танҳо рӯза доштан. 2-Ду рӯзи ид рӯза гирифтан. 3-Рӯзаи рӯзи шак, аммо агар касеро одаташ бошад, пас боке надорад.

4- Рӯзаи рӯзҳои ташриқ (се рӯз пас аз иди қурбон), магар барои ҳоҷие, ки ҳадя наёбад.

5-Рӯзаи тамоми замон.

## Аҳкоми қазо доштан

-Пай дар пай қазо доштан мустаҳаб аст.

-Баъди рӯзи ид дар қазо доштан, шитобидан шоиста мебошад.

-Ва таъхири қазо доштан, то Рамазони дигар раво намебошад.

-Пас агар беузр қазо доштанро ба таъхир андохт, пас ӯро бештар аз рӯзҳое ки қазо кардааст, рӯза доштан лозим намеояд, магар ки ӯ гунаҳгор мешавад.

## Закоти фитр:

Закоти фитр бар шахсе ки офтоби рӯзи охири Рамазон нишаста аст ва ӯ мусалмон аст, воҷиб мешавад, хоҳ ӯ калон бошад, ё хурдсол, мард бошад, ё зан, ғулом бошад ё озод ва дар рӯзу шаби ид соъе аз хӯроки худаш, оилааш ва ҳоҷатҳои асосияш зиёд бошад. Ва аз ҷанин (кӯдаке ки дар раҳми модар аст) додани закоти фитр мустаҳаб мебошад.

Ва ҳикмати машрӯъияти закоти фитр:

-Ҳамоно он барои рӯзадор аз беҳудагӣ ва рафас (дашному ҳақорат) покӣ аст.

-Ҳамоно дар он бениёз сохтани фақирон ва мискинон аз пурсидан дар рӯзи ид мебошад.

### Вақти додани закоти фитр

| Вақти ҷоизӣ: | Вақти мустаҳабӣ: | Вақти ҳаромӣ: |
| --- | --- | --- |
| Як ё ду рӯз пеш аз рӯзи ид. | Баъди намози бомдод, пеш аз намози ид. | Баъд аз намози ид. |

### Миқдори закоти фитр:

Як соъи таом аз чизҳое ки одамон онро хӯрок мегиранд, пас аз нуқуд (сум) ҷоиз намешавад. Ва миқдори як соъ ду килову чил грам аз гандуми хуб мебошад.

### Намози ид:

Ва он бар ҳар шахс фарзи айн аст ва баъди баланд шудани офтоб ба андозаи тири найза то завол хонда мешавад ва ҳаргоҳ фавт шуд, қазо дошта намешавад. Ва адои он дар саҳро берун аз шаҳр суннат аст ва дар масҷид низ дуруст мебошад. Ва пеш аз намози ид чанд хурмое ба таври тоқ хӯрдан ва поку хушбӯ кардан ва беҳтарини либосро пӯшидан ва аз роҳе рафтан ва аз роҳи дигаре бозгаштан суннат аст. Ва ба рӯзи ид табрику таҳния гуфтан ба ин қавл:"Аллоҳ аз мову шумо қабул кунад" боке надорад. Ва такбири мутлақ дар шаби ид ва пас аз намозҳо то шиштани офтоби рӯзи ид суннат мебошад ва равиши такбир ин аст:"Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ валлоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд". Ва равиши намози ид ду ракаат, пеш аз хутба мебошад. Дар ракаати якум баъд аз такбири эҳром шаш такбир мегӯяд ва дар ракаати дуюм, пеш аз қироат ба ҷуз такбири қиём, панҷ бор такбир (Аллоҳу акбар) мегӯяд.

## Саволҳо оиди мавзӯи рӯза

1-Аркони рӯза чандто аст? O 2 O 3 O 4.
2-Рӯза бар кӣ воҷиб мешавад?
А)..........................................................................................
Б)..........................................................................................
Ҷ)..........................................................................................
Д)..........................................................................................
3-Ҳар беморӣ аз доштани рӯза манъ мекунад. (Дуруст-хато)

4-Ҳукми амалҳои зеринро зикр кун:

| Масъала | Ҳукм |
|---|---|
| Баъди намози бомдод нияти рӯза кард. | |
| Беният рӯза доштан. | |
| Рӯзаи хурдсол. | |
| Рӯзаи мусофир. | |
| Рӯзаи зани дар нифос буда. | |
| Рӯзаи оҷиз. | |
| Дар ҳоле ки рӯзадор хӯрд. | |
| Сузандоруи ғизодиҳанда барои рӯзадор. | |
| Қатраи чашм. | |
| Сузандоруи оромибахш. | |

| | |
|---|---|
| Ҳиҷомат. | |
| Қай намудан. | |
| Фурӯ бурдани оби даҳон. | |
| Чашидани таом. | |
| Хоб. | |
| Ғусл кардан. | |
| Сарду салқин кардан. | |
| Мисвок. | |
| Бахур (хушбӯи дуд додан). | |
| Вақти саҳархӯрӣ. | |
| Ба чӣ саҳархӯрӣ мекунад? | |
| Ба чӣ ифтор мекунад? | .............пас агар наёбад....... ......пас агар наёбад.....пас агар наёбад........................... |
| Намози таровеҳ | |
| Умра кардан дар моҳи Рамазон | |
| Дар вақти рӯза дар мазмаза муболаға кардан | |
| Бӯса кардан барои рӯзадор | |
| Ду рӯз паи ҳам рӯза доштан | |

| | |
|---|---|
| Рӯзаи шаш рӯзи шаввол | |
| Рӯзаи рӯзи арафа. | |
| Рӯзаи рӯзи шак. | |
| Рӯзаи рӯзи ид. | |
| Рӯзаи рӯзҳои ташриқ (се рӯзи баъди иди қурбон) | |
| Рӯзаи моҳи муҳаррам | |
| Рӯзаи моҳи раҷаб. | |
| Рӯзаи даҳр (тамоми замон) | |
| Рӯзаи рӯзи ҷумъа. | |
| Қазоро то Рамазон ба таъхир андохт | |

## Чорум:Ҳаҷ

Ҳаҷ рукни панҷум аз аркони Ислом аст. Ба шарте фарз аст, ки шахс мусалмон, оқил, болиғ, озод буда ва тавоноии онро низ дошта бошад. Барои зан шарти дигаре низ ҳаст ва он вуҷуди шахсе ҳамроҳи ӯст, ки бо ӯ маҳрам бошад. Ҳаҷ дорои чор рукн аст:

Эҳром:Он нияти дохил шудан ба маносики ҳаҷ аст. Ва он ғайри талбия ва пӯшидани эзор ва чодар аст.

Дар Арафа аз ҳангоми заволи офтоб дар рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа то дамидани субҳи рӯзи ид истодан аст. Расулуллоҳ ﷺ мефармояд:"Ҳаҷ Арафа аст".

Тавофи ифоза (тавофи зиёрат) баъди дар Арафа истодан мебошад ва он ғайри тавофи қудум аст.

Саъй дар байни Сафо ва Марва, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ал батта Сафо ва Марва аз шаъоири Аллоҳ ҳастанд".

### Анвоъи амалҳои ҳаҷ

**Ифрод:**

Ин аст, ки фақат нияти ҳаҷ кунад ва амалҳое ки хос ба ҳаҷ аст, анҷом диҳад.

**Қирон:**

Ин аст, ки нияти ҳаҷ ва умраро бо ҳам кунад ва амалҳои ҳар якро ҷудогона анҷом диҳад ва бояд ҳадя кунад (мол забҳ кунад).

**Таматтӯъ:**

Ин аст, ки дар моҳҳои ҳаҷ барои умра эҳром бибандад ва онро ба итмом расонад ва аз эҳром хориҷ шавад, сипас ҳамон сол барои ҳаҷ эҳром бандад ва бояд ҳадя забҳ намояд.

**Воҷибҳои ҳаҷ**

Касе воҷибе аз ин воҷибҳоро тарк кунад, бар ӯ ҷуброн кардани он ба куштани мол воҷиб мешавад. Ва он гусфандест, ки дар Ҳарам кушта ва бар фақирони Макка тақсим карда мешавад ва хӯрдани ӯ аз он ҷоиз намебошад.

- Аз миқот эҳром бастан.
- Дар Арафа то нишастани офтоб истодан барои касе ки рӯзона меистад.
- Дар Муздалифа шаб гузаронидан.
- Дар Мино шабҳои рӯзҳои ташриқро гузаронидан.
- Санг задан.
- Тарошидани мӯи сар ё кӯтоҳ кардан.
- Тавофи видоъ ба ҷуз ҳоиз ва нуфасо, барои шахсе ки Маккаро тарк мекунад ва агарчи баъд аз моҳҳои ҳаҷ бошад.

**Миқотҳои ҳаҷ ва умра**

**Миқоти замонӣ:**
Он моҳҳои ҳаҷ:Шаввол, зулқаъда ва зулҳиҷҷа аст.
Миқотҳои замонӣ хос барои ҳаҷ аст, аммо барои умра замони муайяне нест.

**Миқотҳои маконӣ:**
-Зулҳулайфа барои аҳли Мадина.
-Ҷуҳфа барои аҳли Шом, Миср ва Мағриб аст.
-Қарнулманозил барои аҳли Наҷд.
-Яламлам барои аҳли Яман.
-Зоти ирқ барои аҳли Ироқ аст.

## Мустаҳабҳои ҳаҷ

Барои эҳром ғусл ва хушбӯи кардан.

Пӯшидани изор ва чодари сафед барои мардон.

Кӯтоҳ кардани нохунҳо ва тарошидани мӯе, ки пеш аз нияти эҳром гирифтани он лозим аст.

Аз вақти эҳром то сангзанӣ дар Ҷамараи Ақаба талбия гуфтан.

Тавофи қудум барои ҳаҷҷи ифрод ва қиронкунанда.

Дар се даври аввал дар тавофи қудум ва тавофи умра ба ҳаҷҷи таматтӯъкун рамл аст ва он тез роҳ рафтан аст.

Дар тавофи қудум ва тавофи умра барои таматтӯъкун изтибоъ аст ва он кушодани китфи росташ мебошад.

Дар Муздалифа дар ҳоли расидан ба он байни шому хуфтан ҷамъи тақдим мекунад (яъне шому хуфтанро дар вақти шом мехонад).

Шаби арафаро дар Мино гузаронидан.

Бӯса кардани санги сиёҳ.

Дар Муздалифа, дар назди Машъарулҳаром аз бомдод то пеш аз шуруқ истодан ва ҳамаи Муздалифа ҷои истодан аст.

## Муҳаррамоти эҳром:

Нуҳ чиз дар эҳром ҳаром аст:Кӯтоҳ кардани мӯй, нохун ва пӯшонидани мӯй барои мард ва пӯшидани либоси духташуда барои мард, ё ниқоб ва дасткаш барои зан ва бӯхушӣ ва куштани сайди хушкӣ ва шикори он ва бастани ақди никоҳ барои худ ё дигаре ва ҳамхобӣ ва лаззат бурдан аз ҳамсар бедухул. Касе чизе аз ин муҳаррамотро аз рӯи фаромушӣ, ё ҷоҳилӣ, ё маҷбурӣ кард, пас бар ӯ чизе лозим нест, ба ҷуз касе ки сайдро кушт, пас бар ӯ мутлақан фидя лозим мешавад. Аммо қасдан кард, пас муҳаррамот дар ин ҳолат ба чаҳор навъ тақсим мешавад:

Муҳаррамоте ки фидяе ба онҳо тааллуқ намегирад, ки фақат шомили ақди никоҳ мешавад, хоҳ барои худаш ё дигаре бошад. Ва инчунин аз ҳамсар бедохил кардани дар фарҷ лаззат бурдан, замоне ки манӣ хориҷ нашавад, пас дар он каффорате нест ва бар ӯ тавба лозим аст.

Муҳаррамоте ки фидяашон мисли худашон аст ва он куштани сайди хушкӣ ва шикори он аст ва касе онро бикушад, бар ӯ мутлақан фидя лозим мешавад. Ва он каффорае ҳамонанди он аз чаҳорпоён бидиҳад, ки ду нафари одили аз шумо (баробар будани) онро ҳукм кунанд.

Муҳаррамоте ки фидяи сахт доранд, ки он ҳамхобагӣ аст. Касе ки пеш аз ҳалол шудани якум ҳамхобагӣ кунад, пас ба ростӣ ҳаҷҷаш фосид мешавад ва дар он ба таври фосид идома медиҳад ва бар ӯ иода ва шутур куштан воҷиб мешавад.

Муҳаррамоте ки фидяи азият ба онҳо тааллуқ дорад ва он шомили бақияи муҳаррамот мебошад. Ва фидяи он ихтиёрӣ аст:Ё се рӯз рӯза медорад, ё шаш мискинро таом медиҳад, барои ҳар мискин ним соъ медиҳад, ё куштани гусфанде, ки бар фақирони Ҳарам тақсим карда мешавад.

## Номҳои рӯзҳои ҳаҷ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзи тарвия: Рӯзи ҳаштум аст. Дар ин рӯз обро ба Мино мебаранд | Рӯзи Арафа, ё рӯзи вақфа: Рӯзи нуҳум аст. | Рӯзи ид ва рӯзи наҳр:Рӯзи даҳум аст. | Рӯзи қир: Рӯзи ёздаҳум аст. | Рӯзи нафр-ул-аввал: Рӯзи 12-ум аст. | Рӯзи нафр-ус-сонӣ: Рӯзи 13-ум аст. |

Ва шаби ҷамъ ҳамон шаби ид аст. Ба ин ном номида шудааст, зеро мардум дар он шаб баъд аз истодани дар Арафа ҷамъ мешаванд, зеро аҳли Макка дар ҷоҳилият ба Арафа намерафтанд.

## Ҷойҳои дуо дар ҳаҷ, панҷто аст:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Дар Арафа, баъди заволи рӯзи нуҳум то шиштани офтоб. | Дар Муздалифа баъд аз намози бомдоди рӯзи нуҳум то рушан шудан. | Баъд аз санг задан дар Ҷамараи хӯрд ва миёна дар рӯзҳои ташриқ (се рӯз пас аз иди қурбон). | Дар тавоф. | Дар саъй байни Сафо ва Марва. |

## Сифати умра ва ҳаҷ:

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Усаймин раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод, мегӯяд:"Замоне ки ба Миқот расидед, ғусл карда ва дар сару ришҳоятон хушбӯи занед. Сипас ба нияти таматтӯъ барои умра эҳром бибандед ва лаббайкгӯён ба самти Макка биравед. Замоне ки дар Байт-ул-ҳаром расидед, ҳафт давр тавофи умра кунед ва бидонед, ки ҳамаи масҷид макони тавоф аст. Чи наздик ба Каъба бошад, чи дур. Аммо агар анбӯҳи мардум сабаби азияташ нашавад, наздик ба Каъба тавоф кардан беҳтар аст ва агар анбӯҳи мардум аст, бо фосила аз Каъба тавоф кун ва алҳамду лиллоҳ дар ин маврид кушоиш вуҷуд дорад. Замоне ки аз тавоф фориғ шудед, ду ракаат пушти мақоми Иброҳим алайҳис салом бихонед. Агар муяссар буд, наздики он ва агарна дур аз он бихонед. Муҳим ин аст, ки мақоми Иброҳим алайҳис салом байни шумо ва Каъба бошад. Сипас барои саъй байни Сафо ва Марва барои умра биравед ва аз Сафо шурӯъ кунед. Замоне ки ҳафт мартабаро комил кардед, ҳамаи мӯйҳои саратонро кӯтоҳ кунед ва кӯтоҳ кардан фақат як миқдори аз сар кифоят намекунад, он кореро, ки бисёри мардум мекунанд, ба он фиреб нахӯред. Вақте ки рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа расид, ғусл карда ва хушбӯи истифода кунед ва аз ҳамонҷо барои ҳаҷ эҳром бибандед ва ба сӯи Мино бароед ва намози пешин, аср, шом, хуфтан ва бомдодро қаср бихонед ва ҷамъ накунед, зеро паёмбаратон ﷺ дар Мино ва Макка қаср мехонд ва ҷамъ намекард. Ҳангоме ки офтоби рӯзи Арафа тулӯъ кард, лаббайкагӯён ва дар ҳоле ки барои Аллоҳ хушӯъкунанда ҳастед, ба Арафа биравед ва дар онҷо байни пешину аср ҷамъи тақдим карда ва ду ракаатӣ хонед.

Сипас барои дуо фориғ шуда ва ба сӯи Аллоҳ дуо ва зорӣ кунед ва саъй кунед вузӯ дошта бошед ва рӯ ба қибла кунед, ҳатто агар кӯҳ пушти сари шумо қарор бигирад, зеро рӯ намудан ба қибла машрӯъ аст ва хуб ба ҳудуд ва аломатҳои Арафа диққат кунед, зеро бисёре аз ҳоҷиҳо пушти ҳудуди Арафа меистанд ва касе ки дар Арафа наистад, ҳаҷ надорад, ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ, ки (Ҳаҷ, Арафа аст) ва ҳамаи ҷои Арафа ҷои истодан аст, шарқу ғарб ва шимолу ҷануби он, ба ҷуз Батни водӣ (водии Арана), зеро Расулуллоҳ ﷺ мефармояд:"Инҷо истодам ва Арафа ҳамааш маҳали истодан аст". Замоне ки офтоб нишаст ва аз он мутмаин шудед, лаббайкагӯён ва бо хушӯъ ба Муздалифа биравед ва чунон ки Паёмбаратон ﷺ дастур додааст, то ҷое ки метавонед ором бошед, зеро Ӯ ﷺ аз Арафа хориҷ шуд ва дар ҳоле ки афсор дар гардани шутураш андохта буд ва онро мекашид, то ҷое ки сари шутур ба пеши зинаш мерасид, бо дасти муборакаш ишора мекард:"Эй мардум, бо оромӣ, бо оромӣ".

Замоне ки ба Муздалифа расидед, шом ва хуфтанро дар онҷо бихонед, сипас шабро то субҳ дар онҷо гузаронед ва Расулуллоҳ ﷺ ба ҳеҷ касе ҷуз заифон рухсат нададааст, ки пеш аз бомдод аз Муздалифа хориҷ шаванд. Ба заифон рухсат додааст, ки охири шаб аз онҷо хориҷ шаванд. Ҳангоме ки намози субҳро хондед, рӯ ба қибла кунед ва такбир ва алҳамду лиллоҳ бигӯед ва Ӯро бихонед, то ин ки ҳаво хело рушан шавад, сипас пеш аз баромадани офтоб ба Мино биравед. Дар онҷо ҳафт сангреза ҷамъ кунед ва ба сӯи Ҷамараи Ақаба биравед. Ин Ҷамара охирин ҷамара аз тарафи Макка аст ва баъд аз баромадани офтоб ҳафт сангреза дар он бизанед ва ба ҳар сангреза Аллоҳу акбар

бигӯед ва фурӯтан ва таъзимкунанда барои Аллоҳ бошед.

Бидонед, мақсад аз санг задан таъзими Аллоҳ ва барпо намудани зикри Ӯст. Воҷиб аст, ки сангреза дар ҳавз биафтад ва шарт нест, ки ҳатман сутунро бизанӣ. Ҳангоме ки аз сангзанӣ фориғ шудед, ҳадяро забҳ кунед ва барои ҳадя он чизе кифоят мекунад, ки дар қурбонӣ кифоят мекунад. Ишколе надорад касеро вакил кунӣ, ки ба ҷои ту ин корро бикунад. Сипас баъд аз забҳ, мӯҳоятонро битарошед ва тарошидани фақат қисмате аз мӯҳо, кифоят намекунад. Зан миқдоре аз мӯҳояшро ба андозаи нуки ангушт кӯтоҳ мекунад.

Баъд аз ин шумо аз эҳроми аввал хориҷ шудаед. Бинобар ин либос бипӯшед ва нохунҳоятонро кӯтоҳ кунед ва хушбӯи кунед. Аммо бо ҳамсаратон ҳамхобӣ накунед. Сипас пеш аз намози пешин вориди Макка шавед ва барои ҳаҷ, тавоф ва саъй кунед. Сипас ба Мино баргардед ва бо тавоф ва саъй ҳамроҳ бо санг задан ва тарошидани мӯҳо, аз эҳроми дуюм хориҷ шудаед ва ҳамаи чиз барои шумо ҷоиз аст, ҳатто ҳамхобӣ бо ҳамсаронатон. Эй мардум, ҳамоно ҳаҷкунанда дар рӯзи ид чор нусукро анҷом медиҳад:Санг задан, сипас ҳадя (мол) куштан, сипас тарошидани мӯҳо, сипас тавоф ва саъй байни Сафо ва Марва. Ин тартиб аз ҳама комилтар аст. Аммо агар баъзе аз ин нусукро баъзеашро ба ҷои баъзеаш анҷом додед, масалан пеш аз забҳ мӯҳоро тарошидед, ишколе надорад ва агар тавоф ва саъйро ба таъхир андохтед, то аз Мино хориҷ шавед, ишколе надорад ва агар забҳи ҳадяро ба баъд гузоштед ва дар рӯзи сездаҳум дар Макка забҳ

кардед ишколе  надорад, хусусан замоне ки ба хотири ҳоҷат ва маслиҳат бошад.

Шаби ёздаҳумро дар Мино сипари кунед. Ҳангоме ки офтоб завол кард, дар ҳар се ҷамарот санг бизанед ва аз ҷамараи якум шурӯъ кунед, сипас миёна ва сипас ақаба. Ҳар кадомро ҳафт бор санг бизанед ва бо ҳар санг задан, такбир бигӯед. Вақти санг задан дар рӯзи ид, барои касе, ки тавонои дорад, аз баромадани офтоб ва барои шахси заиф аз охири шаб шурӯъ мешавад ва охири он то нишастани офтоб аст. Вақти он баъд аз ид, аз заволи офтоб то нишастани он аст ва пеш аз завол ҷоиз нест дар ҷамарот санг зада шавад. Аммо агар дар рӯз анбӯҳи мардум бисёр зиёд аст, ҷоиз аст дар шаб ин корро анҷом дод. Касе ки ба хотири хурдӣ ё бузургӣ ё беморӣ тавонои надорад санг бизанад, касеро ба ҷои худ вакили ин кор кунад ва ишколе надорад, ки вакил аз ҷои худ ва аз ҷои касе ки барои ӯ ин корро мекунад, дар як вақт, санг бизанад. Аммо агар мехоҳад ин корро бикунад, аввал бояд барои худ ин корро бикунад. Агар рӯзи дувоздаҳум, дар ҷамарот санг задед, ҳаҷ ба итмом расида аст ва шумо ихтиёр доред ки шитоб кунед ва биравед ва ё шаби сездаҳумро бимонед ва баъд аз завол, дар ҷамарот санг бизанед, ки ин беҳтар аст, зеро Расулуллоҳ ﷺ ингуна амал карданд. Ҳангоме ки хостед аз Макка хориҷ шавед, тавофи видоъ кунед ва зане ки дар ҳайз ё нифос аст, тавофи видоъ бар ӯ нест ва дар шаръ наомадааст, ки назди дари масҷид рафта ва дар канори он биистанд.

## Саволҳо оиди мавзӯи ҳаҷ

5-Ҳаҷ бар кӣ фарз мешавад?
А)..........................................................................................................
Б)..........................................................................................................
Ҷ)..........................................................................................................
Д)..........................................................................................................
Ҳ)..........................................................................................................
6-Аркони ҳаҷ чандто аст? O 2 O 3 O 4.
7-Эҳром рукне аз аркони ҳаҷ аст ва он пӯшидани изор ва чодар аз миқот аст. (Дуруст-хато)
8-Тавофи ифоза ғайри тавофи зиёрат аст, пас тавофи ифоза рукн ва тавофи зиёрат суннат аст. (Дуруст-хато)
9-Паёмбар ﷺ се ҳаҷ кардаанд. (Дуруст-хато)
10-Адои ҳаҷ фавран воҷиб аст. (Дуруст-хато)
11-Аҳли Мадина аз Яламлам эҳром мебанданд. (Дуруст-хато)
12-Миқоти замонии умра ҳамон моҳи Рамазон аст. (Дуруст-хато)
13-Ҷойҳои холиро дар ҷумлаҳои зерин пур кун:
Ҳаҷ ва умра..................дар умр........як. Ва касе ҳаҷ кунад, пас ..................ва.......................аз гуноҳонаш тоза мешавад, монанди рӯзе ки модараш ӯро таваллуд кардааст. Ва барои ҳаҷҷи мақбул ҷазое нест, магар..........................................................................
14-Аҳли Макка барои ҳаҷ аз Танъим эҳром мебанданд. (Дуруст-хато)
15-Зан барои эҳромаш либоси сафед мепӯшад. (Дуруст-хато)
16-Барои касе ки қасди эҳром дорад, мустаҳаб аст, ки хушбӯи.......ва хушбӯи накунад........................................................
17-Барои зан пӯшидани либоси духта ҷоиз намебошад. (Дуруст-хато)
18-Барои эҳромдор пӯшидани камарбанд ҷоиз нест. (Дуруст-хато)
19-Зани эҳромдор намепӯшад......................ва на...........................

20-Изтибоъ (китфи ростро кушода мондан) суннат аст дар: OТавофи умра. OТавофи қудум. OТавофи зиёрат. OЯкум ва дуюм фақат. OҲамаи зикршудаҳо.

21-Мустаҳаб аст, ки бо шиддат саъй намояд. (Дуруст-хато)

22-Саъй ба.............................шурӯъ мешавад ва дар............... ....................... тамом мешавад.

23-Ҳоҷиён аз Арафа пеш аз шом меравaнд. (Дуруст-хато)

24-Дар Арафа истодан воҷибе аз воҷибҳои ҳаҷ аст. (Дуруст-хато)

25-Амалҳои ҳаҷ аз рӯзи...........................ибтидо мешавад ва то охири рӯзи...................идома меёбад.

26-Дар Арафа баромадани кӯҳ дар шариат наомадааст. (Дуруст-хато)

27-Ҳадя бар ҳоҷии таматтӯъкун ва қирон воҷиб аст ва барои муфрид (танҳо ҳаҷкун) суннат мебошад. (Дуруст-хато)

28-Талбия ба санг задани Ҷамараи Ақаба дар рӯзи ид қатъ мешавад. (Дуруст-хато)

29-Ҳаргоҳ ҳоҷӣ сангрезаро дар ҳавз партояд, дар сутун нарасад, санг заданаш дуруст аст. (Дуруст-хато)

30-Ҳоҷӣ дар рӯзи даҳум, дар ҳар се ҷамарот санг мезанад. (Дуруст –хато)

31-Санг задан дар рӯзҳои ташриқ баъди заволи офтоб шурӯъ мешавад. (Дуруст-хато)

32-Баъди санг задан дар ҷамараи Ақаба дуо машрӯъ аст. (Дуруст-хато

33-Агар тавофи ифозаро то вақти баромаданаш аз Макка ба таъхир гузорад, аз  ба ҷои тавофи видоъ ҷоиз мегардад ва тавофи ифоза монанди тавофи умра аст, магар дар ................ва.................

34-Бар қорин ва муфрид воҷиб аст, ки саъй намоянд.... ....................аммо таматтӯъкун, пас саъй мекунад...........................

35-Ҳукми амалҳои зеринро зикр кун:

| Масъала | Ҳукм |
|---|---|
| Ҳаҷҷи хурдсол | |
| Ҳаҷҷи зан бемаҳрам | |
| Ҳаҷҷи қарздор | |

# Дарси понздаҳум

Ороста шудан ба ахлоқе ки шоиста аст, ки мусалмон ба он ороста бошад, аз ҷумла:Садоқат, амонат, иффат, ҳаё, шуҷоат, карам, вафо ва поки ҷустан аз ҳар чи Аллоҳ онро ҳаром намуда ва нек ҳамсоягӣ кардан ва бар андозаи тавонои мӯҳтоҷонро кумак кардан ва дигар ахлоқи зебое, ки Қуръон ва Суннат бар шаръӣ будани он далолат кардаанд.

**Таъликҳои муҳим:**

-(Садоқат) дар гуфтор, кирдор ва эътиқодаш бо Аллоҳ содиқ бошад ва бо бандагони Аллоҳ содиқ бошад ва зидди он дурӯғ аст.

-(Амонат) фаризаи бузурге аст, ки инсон онро бардошта аст ва зидди он хиёнат аст.

-(Иффат) дӯрӣ аз ҳаром аст.

-(Ҳаё) ахлоқе аст, ки инсонро ба анҷом додани кори некӯ ва тарки кори зишт вомедорад.

-(Нек ҳамсоягӣ кардан) аз лозимаҳои ин пӯшидани чашм ва бар авратҳои ҳамсоягон иттилоъ нанамудан.

-(Ёрдами мӯҳтоҷ) Паёмбар ﷺ мефармояд: **"Касе аз мӯъмине як сахтие аз сахтиҳои дунёро бартараф кунад, Аллоҳ аз ӯ сахтие аз сахтиҳои рӯзи қиёматро бартараф мекунад. Ва касе бар фақире осон бигирад, Аллоҳ дар дунёву охират бар ӯ осон хоҳад гирифт. Ва касе айби мусалмонеро пӯшонад, Аллоҳ айби ӯро дар дунёву охират мепӯшонад. Ва Аллоҳ дар ёрии банда аст, модоме ки банда дар ёрии бародараш аст**". (Ривояти Муслим)

## Дарси шонздаҳум

Бо одоби исломӣ адаб гирифтан

Ба одоби исломӣ адаб гирифтан ва баъзе аз онҳо:

Салом додан, тозарӯ будан, ба дасти рост таому шароб нӯшидан, вақти ибтидои таом хӯрдан бисмиллоҳ гуфтан, пас аз таом хӯрдан алҳамду лиллоҳ гуфтан, аёдати бемор, аз дунболи ҷаноза барои намоз рафтан ва дар маросими дафн иштирок кардан. Ва риояи одоби шаръӣ дар вақти дохил шудани масҷид, ё хона ва аз ин ду баромадан ва дар вақти сафар ва бо падару модар, хешовандон, ҳамсоягон, калонсолон, хӯрдсолон ва табрик гуфтан ба хотири навзод ва ба хотири туи арусӣ ва таъзияи мусибатдор ва ғайри ин аз одоби исломӣ дар пӯшидани либос ва кашидан ва наълро пӯшидан, риоя кардан.

**Таълиқҳои муҳим:**

-Гуфтаи ӯ:(Салом гуфтан), яъне салом додан ва комилтарини он:"Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ" мебошад, бар касе ки мешиносӣ ва намешиносӣ салом медиҳӣ ва бар касе ки салом дод, ҷавоб медиҳӣ.

-Гуфтаи ӯ:(Ва ба дасти рост хӯрдан ва нӯшидан) аз рӯи воҷибӣ, ба се ангушт мехӯрад ва гирифтану ато кардан ба дасти рост мустаҳаб аст.

-Гуфтаи ӯ:(Дар ибтидои таом хӯрдан тасмия гуфтан,) яъне бисмиллоҳ гуфтан.

-Гуфтаи ӯ:(Пас аз таом хӯрдан, алҳамду лиллоҳ гуфтан) ба он чизе ки ворид шудааст, монанди гуфтани:

"Алҳамду лиллоҳиллази атъамани ҳозо ва разақаниҳи мин ғайри ҳавлим минни ва ло қувва".

Ва барои ӯ машрӯъ шудааст, ки аз наздаш бихӯрад ва ин ки таомро айб нагирад.

-Гуфти ӯ:(Ҳамд гуфтан баъд аз атса кардан), яъне алҳамду лиллоҳ гуфтан.

-Гуфти ӯ:(Ва гуфтани:"Ярҳамукаллоҳ" ба шахсе ки атса карда ва алҳамду лиллоҳ гуфта) яъне бигӯяд: (ярҳамукаллоҳ), сипас касе ки атса кард дар ҷавоб бигӯяд:"Яҳдикумуллоҳ ва юслиҳ болакум).

-Гуфти ӯ:(Ва аёдати бемор), яъне ӯро аёдат карда ва аёдаташро дар вақтҳои муносиб такрор кунад ва зиёд назди ӯ намонад ва ӯро аз раҳмати Аллоҳ ноумед накунад.

-Гуфти ӯ:(Ва дунболи ҷаноза рафтан барои намоз бар ӯ ва дафни он), ки хосси мардон аст, на занон.

-Гуфти ӯ:(Ва одоби шаръӣ ҳангоми дохил шудан ба масҷид, ё манзил ва аз онҳо хориҷ шудан), ҳангоми ворид шудан ба масҷид, пои ростро пеш гузошта ва мегӯяд:"Бисмиллоҳ вас салоту вас салому ало Расулил-лоҳ, аллоҳуммафтаҳ лӣ абвоба раҳматик", "Ба номи Аллоҳ ва салавот васалом бар Расулуллоҳ, эй Аллоҳ дарҳои раҳмататро бар рӯям бикушо". Ва ҳангоми хуруҷ аз он, пои чапро аввал гузошта ва мегӯяд:"Бисмиллоҳ вассалоту вассалом ало Расулиллоҳ, аллоҳумма инни асъалука мин фазлик", "Ба номи Аллоҳ ва салавоту салом бар Расулуллоҳ, эй Аллоҳ фазли Туро мехоҳам". Аммо ба нисбати хона ҳангоми баромадан ва даромадан, пои ростро аввал гузошта ва ҳангоми хуруҷ

мегӯяд:(Бисмиллоҳ, тваккалту алаллоҳ ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, аллоҳумма инни аъузу бика ан азилла ав узалл ва азил ав узалл ав азлима ав узлам ав аҷҳала ав юҷҳала алайя) ва ҳангоми дохил шудан ба он мегӯяд:(Аллоҳумма инни асъалука хайрал мавлиҷ ва хайрал махраҷ, бисмиллоҳи валаҷно ва бисмиллоҳи хараҷно ва алаллоҳи таваккално) сипас ба хонаводааш салом медиҳад.

-Гуфтаи ӯ:(Ва табрики издивоҷ гуфтан), яъне гуфтани: (Боракаллоҳу лакумо ва борака алайкумо ва ҷамаъа байнакумо фи хайрин).

-Гуфти ӯ:(Таъзия гуфтани шахси мусибатдор) дар муддати се рӯз, бар се рӯз афзуда намешавад.

# Дарси ҳабдаҳум

## Ҳазар кунондан аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо

Ҳазар кардан ва ҳазар кунондан аз ширк ва анвоъи маъсиятҳо ва аз ҷумлаи он:Ҳафт гуноҳи ҳалоккунанда, яъне: Ширки ба Аллоҳ, сеҳр (ҷоду), куштани инсони бегуноҳ ҷуз ба ҳақ, рибо (просент) хӯрдан, хӯрдани моли ятим, аз майдони ҷанг гурехтан ва тӯҳмат задан ба занони покдоманӣ, ғофили мӯъмин.

Ва аз ҷумлаи он:Нофармонии падару модар, қатъи риштаи хешовандӣ, шаҳодати дурӯғ, қасамҳои дурӯғ, озор додани ҳамсоя, ба мардум дар ҷону молҳо ва обурӯяшон зулм кардан, шароб нӯшидан, қимор, ғайбат, суханчинӣ ва дигар умуре, ки Аллоҳ азза ва ҷалла ё Расулаш аз  он наҳй кардаанд.

## Таълиқҳои муҳим:

-Гуфти ӯ:(Ба Аллоҳ ширк овардан) ширки акбар ва асғар (хӯрд)-ро шомил мешавад.

-Гуфти ӯ:(Ва сеҳр) ва аз ҷумлаи он гармию хунукӣ аст, пас касе онро анҷом диҳад, ё ба он розӣ шавад, кофир мешавад. Ба назди онҳо рафтан, ё дар мавқеъҳои онҳо даромадан, ё мушоҳида кардани каналҳои сеҳр ва хондани газетаҳо ва журналҳое, ки дар он бурҷҳост, ҳаром мебошад. Ва ҷодуро бо ҷоду кушода намешавад, балки ба руқияи шаръӣ, дуо ва давоҳои мубоҳ, монанди ҳиҷомат муолиҷа карда мешавад.

-Гуфти ӯ:(Инсони бегуноҳеро ба ноҳақ куштан, ки Аллоҳ онро ҳаром гардондааст) хоҳ мусалмон бошад, ё ҳамаҳд, ё зиммӣ, ё касе ки амон дода шудааст.

-Гуфти ӯ:(Магар ба ҳақ) ва онон се нафар ҳастанд, ки ба ҳақ кушта мешаванд:"Қотил, беваи зинокор ва касе ки муртад (бедин) шудааст".

-Гуфти ӯ:(Ятим) он касе аст, ки падараш фавтида ва ӯ ба балоғат нарасидааст.

-Гуфти ӯ:(Ва аз майдони ҷанг гурехтан) мақсад лашкарҳое ки дар роҳи Аллоҳ меҷанганд, мебошад.

-Гуфти ӯ:(Ва туҳмати занони покдоман), яъне духтарони бокира ва мақсад заноне ки шавҳар доранд, нест.

-Гуфти ӯ:(Ва қасамҳои дурӯғ) ва инчунин аст ба ҷуз Аллоҳ қасам хӯрдан, монанди ба Паёмбар ﷺ ё ба шараф ё ҳаёт ё зимма ё ба қабрҳо, ё......қасам хӯрдан.

-Гуфти ӯ:(Ва қиморбозӣ ва он майсир аст) он ҳар муомалаест, ки дар байни ғанимату товон, давр мезанад, монанди ё насиб.

-Гуфти ӯ:(Ва ғайбат) онро Паёмбар ﷺ ингуна таъриф намуданд ба фармудааш:"Бародаратро ба тавре ёд кунӣ, ки онро бад мебинад".

-Гуфти ӯ:(Суханчинӣ) он нақли сухан дар миёни мардум мебошад.

## Ҳукми мусобиқа ва ғолиб омадан

| | | |
|---|---|---|
| Ба иваз ва ғайри он ҷоиз мебошад:Мусобиқаи асбдавонӣ, шутурдавонӣ ва тирандозӣ аз рӯи фармуди Ӯﷺ:"Мусобиқа нест, магар дар шутурдавонӣ, ё асбдавонӣ, ё тирандозӣ". | Мутлақан ҳаром аст:Нард, шатранҷ ва монанди инҳо. | Беиваз ҷоиз аст ва боиваз ҷоиз нест: Ҳамаи мусобиқаҳо ба ҷуз зикршудаҳо мебошад. |

# Дарси ҳаждаҳум

## Омода кардани майит ва бар ӯ намоз гузоштан ва дафн кардани ӯ

Тафсилу баёни он чунин аст:

Якум:Талқини касе ки дар ҳоли марг аст, машрӯъ мебошад:"Ло илоҳа иллаллоҳ" ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ:"ло илоҳа иллаллоҳро ба мурдагонатон талқин кунед", мақсад аз "мурдагон" касоне ҳастанд, ки нишонаҳои марг дар онҳо пайдо шудааст.

Дуввум:Замоне ки аз марги шахс яқин ҳосил шуд, чашмонашро баста ва даҳонашро мебанданд, ба далели ҳадисҳое, ки дар суннат омадааст.

Сеюм:Ғусли майити мусалмон воҷиб аст, магар ин ки дар маъракаи ҷиҳод шаҳид шуда бошад, ки дар ин сурат на ғусл дода мешавад ва на бар ӯ намоз хонда мешавад, балки дар ҳамон либосе ки пӯшида аст, дафн мешавад, зеро Расулуллоҳ ﷺ шаҳидҳои Уҳудро на ғусл дод ва на бар онҳо намоз хонд.

Чаҳорум:Равиши ғусли майит:Авраташ пӯшонда мешавад, сипас каме ӯро баланд карда ва шикамашро ба нармӣ фишор медиҳанд, сипас касе ки ӯро ғусл медиҳад, порчае дар дастонаш печонда ва ӯро бо он тоза мекунад. Сипас ҳамон тавр ки барои намоз вузӯ мегиранд, барои майит вузӯ месозад. Сипас сару ришашро бо об ва сидр ва ҳамонанди он мешӯяд, сипас тарафи рост ва баъд тарафи чапи баданашро мешӯяд. Сипас барои бори дуввум ва сеюм низ ҳамонтавр ӯро мешӯяд ва дар ҳар бор дасташро бар шиками майит мекашад.

Агар чизе хориҷ шуд, онро мешӯяд ва маҳалро бо пахта ё чизе монанди он мебандад. Агар дар ҷои худ боқӣ намонд, бо хоки холис онро мебандад, ё ба василаҳои тиббӣ нав монанди часбак ё ҳамонанди он, пеши онро мегирад ва аз нав ӯро вузӯ медиҳад. Агар бо се бор тоза нашуд, панҷ бор ё ҳафт бор ин корро мекунад ва сипас ӯро бо либосе хушк мекунад ва зери ду бағал ва дохили ронҳояш ва аъзои саҷдаашро хушбӯй мезанад ва агар ҳамаи баданашро хушбӯи бизанад, некӯ аст ва кафанашро низ бухӯр мезанад.

Агар мӯйлаб ва нохунҳояш баланд аст, онҳоро кӯтоҳ мекунад ва агар ҳам онҳоро ҳамонтавр раҳо кунад, ишколе надорад ва мӯи сарашро шона намезанад ва мӯйҳои шармгоҳашро наметарошад ва ӯро хатна намекунад, ба хотири ин ки далеле барои ин кор вуҷуд надорад. Агар майит зан бошад, мӯҳояш ба сурати се даста бофта шуда ва дар пушташ қарор дода мешавад.

Панҷум кафан кардани майит:Беҳтар ин аст, ки мард дар се либоси сафед кафан шавад, ки дар байни онҳо курта ва сала набошад, чунон ки бо Расулуллоҳ ﷺ анҷом дода шуд. Дар онҳо печонда мешавад ва агар дар қамис, изор ва лифофа кафан шуд, ишколе надорад.

Зан дар панҷ либос кафан мешавад:Либоси комил, сарпӯш, изор ва ду лифофа.

Бача дар як то се либос кафан мешавад ва навзод дар як қамис ва ду лифофа кафан мешавад.

Дар мавриди ҳамаи инҳо, ҳадди ақал як либос ки ҳамаи ҷасадро бипӯшонад, воҷиб аст.

Аммо замоне ки майит дар эҳром бошад, бо об ва сидр ғусл дода мешавад ва дар изор ва чодаре ки пӯшида аст, ё дар ғайр аз онҳо кафан мешавад ва сару рӯяшро пӯшонда намешавад ва ба ӯ низ хушбӯи зада намешавад, зеро ӯ рӯзи қиёмат лаббайкагӯён ҳашр мешавад, чунон ки дар ҳадиси саҳеҳ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят шудааст.

Агар муҳрим (ҳоҷӣ) зан бувад, монанди дигар занон кафан мешавад, аммо  ба ӯ хушбӯи зада намешавад ва рӯяш бо ниқоб ва дастонаш бо дасткаш пӯшонда намешавад, вале бо ҳамон кафане ки дар он кафан шудааст, пӯшонда мешаванд, чунон ки қаблан дар баёни равиши кафан кардани зан зикр шуд.

Шашум:Ҳақдортарин шахсҳо барои шустани ӯ ва бар ӯ намоз хондан ва дафн карданаш, касе аст ки худаш васият карда бошад, сипас падараш, сипас бобояш, сипас ҳар кас аз мардон, ки дар насаб ба ӯ наздиктар аст.

Ҳақдортарин шахс нисбат ба шустани зан:Касе аст, ки худаш васият карда бошад, сипас модар, сипас модарбузург ва сипас ҳар кас аз занон ки дар насаб ба ӯ наздиктар аст.

Зан ва шавҳар метавонанд ҳар як дигареро бишӯяд, зеро Абӯбакри сиддиқро ҳамсараш шуст ва Алӣ разияллоҳу анҳу ҳамсараш Фотима разияллоҳу анҳоро шуст.

Ҳафтум:Равиши намоз бар майит:Чор бор такбир гуфта мешавад ва баъд аз такбири аввал, сураи Фотиҳа хонда мешавад ва агар ҳамроҳ бо он як сураи хӯрд, ё як ё ду оят хонда шавад, некӯст. Далели он ҳадиси саҳеҳе аст, ки аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар ин маврид омада аст. Сипас такбири дуюмро гуфта ва бар Расулуллоҳ ﷺ ҳамчунон ки дар ташаҳҳуд мехонад, салавот мефиристад.

Сипас такбири сеюмро гуфта ва мегӯяд:"Аллоҳуммағфир лиҳайино ва майитино" то "Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳу ва ло тузиллуно баъдаҳ".

Сипас такбири чорумро мегӯяд ва бо як салом аз тарафи рост, намозро ба итмом мерасонад.

Мустаҳаб аст ҳамроҳ бо ҳар такбир дастонашро боло барад.

Агар майит зан бошад, мегӯяд:"Аллоҳуммағфир лаҳо...". Агар ду майит бошад, мегӯяд:"Аллоҳуммағфир лаҳумо....". Агар бештар аз ду майит бошад, мегӯяд:"Аллоҳуммағфир лаҳум.....".

Аммо замоне ки майит тифл аст, ба ҷои дуои мағфират, гуфта мешавад:"Аллоҳуммаҷъалҳу фаратан ва зухран ливолидайҳи ва шафиъан муҷобан, аллоҳумма саққил биҳи мавозинаҳумо ва аъзим биҳи уҷураҳумо ва алҳиқҳу бисолиҳил мӯъминин ваҷъалҳу фи кафолати Иброҳим вақиҳи бираҳматика азобал Ҷаҳим".

Суннат ин аст, ки агар майит мард бошад, имом рости сараш биистад ва агар зан бошад дар миёнаи ӯ биистад ва агар чандин ҷаноза бошад, ҷанозаи мард дар пеши имом ва ҷанозаи зан дар охир дар тарафи қибла гузошта мешавад. Агар ҳамроҳ бо онон кӯдакон низ бошанд, писарбача пеш аз зан гузошта мешавад. Сипас зан ва сипас духтарбача ва сари писарбача канори сари мард гузошта мешавад ва миёнаи зан канори сари мард ва духтарбача сараш дар канори сари зан гузошта мешавад ва васати ӯ канори сари мард қарор мегирад ва намозгузорон ҳамагӣ пушти сари имом меистанд. Аммо агар як нафар пушти сари имом ҷо надошта бошад, тарафи рости ӯ меистад.

Ҳаштум равиши дафни майит:Машрӯъ ин аст, ки қабр ба андозаи нисфи як мард, чуқури дошта бошад ва лаҳади он дар ҷиҳати қибла бошад ва майит бар паҳлуи росташ рӯ ба қибла дар лаҳад гузошта шавад ва гиреҳҳои кафан боз карда мешавад, аммо бардошта намешавад, балки ҳамонтавр раҳо мешавад. Рӯи майит низ кушода намешавад, чи майит  мард бошад ва чи зан. Сипас бар ӯ хишт мегузоранд ва бар он каҳгил мезананд, то онро махкам карда ва монеъ аз рехтани хок бар майит шавад.

Агар бо хишт имконпазир набошад, ба ҳар чизи дигаре монанди лавҳ, ё санг, ё чуб, ки монеъ аз даромадани хок шавад, анҷом мегирад. Сипас хок дар қабр рехта мешавад ва мустаҳаб аст дар ҳангоми хок рехтан, гуфта шавад:" Бисмиллоҳ ва ало миллати Расулиллоҳ". Ва қабр ба андозаи як ваҷаб боло оварда мешавад ва агар имкон-пазир бувад, бар он сангреза рехта ва обпошӣ карда шавад. Барои ташйиъкунандагон машрӯъ аст, ки назди қабр истода ва барои майит дуо кунанд, зеро Расулуллоҳ ﷺ, замоне ки аз дафни майит фориғ мешуданд, бар он истода ва мефармуд:(Барои бародаратон талаби мағфират кунед ва аз Аллоҳ барои ӯ устуворӣ талаб кунед, зеро ҳоло ӯ пурсида мешавад).

Нуҳум:Барои касе ки бар майит намоз нахонда машрӯъ аст, ки баъд аз дафн намоз бихонад, зеро Расулуллоҳ ﷺ онро анҷом додаанд. Ба шарте ки аз дафни майит як моҳ ва камтар гузашта бошад. Агар бештар аз ин бошад намоз хондан бар қабр машрӯъ нест, зеро аз Расулуллоҳ ﷺ нақл нашуда ки Ӯ ﷺ бар қабре баъд аз гузаштани як моҳи аз дафн намоз хонда бошанд.

Даҳум:Барои аҳли майит ҷоиз нест, ки барои мардум ғизое омода кунанд, ба далели сухани саҳобии ҷалил Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ разияллоҳу анҳу, ки гуфт:"Мо ҷамъ омадан бар аҳли майит ва омода кардани ғизо баъд аз дафни ӯро ҷузъе аз навҳахонӣ бар майит мешуморидем". Аммо дуруст кардани ғизо барои худ, ё меҳмононашон ишколе надорад ва барои наздикон ва ҳамсоягонаш машрӯъ аст, ки барои онҳо ғизо омода кунанд, зеро Расулуллоҳ ﷺ, замоне ки хабари марги Ҷаъфар ибни Абӯтолиб дар Шом ба Ӯ расид, хонаво-даашро дастур дод, ки барои хонаводаи Ҷаъфар таом омода кунанд ва фармуд:"Хабаре ба онҳо расида ки онҳоро машғули худ кардааст". Барои хонаводаи майит ишколе надорад, ки ҳамсоягонашон ва ё касони дигареро барои хӯрдани таоме ки барояшон оварда шудааст, даъват кунанд ва то ҷое ки аз шаръ медонем, барои он вақти муайяне таъйин нашудааст.

Ёздаҳум:Ҷоиз нест, ки зан ба хотири майит, бештар аз се рӯз даст аз зиннат бикашад, магар ин ки майит шавҳараш бошад, ки дар ин сурат воҷиб аст чор моҳу даҳ рӯз зиннат накунад ва дар сурате ки ҳомила бошад, то замони вазъи ҳамл даст аз зиннат мекашад, зеро дар ин маврид, суннати саҳеҳ аз Расулуллоҳ ﷺ собит шудааст.

Дувоздаҳум:Барои мардон машрӯъ аст, ки гоҳ-гоҳе қабрҳоро барои дуо ва раҳмат фиристодан бар онҳо ва ёдоварии марг ва баъд аз он зиёрат кунанд, ба далели фармудаи Расулуллоҳ ﷺ:"Қабрҳоро зиёрат кунед, зеро охиратро ба ёдатон меоранд" ва Ӯ ﷺ ба асҳобаш таълим медод, ҳангоме ки қабрҳоро зиёрат мекунанд, бигӯянд:

"Ассалому алайкум аҳлад диёр минал мӯъминин вал муслимин ва инно иншоаллоҳ бикум лоҳиқун, насъалуллоҳа лано ва лакумул офията, ярҳамуллоҳул мустақдимина минно вал мустаъхирин".

Аммо занон наметавонанд ба зиёрати қабрҳо бираванд, зеро Расулуллоҳ ﷺ фармудааст:"Аллоҳ занонеро ки қабрҳоро бисёр зиёрат мекунанд, лаънат кардааст". Ва ба ин хотир ки бо рафтани онҳо ба қабристон тарси фитна ва камсабрӣ вуҷуд дорад.

Ҳамчунин барои занон, ташйиъи ҷаноза то мақбара ҷоиз нест, зеро Расулуллоҳ ﷺ онҳоро аз он наҳй кардааст. Аммо намоз хондан бар майит, дар масҷид, ё дар мусалло (намозгоҳ) ҳам барои мардон ва ҳам барои занон, машрӯъ аст. Ин охири он чизест, ки ҷамъоварияш муяссар шуд. Ва саллаллоҳу ало набийино Муҳаммад ва олиҳи ва саҳбиҳ.

## Ақсоми зиёрати қабрҳо

| Зиёрати шаръӣ: | Зиёрати бидъӣ: | Зиёрати ширкӣ: |
| --- | --- | --- |
| Ин аст ки ният кунад бо зиёрати қабр, охиратро ба ёд оварда ва низ барои зиёрати қабр, сафар накунад ва ният кунад, ки барои ӯ ва майитон дуоҳоеро, ки дар суннат ворид шуда аст, бикунад ва чизеро ки мухолифи шариат аст, анҷом надиҳад. | Ин аст, ки ният кунад, ки Аллоҳро дар назди қабр дуо мекунад. | Ин аст ки ният кунад, ки соҳиби қабрро ба дуо муроҷиат мекунад. |

## Саволҳо оиди мавзӯи гузашта

1-Ҳифзи низом ва одоби шаръӣ аз ахлоқи мусалмон аст. (Дуруст-хато)

2-Дини ман, маро ба ҳамнишинии бадон ва дурӣ аз некӯкорон амр мекунад. (Дуруст-хато)

3-Ислом ба мо омӯхта аст, ки дар муомалаи хидматгор, коргарон ва ғайра некӯкор бошем. (Дуруст-хато)

4-Дустӣ мекунем бо касе ки дигаронро бо забон ва дасташ озор медиҳад. (Дуруст-хато)

5-Замоне моро нафаре дашном диҳад, пас ҳамоно ман бар ӯ ҷавоб медиҳам ва лаззат мебарам. (Дуруст-хато)

6-Ислом ба ман омӯхтааст, ки ба мӯҳтоҷон ва заифон ёрӣ расонам. (Дуруст-хато)

7-Аз ҳаққи мусалмон бар мусалмони дигар ин аст, ки ӯро дар ҳоли беморияаш зиёрат кунад ва барои ӯ дуои шифо кунад. (Дуруст-хато)

8-Иттилоъ ёфтан бар  розҳои ҳамсоягон аз сифатҳои мӯъминон аст. (Дуруст-хато)

9-Дӯстдоштатарини мардум дар назди Аллоҳ фоидаоварда-тарини онҳо барои мардум аст, мебошад. (Дуруст-хато)

10-Дуои баромадан аз манзил:(Бисмиллоҳи валаҷно ва бисмиллоҳи хараҷно ва ало раббино таваккално). (Дуруст-хато)

11-Барои касе ки маро дашном медиҳад, мегӯям:(Яҳдикумул-лоҳу ва юслиҳу болакум). (Дуруст-хато)

12-Зикрҳо мусалмонро ҳифз мекунад ва ӯро ба Аллоҳ азза ва ҷалла наздик месозад. (Дуруст-хато)

13-Аломати муҳаббати ту барои бародари мусалмонат чист?

..........................................................................................................

14-Аз ҷумлаи чизе ки бар нуқсони имон далолат мекунад:Ба бародари мусалмонат ҳасад бурдан аст. (Дуруст-хато)

15-Сабабҳои ҷалбкунандаи муҳаббат чист?

..........................................................................................................

16-Аз масткунандаҳо ҳаром аст он чизе ки хамр (шароб) номида мешавад. (Дуруст-хато)

17-Дар таому шароб нафас кардан макрӯҳ аст. (Дуруст-хато)

18-Лесидани ангуштон баъди хӯрок хӯрдан ва пеш аз шустан мустаҳаб мебошад. (Дуруст-хато)

19-Миёнаравӣ ҳамон манҳаҷи талабшуда дар таом, либос ва зиннат мебошад. (Дуруст-хато)

20-Ҳақдортарини мардум ба шустан ва бар ӯ намоз хондан ва дафни ӯ.....................сипас....................сипас..........сипас...............

21-Пардохти қарзи майит: OВоҷиб. OСуннат. OМубоҳ аст.

22-Ҳукми дафни майит:O Суннат. OВоҷиб. OФарзи кифоя аст.

23-Ҳукми талқини касе ки марг ӯро фаро расидааст:O Воҷиб. OСуннат. OҲаром аст.

24-Ҳукми ҳозир шудани касе ки бар шустани майит ёрӣ намерасонад:O Ҳаром. OМубоҳ. OМакрӯҳ аст.

25-Ҳаргоҳ майит дар қабр дохил карда шуд, гиреҳҳои кафан кушода мешавад. (Дуруст- хато)

26-Яке аз зану шавҳар дигариашро намешуяд, зеро ақди никоҳ ба сабаби вафот қатъ шудааст. (Дуруст-хато)

27-Барои мард ва зан шустани касе ки барои ӯ.............................

..........................................................................................................

28-Бар касе ки намоз хондани бар майит фавт шуд, гузорад........ ................ва ин дар ҳудуди.............................................................

29-Бар майит гиристан мутлақан ҷоиз аст. (Дуруст-хато)

30-Майит дар лаҳадаш рӯ ба қибла гузошта мешавад. (Дуруст-хато)

# Феҳрасти мавзӯъҳо


Шарҳи муқаддима..........................................................2
Шарҳи дарси аввал:Сураи Фотиҳа ва сураҳои кӯтоҳ.......................4
Барчидаҳо аз тафсири:"Тайсир-ул-Карим-ир-Раҳмон"..................6
Саволҳо оиди муқаддима ва тафсир............................................50
Шарҳи дарси дуввум:Аркони Ислом............................................63
Шарҳи дарси сеюм:Аркони имон.................................................72
Шарҳи дарси чорум:Қисмҳои тавҳид ва ширк..............................78
Шарҳи дарси панҷум:Эҳсон.......................................................83
Саволҳо оиди тавҳид...............................................................84
Шарҳи дарси шашум:Шартҳои намоз...........................................89
Шарҳи дарси ҳафтум:Аркони намоз............................................93
Шарҳи дарси ҳаштум:Воҷибҳои намоз.........................................95
Шарҳи дарси нуҳум:Баёни ташаҳҳуд...........................................96
Шарҳи дарси даҳум:...............................................................97
Шарҳи дарси ёздаҳум:Суннатҳои намоз......................................99
Ҳукмҳои саҷдаи саҳв.............................................................101
Хулосаи равиши намоз бо сурат...............................................102
Хулоса оиди намозҳо ва ҳукмҳои онҳо.......................................112
Саволҳо оиди намоз..............................................................117
Шарҳи дарси дувоздаҳум:Шартҳои вузӯ....................................123
Шарҳи дарси сездаҳум:Фарзҳои вузӯ........................................125
Шарҳи дарси чордаҳум:Шикаандаҳои вузӯ...............................126
Хулосаи равиши вузӯ бо сурат.................................................128
Мавзӯи вобаста ба таҳорат......................................................131
Саволҳо оиди таҳорат.............................................................135
Илова дар ҳукмҳои закот........................................................138
Саволҳо оиди закот................................................................145
Илова дар мавзӯи рӯза...........................................................148
Саволҳо оиди рӯза..................................................................155

Илова дар мавзӯи ҳаҷ ва умра....................................................158
Саволҳо оиди ҳаҷ....................................................................167
Шарҳи дарси понздаҳум:Ба ахлоқи шаръӣ ороста шудан..........170
Шарҳи дарси шонздаҳум:Ба одоби исломӣ одоб гирифтан......171
Шарҳи дарси ҳабдаҳум:Аз ширк
ва маъсиятҳо ҳазар кунондан....................................................174
Шарҳи дарси ҳаждаҳум:Омода кардани майит...........................177
Саволҳо оиди одоб ва ҷанозаҳо................................................185
Феҳрасти мавзӯъҳо....................................................................187

## Феҳрасти сарчашмаҳо

1). Қуръони Карим ба ривояти Ҳафс аз Осим.
2). "ал-Ҷомеъ-ул-муснад-ис-саҳеҳ, ал-мухтасар мин умури Расулиллоҳ ﷺ ва сунаниҳи ва айёмиҳ"-и имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухории Ҷӯъфӣ раҳимаҳуллоҳ. (т:256 ҳиҷрӣ).
3). "ал-Ҷомеъ-ул-муснад-ис-саҳеҳ"-и имом Абӯлҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ раҳимаҳуллоҳ (т:261 ҳиҷрӣ)
4). "Шарҳ-ул-мумтиъ ало зодил мустанқаъ"-и шайх Муҳаммад ибни Солеҳи Усаймин раҳимаҳуллоҳ (1421 ҳиҷрӣ).
5). "ал-Қавл-ул-муфид ало китоб-ит-тавҳид"-и Усаймин раҳимаҳуллоҳ.
6). "Тайсир-ул-карим-ир-Раҳмон фи тафсири калом-ил-Маннон"-и шайх Абдурраҳмон ибни Носири Сиъдӣ раҳимаҳуллоҳ (т:1376 ҳиҷрӣ).

Соати 17:32, рӯзи 25/1/1439 ҳиҷрӣ мувофиқи 15/10/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ таъоло ба поён расид, аз Аллоҳ таъоло мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад, ҳамоно Ӯ қодиру тавоно аст.

Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ
Мадинаи Мунаввара

## Чопи якум

Ҳуқуқи чоп маҳфуз аст, ҷуз барои касе ки хоҳони тавзеъи ройгон аст ва ин баъд аз муроҷиат ва иҷозати муаллифи китоб имконпазир хоҳад буд.

attasseel attasseelalelm attassee.alelmi attasseelalelm1 attasseelalelmi1

Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон
мушриф бар сойти Таъсили илмӣ
www.attasseel-alelmi.com

Аллоҳ таъоло эшон ва волидайнаш ва ҳар касе ки дар таҳияи ин китоб талош намуда бибахшояд.